# ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ОЗОДИИ ИТТИҲОДИЯҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДУШАНБЕ - 2013**

**ББК 6799 (2 тоҷик) + 67,412,1**
**Х-24**

**Ҷанбаҳои ҳуқуқии озодии иттиҳодияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,** Душанбе, 2013. - 174 с. (Нашри сеюм, мукаммалшуда)

Китоби мазкур аз тарафи Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ (ICNL) дар доираи лоиҳаи «Дастгирии Хуқуқии Ташкилотҳои Ҷамъияти граждании дар Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ» омода шудааст ва аз тарафи лоиҳаи «Тараққиёт ба воситаи ҳамкориҳои минтақавӣ (DRC), ки аз ҷониби Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) маблағгузорӣ карда мешавад, нашр шудааст.

**Муаллифон:**

**Наталья Боржели**, Ноиб-президент оид ба Авруосиё, Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ – Мақолаи муқаддимавӣ «Озодии иттиҳодияҳо дар қонунгузории давлатҳои Осиёи Марказӣ»;

**Муатар Ҳайдарова,** Мушовири калони Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ, ҶММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., Боби 1. §1-10, 24-28.

**Хуршед Носиров,** Мушовири Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ, ҶММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., Боби 1.§11-20, 22.

**Умед Қаландаров,** Мушовири Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ, ҶММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Боби 1.§ 21,23. Боби 2.

**Муҳаррирони масъул:**

**Умед Қаландаров,** Мушовири Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ, ҶММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Умед Юсупов,** Мушовири Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ, ҶММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Китоби «Ҷанбаҳои ҳуқуқии озодии иттиҳодияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» васоите мебошад, ки саволҳои оид ба таъсис, бақайдгирӣ ва фаъолияти ИҶ, дигар масъалаҳои амалисозии ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ, инчунин санадҳои асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чунин муносибатҳоро ба танзим медароранд, дар бар мегирад.

Васоити мазкур барои доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст. Он барои ҳуқуқшиносон, кормандони мақомоти давлатӣ, кормандони илмӣ, омузгорон, донишҷӯён ва инчунин он шахсоне, ки мехоҳанд иттиҳодияи ҷамъиятӣ таъсис диҳанд, ё ба масъалаҳои батанзимдарории ҳуқуқи инсон ва озодии иттиҳодияҳо дар давлатҳои Осиёи Марказӣ рағбат доранд, муфид хоҳад буд.

Асноди меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳолати 31.07.2013с. оварда шудааст.

Нашри мазкур бо дастгирии мардуми Амрико, ки ба воситаи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад, чоп шудааст. Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ барои мазмуни нашр масъул аст, ки он метавонад мавқеи USAID ё Ҳукумати ИМА-ро изҳор накунад.

Барномаи “Дастгирии Ҳуқуқии Ташкилотҳои Ҷамъияти гражданӣ” яке аз лоиҳаҳое мебошад, ки аз тарафи мардуми Амрико ба воситаи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) дастгирӣ меёбад.

**© Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ, 2013**
**© Гурӯҳи муаллифон, 2013**
**© Тарҷума ба забони тоҷикӣ, Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ, 2013**

# МУНДАРИЧА


Мулоҳизаҳои қаблӣ ........................................................ 5

**Пешгуфтор:** Озодии иттиҳодияҳо дар қонунгузории давлатҳои Осиёи Марказӣ ........................................................ 7

**Боби 1. Ҷанбаҳои ҳуқуқии озодии иттиҳодияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** ........................................................ 13

1. Кадом шартномаҳои байналмилали оиди ҳуқуқи инсон, ки ҳуқуқ ба озодии иттиҳодияҳоро ба танзим медароранд, аз тарафи давлат тасдиқ (эътироф) шудаанд? ........................................................ 13

2. Оё баъди тасдиқ шартномаҳои байналмилалӣ қисми таркибии низоми ҳуқуқии давлат мегарданд? ........................................................ 14

3. Оё ҳуқуқи байналмилалӣ нисбати ҳуқуқи миллӣ (дохилӣ), аз ҷумла Конститутсия (Сарқонун) бартарӣ дорад? ........................................................ 15

4. Кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқи ҳуқуқ ба озодии иттиҳодияҳоро дар давлат ба танзим медароранд? ........................................................ 15

5. Кадом муқаррароти конститутсионӣ ба озодии иттиҳодия дахл доранд? ... 17

6. Кадом санадҳои зерқонунӣ татбиқи ҳуқуқ ба озодии иттиҳодияҳоро дар давлат ба танзим медароранд? ........................................................ 19

7. Кадом мафҳумро қонун ба ТҒҲ дар давлат медиҳад? Чи тавр ТҒҲ -ро таъсис додан мумкин аст? Кадом мақсадҳоро ТҒҲ метавонад дошта бошад? Кадом қоидаҳо нисбати ҳайати аъзоён ва Оинномаи ТҒҲ татбиқ мешаванд? ........................................................ 19

8. Оё ТҒҲ бе гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ (бидуни бақайдгирӣ) амал намуда метавонад? ........................................................ 30

9. Агар ягон нафар, ки нияти таъсиси ТҒҲ –ро дошта бошад, маълумот оиди тартиби таъсис дастрас ва фаҳмо аст ? ........................................................ 31

10. Оё қонунгузорӣ тартиби иҷозатӣ ё огоҳиро барои гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд? Кадом талаботҳои расмӣ ба тартиби гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад? ........................................................ 32

11. Оё қонунгузорӣ пардохти боҷро барои бақайдгирии давлатии ТҒҲ пешбинӣ мекунад? Агар ҳа, пас андозаи ин боҷ чанд аст ? ........................................................ 36

12. Дар кадом муҳлат мақомоти ваколатдори давлатӣ бояд ариза оиди бақайдгирии ТҒҲ -ро дида барояд? ........................................................ 37

13. Кадом мақомоти давлатӣ барои пешбурди феҳристи ҳамаи ТҒҲ -и мавҷуда ваколатдор аст? Оё ин маълумот оммавӣ мебошад? ........................................................ 37

14. Оё ба ТҒҲ барои бақайдгирӣ рад кардан мумкин аст? Дар кадом асосҳо? Оё сабабҳои рад намудан шарҳ дода мешаванд? ........................................................ 39

15. Агар барои бақайдгирӣ рад карда шавад, пас тартиби минбаъда чи гуна аст? Оё барои рад кардани бақайдгирӣ ба суд шикоят кардан мумкин аст? ........................................................ 41

16. Агар ТҒҲ нияти таъсиси филиал дошта бошад, пас барои ин гирифтани иҷозати иловагӣ зарур аст? ........................................................ 42

17. Кадом тартиб нисбати ТҒҲ -ҳои байналмилалӣ барои гирифтани иҷозат ба фаъолият ё кушодани филиал дар давлати қабулкунанда паҳн мегардад? ........................................................ 43

18. Оё қонун талабот оиди азнавбақайдгирии ТҒҲ-ро пешбинӣ мекунад? Дар кадом ҳолатҳо чунин азнавбақайдгирӣ талаб карда мешавад?........................................................................................ 46
19. Кадом мақомоти давлатӣ ваколати санҷиши фаъолияти ТҒҲ-ро доранд? ........................................................................................ 48
20. Кадом мақомоти давлатӣ аризаҳо аз ТҒҲ оиди гирифтани имтиёзҳои молиявӣ ва дигар имтиёзҳоро баррасӣ менамоянд?.................. 49
21. Оё ТҒҲ иҷозати гирифтани маблағгузории хориҷиро доранд? Кадом қонунҳо гирифтани чунин маблағгузориро ба танзим медароранд?........... 49
22. ТҒҲ кадом андозҳоро месупоранд? ТҒҲ ба кадом имтиёзҳои андозӣ талабгор шуда метавонанд? Тартиб ва талаб барои гирифтани чунин имтиёзҳо чи гуна мебошанд? Оё ин тартиб шаффоф ва дастрас барои ТҒҲ мебошад?........................................................................................ 51
23. Оё ТҒҲ уҳдадории пешниҳоди ҳисобот ба мақомоти давлатӣ доранд? Дар кадом ҳолатҳо?........................................................................................ 57
24. Оё озодии иттиҳодия маҳдуд ва ё муваққатан боздошт карда шуда метавонад? Он бо кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровarда мешавад? ........................................................................................ 57
25. Дар кадом ҳолатҳо амалҳои ТҒҲ асоси махкам намудани он мешаванд? Ин тартибот чи гуна аст?........................................................................................ 61
26. Оё ТҒҲ дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, ки ба мақом ва маблағгузории фаъолияти онҳо таъсир мерасонад, иштирок мекунад? Қонунгузорӣ бо кадом тарз чунин иштирокро пешбинӣ менамояд?........................................................................................ 65
27. Ҷавобгарии ТҒҲ ........................................................................................ 68
28. Хулоса. Таҳлили мухтасари муқарарроти қонунгузории миллӣ, ки ба стандартҳои байналмилалӣ оиди озодии иттиҳодия ва таҷрибаи мусбии байналмилалӣ дар соҳаи танзими ТҒҲ, мувофиқат мекунад ё мувофиқат намекунад........................................................................................ 73

**Замима. Иқтибосҳо аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ба танзим медароранд .........** 79

## Мулоҳизаҳои қаблӣ

1. Шарҳи мазкур қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи озодии иттиҳодияҳоро дар бар мегирад.

2. Дар Осиёи Марказӣ давлатҳои истилоҳҳои гуногунро барои муайянсозии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ғайритиҷоратӣ истифода мебаранд[1]. Барои қулай ва ягонагии истилоҳот дар доираи нашри мазкур муаллифон истилоҳи умумиистифодашаванда «ташкилоти ғайриҳукуматӣ» ва ихтисори умумиқабулшудаи он «ТҒҲ»-ро истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, дар назар дошта мешавад, ки он ҳамин гуна маъноро чун истилоҳҳои муносиб барои муайянсозии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (ғайрисоҳибкорӣ), ба монанди «ТҒҒ» ё «ТҒТ» дар қонунгузории миллии дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ, дорад.

Дар нашри мазкур пеш аз ҳама мавқеи ҳуқуқии ташкилотҳое, ки ба узвият асос ёфта – иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки мақоми (статуси) шахси ҳуқуқиро доранд, таҳлил карда мешавад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ яке шаклҳои ташкили-ҳуқуқии аз ҳама зиёд паҳнгардида барои ТҒҲ дар ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ мебошанд ва шакли асосие мебошанд, ки ба воситаи онҳо шаҳрвандон ҳуқуқи худ оид ба муттаҳидшавиро изҳор менамоянд. Дар нашри мазкур хусусиятҳои танзими ҳуқуқии иттифокҳои касаба, ҳизбҳои сиёсӣ, кооперативҳо, ташкилотҳои динӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва минтақавӣ, дида баромада намешаванд.

Ғайр аз ҳолати ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, таҳлил масъалаҳои ҳуқуқии татбиқнамоии ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқиро дида мебароядд. Бо вуҷуди ин барои мақсадҳои таҳлили мазкур чунин гуруҳҳои ташаббускор, инчунин ба мафҳуми «ташкилоти ғайриҳукуматӣ» («ТҒҲ») дохил мешаванд.

3. Таҳлили қонунгузории ҶТ нақшаи ягонаи зерин дода шудааст. Ҳангоми тайёр намудани ин нақша сохтори саволнома оиди озодии маҷлисҳои сулҳҷуёна ва ассосиатсиҳо, ки аз тарафи Бюро оиди институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони ТБҲЕ (БИДҲИ) дар соли 2004 тайёр ва паҳн карда шуда буд, қисман истифода шудааст.

[1] Аксари кодексҳои граждании давлатҳои Осиёи Марказӣ истилоҳи ташкилоти ғайритиҷоратиро ҳамчун «шахси ҳуқуқӣ – ташкилоте, ки ба даст овардани фоида мақсади асосии он намебошад ва фоидаи тозаи ба дастовардаро байни иштирокчиён тақсим намекунад» муайян менамоянд (Масалан муайянсозии истилоҳ мувофиқи КГ ҶҚ, моддаи 34 (1). Чунин ташкилотҳо дар шаклҳои ташкили-ҳуқуқии гуногун, ки дар КГ пешбинӣ шудаанд, таъсис карда шуда метавонанд. Шаклҳои анъанавӣ муассисаҳо, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва фондҳои ҷамъиятӣ, инчунин ҷамъиятҳои саҳомии ғайритиҷорӣ, кооперативҳои матлубот ва ташкилотҳои динӣ мебошанд. Аммо қонунгузорӣ метавонад, инчунин дигар шаклҳои ташкили-ҳуқуқиро пешбинӣ намояд.

## Пешгуфтор
## Озодии иттиҳодияҳо
## дар қонунгузории давлатҳои
## Осиёи Марказӣ

Аз лаҳзаи ба даст овардани мустақилият, давлатҳои Осиёи Марказӣ қонунгузорие қабул карданд, ки ба шаҳрвандон имконияти муттаҳидшавиро медиҳад. Ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ созишномаҳои байналхалқии асосии оид ба ҳуқуқи инсонро ратификатсия намуданд. Муқаррароти асосии конститутсияҳо бо Муқаррароти созишномаҳои байналхалқи оид ба ҳуқуқи инсон, умуман монанд мебошанд. Кодексҳои граждани ва қонунҳо оиди ТҒҲ тартиби таъсис ва фаъолияти ТҒҲ-ро ба танзим медароранд. Оё ин маънои кифоя будани қонунгузории мавҷуда, барои таъмини ҳуқуқ ба иттиҳодияро дорад? Қонунгузории ҷориро чи гуна мукаммал намудан мумкин аст? Кадом масъалаҳои қонунгузориро ҳамчун умумӣ барои минтақа ҷудо намудан мумкин аст? Дар мақола кушиш карда мешавад, ки ба ин саволҳо ҷавоб дода шавад.

Бо сабаби, он ки қонунҳои гуногун метавонанд ба татбиқнамоии ҳуқуқ ба иттиҳодия таъсир расонанд, назари асосиро мо ба таҳлили қонунгузорӣ барои ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (ТҒҲ)[1] мекунем, чун ки ин қонугузорӣ ба татбиқнамоии ҳуқуқ ба иттиҳодия аҳамияти махсус дорад. Пеш аз оне, ки масъалаҳои умумиро дар қонунгузорӣ ҷудо намоем, кушиши шарҳи мухтасари қонунгузориро мекунем, умумият ва хусусиятҳоро дар қонунгузории давлатҳои гуногуни Осиёи Марказӣ ҷудо менамоем.

Қонунгузории давлатҳои Осиёи Марказӣ умумиятҳои зиёд дорад. Ин сабабҳои таърихӣ дорад. Дар солҳои 1991-1992 ҳамаи давлатҳои нави мустақил - ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС, аз ҷумла давлатҳои Осиёи Марказӣ қонунгузории монандро оиди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қабул намуданд[2]. Қонунҳо оиди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар вақти худ, нақши муҳимро барои барпонамоии сектори ҷамъиятӣ дар минтақа

---

**[1] Давлатҳои гуногун дар Осиёи марказӣ истилоҳоти гуногунро барои муайянсозии як мафҳум истифода мебаранд: «ғайритиҷоратӣ» (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Узбекистон), «ғайритиҷоратии ғайридавлатӣ» (Қонуни Узбекистон дар бораи ТҒҒ), «ташкилоти ғайрисоҳибкорӣ» (КГ Туркменистон). Ташкилоти ғайритиҷоратӣ гуфта ташкилотеро мефаҳманд, ки ба даст овардани фоида мақсади асосии он намебошад ва фоидаи тозаи ба дастовардаро байни иштирокчиён тақсим намекунад (Масалан муайянсозии истилоҳ мувофиқи КГ ҶҚ, моддаи 34 ). Дар матни мақола истилоҳҳои гуногун мувофиқи қонунгузории давлате, ки дар бораи он сухан меравад, истифода мешавад. Вақте, ки сухан дар бораи хусусиятнокии қонунгузории барои давлати мушаххас меравад, муаллифон истилоҳи ТҒҲ (ташкилоти ғайриҳукумати)-ро истифода мебаранд, ки ҳамон маънои истилоҳи муносиби давлатро дорад.**

бозиданд, новобаста аз он ки масъалаҳои ҷиддӣ доштанд. Ин қонунҳо имкон доданд, ки ташкилотҳои ихтиёрӣ ва худидораи ба узвият асос ёфта ва мақсади асосии ба даст овардани фоида надошта, таъсис дода шаванд.

Дар давраи ояндаи инкишофёбии қонунгузорӣ Қазоқистон (1994), Қирғизистон (1996) ва Узбекистон (1997) кодексҳои гражданӣ қабул намуданд[1]. Бо сабаби он, ки кодексҳои гражданӣ ба кодекси намунавӣ, ки дар солҳои охири мавҷудияти ИҶШС асос меёфтанд, ин кодексҳо бисёр умумиятҳо доштанд. Бояд қоил шуд, ки ин кодексҳои гражданӣ фасл оиди шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ, ки асоси батанзимдарории шаклҳои гуногуни ташкили-ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратиро, доштанд. Ба сифати шаклҳои асосӣ ин кодексҳо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (ташкилотҳои ба узвият асос ёфта), муассисаҳо (ташкилотҳои дар моликияти муассис буда) ва фондҳои ҷамъиятиро (ташкилотҳое, ки узвият надоранд ва ба моликияти алоҳида асос ёфтаанд) мустаҳкам намуданд.

Аммо муқаррароти КГ барои ташкили шаклҳои ташкили-ҳуқуқӣ, ба ғайр аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки аллакай бо қонунҳои алоҳида ба танзим дароварда мешуданд, кифоя набуд. Аз дигар шаклҳо, воқеан танҳо муассисаҳои давлатӣ, ки ба мафҳуми «шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ» дохил мешуданд, вуҷуд доштанд, вале онҳоро «ТҒҲ»-и анъанавӣ номидан мумкин нест. Мувофиқи қонунгузорӣ, муассисаҳои давлатӣ худидоракунанда намебошанд, вале дар асоси санадҳои давлатии маъмурӣ ташкил шуда, фаъолият мекунанд. Новобаста аз будани ташкилотҳое, ки фонд номида мешуданд, ҳамчун шакли ташкили-ҳуқуқӣ фондҳо дар давлатҳои Осиёи Марказӣ то қабул намудани қонунгузории иловагӣ барои инкишофи КГ, вуҷуд надоштанд.

Баъди қабули кодексҳои гражданӣ, Қонунҳои «куҳна» оиди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аллакай ба муқаррароти нави КГ мувофиқат намекарданд, инчунин талаботҳои ташкилотҳои ҷамъиятии инкишофёбандаро инъикос намекарданд. Масалан, ин қонунҳо, ҳизбҳои сиёсиро бо ҳамроҳии дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба танзим медароварданд, ки ба дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ талаботҳои баланд вогузор мекард. Ин қонунҳо, қонунҳои асосии таҳкурсигӣ дар танзими ташкилотҳои ҷамъиятӣ буданро давом медоданд, аммо талаботи бо кодексҳои нави гражданӣ мувофиқат намуданро доштанд.

---

**[1] Тоҷикистон ва Туркменистон КГ дертар қабулкардаанд, мутаносибан дар солҳои 1999 ва 1998. Кодексҳои онҳо аз кодексҳои дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ хеле фарқият доранд.**

Қонунҳои нав (нашри қонунҳо) оиди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Қазоқистон (1996), дар Тоҷикистон (1998 ва Қонуни на дар 2007), Туркманистон (2003) қабул карда шуда буданд. Қирғизистон бо роҳи дигар рафт, ки дар он ҷо Қонуни кухна оиди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо Қонун оиди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ иваз карда шуд.

Аммо бо инкишоф ёфтани ҷамъияти гражданӣ, як қонун оиди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои ҳалли масъалаҳои шадид ва инкишофи минбаъдаи сектори ТҒҲ, аллакай кифоя нашуд. Бисёр давлатҳои ба тайёр намудан ва қабули қонунҳое, ки муносибатҳои ТҒҲ-ро ба танзим медароварданд, бо инкишоф додани муқаррароти кодексҳои гражданӣ, шуруъ намуданд.

Қирғизистон (1999), Узбекистон (1999) ва Қазоқистон (2001) қонунҳои умумӣ оиди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки ТҒҲ-ҳои шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳо ва фондҳоро ба танзим медароранд. Ин қонунҳо нақши муҳимро дар инкишофи сектори ТҒҲ дар минтақа бозиданд. Аммо, новобаста аз номукаммалӣ ва такрори муқаррароти КГ, ин қонунҳо таъсиси ТҒҲ-ро дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун, имконпазир намуданд.

Эҳтимол, аз ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Қирғизистон қонун дар бораи ТҒТ, дар инкишофи ҷамъияти гражданӣ нақши муҳимтар ва мусбитарро бозидааст. Ғайр аз он, қонун ба ташкили ТҒҲ дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун имконият дод, он ҳуқуқ ба маҷудияти ТҒҲ бе таъсиси шахси ҳуқуқи, байқайдгирии давлатии ройгони ТҒТ, имконияти таъсис ва иштироки якҷояи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар ассосиатсияҳоро мустаҳкам намуд.

Қонуни қазоқистонӣ таъсири камтар, вале инчунин мусбӣ ба инкишофи сектори ТҒҲ дошт. Дар Узбекистон, қонун таъсири муҳим, вале аз таъсири ҳуқуқӣ дида бештар таъсири сиёсӣ дошт. Он бақайдгириро ба бисёр иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ осон намуд, барои он, ки дар он дастгирии ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ (ТҒҒ) эълон карда шуда буд. Аммо қонуни узбекӣ оиди ТҒҒ пурра иҷро намешавад. То ҳол қоидаҳо оиди бақайдгирии ТҒҒ аз руи қонун дар бораи ТҒҒ таҳия нашудаанд, ки набудани ТҒҲ-ро дар чунин шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди фондҳо ва муассисаҳо мефаҳмонад. Масъалаҳои алоҳида вобаста ба бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо он фаҳмонида мешавад, ки Қонун дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятии соли 1991, на ба КГ ва на ба Қонун дар бораи ТҒҒ мувофик карда нашудааст.

Бо қабули қонунҳои нав давлатҳои бо масъалаҳои нав ру ба ру гардиданд. Бо назардошти он, ки муқаррароти конститутсияҳои баъзе давлатҳои, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд (Қазоқистон ва Узбекистон), ҳамон як муносибатҳо оиди таъсис,

сохтори дохилӣ ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ метавонанд бо қонунҳои гуногун ба танзим дароварда шаванд, бо вуҷуди он ки на ҳама вақт қонунҳо бо якдигар мувофиқат мекунанд.

Дар як қатор давлатҳои бисер муқарароти қонунҳо оиди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, муқарароти кодексҳои гражданиро (Қазоқистон, Қирғизистон) такрор мекунанд, қонунҳо оиди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бошанд (Туркманистон,Узбекистон) на ҳама вақт бо кодексҳои гражданӣ мувофиқ карда шудаанд. Дар ҳолати такрор ёфтани муқарарот аз қонун ба қонун (муқарароти кодекси гражданӣ ба қонун дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ), инчунин мувофиқ накардани қонунҳои куҳна бо нисбатан навтар (қонунҳо оиди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо қонунҳо оиди ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва/ё кодексҳои гражданӣ) масъалаҳое пайдо мешаванд, ки татбиқи қонунгузорӣ оиди ТҒҲ-ро душвор менамоянд.

Ҳатто қонунҳои аз ҳама беҳтарини дар қоғаз, ҳуқуқ ба иттиҳодияро таъмин намекунанд, агар онҳо дар таҷриба татбиқ нашаванд. Бо вуҷуди он, ки омили муҳим татбиқи қонунҳо мебошад, аҳамияти сифати қонунҳоро кам намудан мумкин нест: батанзимдарории ҷузъии тартибот, забони фаҳмо, инчунин набудани зиддиятҳо бо дигар меъёрҳои қонунгузорӣ ва тасвияҳои аниқ. Бо сабаби он, ки қонунгузории идеалӣ дар ҳеҷ куҷо вуҷуд надорад, ҳар давлат мустақилона қонунгузории худро таҳлил менамояд ва оиди мукаммалнамоии он қарор қабул мекунад. Ақидае ҳаст, ки дар рафти инкишоф фарқиятҳо байни қонунгузории давлатҳои Осиёи Марказӣ меафзояд.

Масалан, дар баъзе давлатҳои савол оиди мақсаднокии вуҷуд доштани қонуни алоҳида оиди ТҒТ ба миён меояд, дар он вақте, ки қонунҳои махсус мавҷуданд, ки шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии алоҳидаи ТҒТ-ро ба танзим медароранд. Дигар давлатҳои қарор мекунанд, ки қонуни ягона оиди ташкилотҳои ғайритиҷоратиро мукаммал намоянд. Ин рафти муқаррариест, ки дар натиҷаи инкишофи қонунгузорӣ баъзе қонунҳо қувваи амалро гум мекунанд, қонунҳои нав бошанд, қабул карда мешаванд.

Ҷудо намудани масъалаҳои таҷрибавии танзими таъсис ва фаъолияти ТҒҲ, ба тайёр намудани барномаи самаранок барои ислоҳоти қонунгузорӣ кумак менамояд. Гумон аст, ки бояд алалхусус ба масъалаҳои таҷрибавӣ, ки ба фаъолияти ТҒҲ таъсир мерасонад, диққати махсус додан лозим аст. Новобаста аз он ки роҳҳои ҳалли масъалаҳо дар як давлат нисбати дигар давлат фарқ мекунанд, як қатор масъалаҳои умумиро дар танзими ТҒҲ дар минтақа ҷудо намудан мумкин аст:

- Манъи вуҷуд доштани ТҒҲ-ии бақайдгирифтанашуда ва инчунин ҷавобгарии маъмурӣ ва/ё ҷиноятӣ барои шахсоне, ки аз номи

ТҒҲ-ии бақайдгирифтанашуда амал менамоянд. Қонунгузории Қазоқистон (моддаи 5-и Қонуни ҶҚ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»), Узбекистон (моддаи 216 КҶ) ва Туркманистон (моддаи 17-и Қонуни Туркманистон дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ) ҳоло чунин манъкунӣ доранд, ки ӯҳдадориҳои байналхалқии ин давлатҳоиро вайрон мекунад. Шаҳрвандон бояд мустақилона қарор диҳанд, ки ҳуқуқи муттаҳид шуданро бо таъсис ё бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ мекунанд.

- Тартиботи бюрократӣ, дарозмуддат ва қиммати бақайдгирии ТҒҲ ба бисёр давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ғайр аз Қирғизистон, хос аст. Масалан, дар Узбекистон Қонун дар бораи ТҒҒ барои бақайдгирӣ ду моҳро пешбинӣ менамояд, аммо қоидаҳо оиди бақайдгирӣ боз ба як моҳ дароз намудани ин муҳлатро имкон медиҳанд, маблағи бақайдгирӣ барои ТҒҒ – аз 20 музди меҳнати ҳадди ақал ва 100 доллар (барои байналмиллалӣ), то 10 музди меҳнати ҳадди ақал барои ТҒҒ маҳаллӣ бошад, таъсиси иттиҳодияи ҷамъиятиро барои бисёр шаҳрвандон дастнорас менамояд. Меъёри (критерияи) оддӣ барои баҳо додани бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ин муқоисаи тартиботи бақайдгирӣ барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо тартиботи бақайдгирӣ барои корчалонӣ мебошад. Ба таҷрибаи мусбии байналхалқӣ чунин тартибот мувофиқ аст, ки ақалан он мураккабтар ва қимматтар нисбат барои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ набошад.
- Бақайдгирӣ ва маҳдудияти фаъолият дар асоси ҳудуди фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки аз қонунҳои шуравӣ оид ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мерос шудаанд. Талабот ба бақайдгирии иттиҳодияи ҷамъиятӣ вобаста аз сатҳи ҳудудӣ – нисбатан мураккаб (пардохти бақайдгирии аз ҳама қиммат, миқдори аз ҳама зиёди муассисон ва инчунин зарурияти таъсиси филиалҳо дар ҷойҳои гуногун) барои байналмилалӣ ва миллӣ (ҷумҳуриявӣ) ва аз ҳама оддӣ – барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллӣ. Бо вуҷуди ин, расман иттиҳодияҳои ҷамъиятии сатҳи маҳаллӣ метавонанд дар ҳудуди вилояти маъмурӣ вобата аз ҷои бақайдгирӣ фаъолият намоянд ва наметавонанд дар дигар минтақаҳо фаъолият намоянд (масалан, дар конференсияҳо иштирок намоянд ё вохуриҳо гузаронад) ва агар хоҳанд, ки ҳудуди фаъолияти худро васеъ намоянд, бояд аз нав ба қайд гирифта шаванд. Ғайр аз он тартиботи мавҷуда фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро маҳдуд менамояд, давлат имконият ва талаботи татбиқи онро берун аз тартиботи бақайдгирӣ, надорад.
- Бисёр қонунҳо оиди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фақат ба шахсони воқеӣ имконияти байни худ муттаҳид шуданро медиҳанд, на ин ки якҷоя ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (ба ғайр аз Қирғизистон). Аз

байни шахсони ҳуқуқӣ танҳо дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятие истисно мебошанд, ки метавонанд ҳамчун муассис ва аъзо дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ якҷоя бо шаҳрвандон бошанд. Чунин маҳдудият ба таҷрибаи мусбии байналхалқӣ мувофиқ нест ва аз руи нуқтаи назари мақсаднокӣ асос надорад.

- Чун пештара дар минтақа амалан фондҳо ҳамчун шакли ташкилӣ – ҳуқуқии ТҒҲ вуҷуд надоранд (ғайр аз Қазоқистон ва Қирғизистон). Дар бисёр давлатҳои ҷаҳон фондҳо механизми молии муҳим барои ТҒҲ мебошанд. Вале ҳамчун одат, миқдори фондҳо нисбат ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ камтар мебошанд, қариб пурра набудани онҳо дар Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбекистон, аз инкишофи кофӣ надоштани қонунгузории муносиб шаҳодат медиҳад.

Руйхати масъалаҳо пурра намебошад. Масъалаҳои дигари барои ҳар як давлат хусусиятнок низ мавҷуданд, ки бояд ҳангоми таҳияи қонунгузории наве, ки ҳуқуқ ба озодии иттиҳодияро ба танзим медарорад, ба назар гирифта шаванд.

Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ (ICNL) омода аст, ки минбаъд ба шахсони манфиатдор ёрии техникиро барои мукамалсозии қонунгузорӣ барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ расонад.

## Боби 1. ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ОЗОДИИ ИТТИҲОДИЯҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***1. Кадом шартномаҳои байналмилалии оиди ҳуқуқи инсон, ки ҳуқуқ ба озодии иттиҳодияҳоро ба танзим медароранд, аз тарафи давлат тасдиқ (эътироф) шудаанд?***

- Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, соли 1948.
- Паймони байналхалқӣ «Доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ», соли 1966. Ҷумҳурии Тоҷикистон санад оиди ҳамроҳшавиро 13 ноябри соли 1998 нашр намуд, тасдиқномаро ба маҳфуздоранда 4 январи соли 1999 супорид. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ 4 апрели соли 1999 ба қувваи амал даромад.
- Протоколи иловагӣ ба Паймони байналхалқӣ «Доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ», 4 январи соли 1999 аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.
- Паймони байналхалқӣ «Доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ», соли 1966. Ҷумҳурии Тоҷикистон санад оиди ҳамроҳшавиро 13 ноябри соли 1998 нашр намуд, тасдиқномаро ба маҳфуздоранда 4 январи соли 1999 супорид. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон Паймон 4 апрели соли 1999, ба қувваи амал даромад.
- Конвенсия «Дар бораи ҳуқуқи кӯдак», соли 1989, аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 тасдиқ шудааст.
- Конвенсия «Дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон», соли 1979, аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 тасдиқ шудааст.
- Конвенсияи СММ «Дар бораи мақоми гурезаҳо», соли 1951 ва Протоколи марбут ба мақоми гурезаҳо, соли 1967, аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 тасдиқ шудааст.
- Конвенсия дар бораи таъмини ҳуқуқҳои шасоне, ки ба аққалияти миллӣ таалуқ доранд (аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 январи соли 2001, №214 тасдиқ шудааст).
- Эъломияи Вена ва барномаи амалҳо (Дар Конференсияи умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз 25 июни соли 1993 қабул шудааст).
- Конвенсияи Вена «Дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналхалқӣ» аз 23 майи соли 1969, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия 11 марти соли 1996 ҳамроҳ шуд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия аз 5 июни соли 1996 ба қувваи амал даромад.
- Конвенсияи СММ оид ба дастрасӣ ба иттилоот, иштироки ҷамъият дар раванди қабули қарорҳо ва дастрасӣ ба адолати судӣ

оиди масъалаҳои вобаста ба муҳити зист (25 июни соли 1998, Орхусс, Дания), аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001 тасдиқ шудааст.

- Конвенсияи ТБМ «Дар бораи татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ташкил ва бастани шартномаҳои коллективӣ» аз 1 июли соли 1949, №98, аз ҷониби ҶТ 26 ноябри соли 1993 тасдиқ шудааст.
- Конвенсияи ТБМ №87 «Дар бораи озодии ассотсиатсияҳо ва ҳифзи ҳуқуқ ба ташкилот» аз 9 июли соли 1948, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия 26 ноябри соли 1993 ҳамроҳ шудааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия 26 ноябри соли 1993 ба қувваи амал даромад.
- Конвенсияи ТБМ «Дар бораи ҳуқуқ ба ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои меҳнаткашон дар хоҷагии қишлоқ» аз 25 октябри соли 1921, №11. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия 26 ноябри соли 1993 ҳамроҳ шудааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия 26 ноябри соли 1993 ба қувваи амал даромад.
- Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз 26 майи соли 1995.
- Конвенсия дар бораи стандартҳои интихоботи демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои интихоботӣ дар давлатҳои- иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (Кишинев, 7 октябри соли 2002).

***2. Оё баъди тасдиқ, шартномаҳои байналмилалӣ қисми таркибии низоми ҳуқуқии давлат мегарданд?***

Мувофиқи моддаи 10-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 8-и Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», санадҳои меъёрии ҳуқуқии эътирофнамудаи Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд.

Тартиби эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар худи ин санадҳо ё қонун муқаррар мегардад. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор мегиранд ва амали бевосита доранд.

Меъёрҳои расман интишоршудаи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қабули қонунҳоро барои татбиқи онҳо талаб намекунанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита амал менамоянд.

Мувофиқи моддаи 9-и Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», агар барои амалӣ гардонидани ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани (имплементатсияи) меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, дар сатҳи дохилидавлатӣ зарур бошад, мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ қабул мекунанд.

Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки барои амалӣ гардонидани ӯҳдадориҳои пешбининамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, дар мавридҳои зерин қабул карда мешаванд, агар:

– мавзӯи танзими санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон масъалаҳои мансуб ба соҳаи танзими меъёрии ҳуқуқӣ буда, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда нашуда бошанд ва ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мухолиф бошанд;

– иҷрои ӯҳдадориҳои пешбининамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда бе қабули санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон бошад;

– иштироккунандагони шартномаи байналмилалӣ дар бораи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори миллӣ аҳду паймон карда бошанд. (Моддаи 9-и Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»).

***3. Оё ҳуқуқи байналмилалӣ нисбати ҳуқуқи миллӣ (дохилӣ), аз ҷумла Конститутсия (Сарқонун) бартарӣ дорад?***

Мувофиқи моддаи 10-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 14-и Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Ҳамзамон, Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар моддаи 14 муқарар менамояд, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон набояд хилофи Конститутсия бошанд. Дар мавриди ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё қисмҳои таркибии онҳо меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

***4. Кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқи ҳуқуқ ба озодии иттиҳодияҳоро дар давлат ба танзим медароранд?***

- Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, дар таҳрири аз 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003.

- Кодекси граждании ҶТ аз 30 июни соли 1999, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 6 августи соли 2001 ва 3 майи соли 2002. fр 03.07.2012с. ва аз 28.12.2012с
- Кодекси меҳнати ҶТ аз 15 майи соли 1997, дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 01.08.2012с.)
- Кодекси андози ҶТ аз 17,09,2012с. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ аз 19.03.2013г. Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998, дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 03.07.2012с.№844.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ» аз 5 ноябри соли 1992, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 28.07.2006с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 28.06.2011с.
- Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқуллода» аз 3 ноябри соли 1995, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 10 майи соли 2002., аз 6.10.2008с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» аз 3 марти соли 2006., аз 16.04.2012с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳо» аз 2 майи соли 1998., ва аз 28.06.2011с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007., ва аз 19.03.2013с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22 майи соли 1998., ва аз29.12.2010 с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» аз 13 ноябри соли 1998.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999., аз 01.08.2012с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи мурожиатҳои шаҳрвандон» аз 14 декабри соли 1996, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз соли 1998., ва аз 03.07.2012с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 марти соли 1992, дар таҳрири Қонунҳои ҶТ аз 4 ноябри соли 1995 ва аз 5.01. 2008с. .
- Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002., ва аз 5.01. 2008г.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 декабри соли 1999, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 6 августи соли 2001, аз 28.12.2005с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» аз 22 апрели соли 2003.

- Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароҳ)» аз 8 декабри соли 2003, ва аз 5.03.2007г
- Қонуни ҶТ «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз 28 феврали соли 2004, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 19.03.2013с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» аз 25.03.2011с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 17 майи соли 2004.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15 июли соли 2004, ва аз 28.06.2011с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июли соли 2006 №194, дар тахрири Қонуни ҶТ аз 20.03.2008.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» аз 28 июли соли 2006 №194, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 5 январи соли 2008.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ» аз 31 декабри соли 2008.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи судӣои ҳакамӣ» аз 5 январи соли 2008 ва аз 03.04.2012с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» аз 5 январи соли 2008.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009 , ва аз 28.12.2012с.
- Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5 августи соли 2009, ва аз 01.08.2012с
- Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009.
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Маркази ҳамоҳангсозии кӯмаки хориҷии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 январи соли 1997.

***5. Кадом муқарароти конститутсионӣ ба озодии иттиҳодия дахл доранд?***

Дар Боби 1-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 8 таъкид карда шудааст, ки дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад.

Ҳамзамон, мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъияти, дини, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлати эътироф шавад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёси дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд.

Мувофиқи Конститутсия ташкилотҳои динӣ бояд аз давлат ҷудо бошанд ва ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд.

Мувофиқи ҳамин моддаи Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ, таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъияти ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарасти, миллатгарои, хусумат, бадбинии иҷтимои ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсиони ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Илова бар он, моддаи 6 муқарар менамояд, ки ҳеҷ як иттиҳодияи ҷамъияти, ҳизбҳои сиёси, гурӯҳи одамон ва ё фарде ҳақ надорад, ки ҳокимияти давлатиро ғасб намояд.

Боби 2-юми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ба ҳуқуқ, озоди, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Ҳамин тавр, моддаи 14 тасдиқ менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳури ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Ҳамзамон моддаи 16-и Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ ба шаҳрвандони хориҷи ва шахсони бешаҳрванд имконияти истифода бурдан аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда ва баробари шаҳрванди Тоҷикистон вазифа ва масъулият доштан, ба истисноИ ҳолатҳое, ки қонун пешбини намудааст, медиҳад.

Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, бошад танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъияти, ҳимояи сохти конститутсиони ва тамомияти арзии ҷумҳури раво дониста мешавад.

Инчунин моддаи 28-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар менамояд, ки шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд ва ҳақ доранд дар ташкили ҳизбҳои сиёси, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократи, дини ва атеисти дошта, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъияти иштирок намоянд, ихтиёран ба онно дохил ва аз онҳо хориҷ гарданд.

Ин модда инчунин таъкид менамояд, ки ҳизбҳои сиёси дар асоси гуногунандешии сиёси барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёси иштирок менамоянд. Сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократи мувофиқ бошанд.

***6. Кадом санадҳои зерқонунӣ татбиқи ҳуқуқ ба озодии иттиҳодияҳоро дар давлат ба танзим медароранд?***

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи ҳуқуқ ба озодии иттиҳодияҳо бо санадҳои зерқонунӣ танзим намегарданд.

***7. Кадом мафҳумро қонун ба ТҒҲ дар давлат медиҳад? Чи тавр ТҒҲ -ро таъсис додан мумкин аст? Кадом мақсадҳоро ТҒҲ метавонад дошта бошад? Кадом қоидаҳо нисбати ҳайати аъзоён ва Оинномаи ТҒҲ татбиқ мешаванд?***

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «ТҒҲ» истифода намешавад.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 50 шахсони ҳуқуқиро ба ташкилотҳое, ки ба даст овардани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд (ташкилотҳои тиҷорати) ё чунин мақсади ба даст овардани фоидаро надошта, фоидаро байни иштирокчиён тақсим намекунанд (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ), ҷудо менамояд.

Ашхоси ҳуқуқие, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли кооперативҳои матлубот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ё динӣ, муассисаҳои аз ҷониби молик маблағгузоришаванда, фондҳои хайрия ва фондҳои дигар, инчунин дар дигар шаклҳои пешбининамудаи қонун таъсис дода шаванд.

Таъсиси иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар шакли ассотсиатсияҳо ё иттифоқҳо ба роҳ монда мешавад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» дар моддаи 4 ба мазмуни ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ нишон медиҳад. Чунончи, ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ ҳуқуқи дар асоси ихтиёрӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ноил гардидан ба мақсадҳои умумӣ таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шомил шудан ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии мавҷуда ё худдорӣ кардан аз шомилшавӣ ба онҳо, инчунин аз ин иттиҳодияҳо бе мамониат баромаданро дар бар мегирад. Ғайр аз он, шаҳрвандон ҳуқуқ доранд мустақилона, бе иҷозати пешакии мақомоти давлатӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис диҳанд, инчунин ба ин гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо шарти риоя кардани меъёрҳои оинномавии онҳо дохил шаванд.

Дар Боби 4, фасли 5 «Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ», КГ ҶТ шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқии зеринро нишон медиҳад:

- *Кооперативҳои матлубот (Моддаи 128)*

Кооперативи матлубот иттиҳодияи ихтиёрии шаҳрвандон дар асоси узвият бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи моддии (амволии) иштирокчиён бо роҳи муттаҳид сохтани аъзоҳақии саҳми амволии аъзои он эътироф карда мешавад.

Оинномаи кооперативи матлубот ба ғайр аз маълумоти дар қисми 2 моддаи 53 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардида, инчунин бояд шартҳоро дар бораи андозаи аъзоҳаққии аъзои кооператив; дар бораи таркиб ва тартиби супурдани аъзоҳаққи аз ҷониби аъзои кооператив ва масъулияти онҳо барои вайрон кардани ӯҳдадори дар мавриди супурдани аъзоҳаққи; дар бораи ҳайату салоҳияти мақомоти идораи кооператив ва тартиби қарор қабул кардани онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки аз рӯи онҳо қарор якдилона ё бо аксарияти кулли овозҳо қабул карда мешавад; дар бораи тартиби ҷуброни зиёни ба кооператив расонидашуда аз ҷониби аъзои кооператив, дар бар гирад.

Ҳамзамон мувофиқи моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» барои байқайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намудани оинномаи кооперативи матлубот талаб карда намешавад.

Номи кооперативи матлубот бояд ишора ба мақсади асосии фаъолияти он, инчунин калимаи "кооператив" ва ё калимаҳои "иттиҳоди матлубот, ё "ҷамъияти матлубот"- ро дар бар гирифта бошад.

Аъзои кооперативи матлубот вазифадоранд, ки дар давоми се моҳи баъди тасдиқи баланси солона қарзи бамиёномадаро бо роҳи пардохти аъзоҳаққии иловаги ҷуброн намоянд. Дар сурати иҷро накардани ин ӯҳдадори кооператив мумкин аст бо талаби кредиторон ба тариқи суди барҳам дода шавад. Аъзои кооперативи матлубот аз рӯи ӯҳдадориҳои он дар доираи қисми супурданашудаи аъзоҳаққии иловагии ҳар узви кооператив масъулияти субсидиари доранд. Дар ин ҳолат аъзои кооператив масъулияти муштарак доранд.

Даромади аз фаъолияти соҳибкорӣ ба дастовардаи кооперативи матлубот, ки вай бо ин фаъолият мутобиқи қонун ва оиннома машғул аст, байни аъзои он тақсим карда мешавад.

Мавқеи ҳуқуқии кооперативҳои матлубот, инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аъзои онҳо мутобиқи КГ ҶТ ва қонунҳо дар бораи кооператсия муайян карда мешаванд.

- *Ташкилотҳои/иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ (Моддаи 129)*

Иттиҳодияҳои (ташкилотҳои) ҷамъиятӣ ва динӣ ташкилотҳое эътироф карда мешаванд, ки дар онҳо шаҳрвандон мувофиқи тартиботи муқарраргардида дар асоси умумияти манфиатҳояшон барои қонеъ гардонидани талаботҳои маънавӣ ё дигари ғайримоддӣ ихтиёран муттаҳид гардидаанд. Ташкилотҳои ҷамъияти ва дини ТҒТ мебошанд. Онҳо танҳо барои ноил шудан ба мақсадҳое, ки баҳри онҳо таъсис гардидаанд, ҳуқуқ доранд ба фаъолияти истеҳсолӣ ва

фаъолияти дигари соҳибкории ба ин мақсадҳо мувофикро анҷом диҳанд.

Иштирокчиёни (аъзои) ташкилотҳои ҷамъияти ва дини ҳуқуқашонро ба амволе, ки ба моликияти ин ташкилотҳо гузаронидаанд, инчунин ба аъзоҳаққи нигоҳ намедоранд. Онҳо аз рӯи ӯҳдадориҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динsocialие, ки дар онҳо ба сифати узвият иштирок менамоянд, масъулият надоранд, ташкилотҳои мазкур бошанд, аз рӯи ӯҳдадориҳои аъзои худ масъул намебошанд.

Хусусиятҳои мавқеи ҳуқуқии ташкилотҳои ҷамъияти ва дини ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои бо КГ ҶТ танзимшаванда тибқи қонун муайян карда мешаванд.

- *Фондҳои ҷамъиятӣ (Моддаи 130 )*

Фонди ҷамъияти ТҒТ узвиятнадоштае эътироф карда мешавад, ки аз ҷониби шаҳрвандон ё ашхоси ҳуқуқӣ дар асоси пардохтҳои ихтиёрии амволи таъсисгардида, мақсадҳои хайрия, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таълимӣ ё мақсадҳои дигари умумии муфидро пеш гирифтааст.

Амволе, ки муассисони фонд ба он супурдаанд, моликияти фонд мебошад. Муассисон аз рӯи ӯҳдадориҳои фонди таъсисдодаашон масъулият надоранд, фонд бошад,аз рӯи ӯҳдадориҳои муассисони худ масъул нест.

Фонди ҷамъияти амволро барои мақсадҳое, ки дар оинномааш муайян гардидаанд, истифода менамояд. Фонд ҳуқуқ дорад, ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои умумии муфиде, ки фонд барои он таъсис гардидааст, ба фаъолияти соҳибкории ба ин мақсадҳо муносиб машғул шавад. Барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкори фондҳо ҳуқуқ доранд, ҷамъиятҳои хоҷагидори таъсис диҳанд ё дар онҳо иштирок намоянд. Фонд вазифадор аст, ки ҳар сол дар хусуси истифодаи амволаш ҳисоботро ба табъ расонад.

Тартиби идораи фонди ҷамъиятӣ ва тартиби ташкили мақомоти он тибқи оинномаи аз ҷониби муассисон тасдиқгардида муайян карда мешавад.

Дар оинномаи фонди ҷамъияти ғайр аз маълумоти дар қисми 2, моддаи 53 КГ ҶТ зикргардида бояд маълумоти зерин дарҷ гардида бошад: номи фонд, ки калимаи "фонд"-ро дар бар гирифтааст; маълумот дар бораи мақсади фонд; маълумот дар бораи мақомоти фонд, аз ҷумла дар бораи шӯрои парасторон, ки ба фаъолияти фонд назорат мекунанд; тартиби таъин намудани мансабдорони фонд ва аз вазифа озод кардани онҳо; маҳалли ҷойгиршавии фонд; тақдири амволи фонд дар сурати барҳам дода шудани он.

Ҳамзамон мувофиқи моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»

барои байқайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намудани оинномаи фонди ҷамъиятӣ талаб карда намешавад.

- *Муассисаҳо (Моддаи 132)*

Ташкилоте, ки молик барои амали гардонидани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ё вазифаҳои дигари дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ таъсис дода, онро пурра ё қисман маблағгузорӣ мекунад, муассиса дониста мешавад. Ҳуқуқи муассиса ба амволи ба вай вобасташуда ва харидаи он мутобиқи моддаҳои 313 ва 315 Кодекси граждании ҶТ муайян карда мешавад.

Муассиса аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо маблағи пулии дар ихтиёраш буда масъулият дорад. Дар сурати нокифоя будани ин маблағ молики амволи дахлдор аз рӯи ӯҳдадориҳои он масъулияти субсидиарӣ дорад.

Хусусияҳои мавкеи ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи муассисаҳои давлатӣ ё муассисаҳои дигар тибқи қонун муайян карда мешаванд.

- *Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳова иттифоқҳо) (Моддаҳои 133-135).*

Ташкилотҳои тиҷоратӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкориашон, инчунин намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии амволи метавонанд тибқи шартномаи байни худ иттиҳодияҳоро дар шакли ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таъсис диҳанд, ки онҳо ТҒТ мебошанд.

Агар бо қарори иштирокчиён ба зимаи ассотсиатсия (иттифоқ) фаъолияти соҳибкори гузошта шавад, чунин ассотсиатсия (иттифоқ) бояд бо тартиби пешбининамудаи КГ ҶТ ба ҷамъият ё ширкати хоҷагидорӣ табдил дода шавад. Барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳуқуқ доранд, ки ҷамъиятқои хоҷагидорӣ таъсис диҳанд ё дар онҳо иштирок намоянд.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои дигари ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла муассисаҳо, метавонанд ихтиёран дар ассотсиатсияҳои (иттифоқҳои) ин ташкилотҳо муттаҳид шаванд. Ассотсиатсияи ташкилотҳои ғайритиҷорати ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошад.

Ассотсиатсия шахси ҳуқуқӣ мебошад. Аъзои ассотсиатсия мустақилияти худ ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро нигоҳ медоранд.

Ассотсиатсия аз рӯи ӯҳдадориҳои аъзои худ масъулият надорад. Аъзои ассотсиатсия аз рӯи ӯҳдадориҳои он ба андоза ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия пешбинигардида масъулияти субсидиарӣ доранд.

Номи ассотсиатсия бояд ишора ба мақсади асосии фаъолияти он ва мақсади асосии фаъолияти аъзои онро бо иловаи калимаҳои "ассотсиатсия" ё "иттифоқ" дар бар гирифта бошад.

Ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ) шартномаи таъсиси аз ҷониби аъзоёни он имзогардида ва оинномаи тасдиқнамудаи онҳо мебошанд.

Дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия ғайр аз маълумоти дар қисми 2 моддаи 53 КГ ҶТ зикргардида бояд шартҳои зерин дарҷ гардида бошанд: дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идораи ассотсиатсия ва тартиби қарор қабул кардани онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки қарор аз рӯи онҳо якдилона ё бо аксарияти кулли овози аъзои ассотсиатсия қабул карда мешавад ва дар бораи тақсими амволе, ки пас аз барҳам додани ассотсиатсия боқӣ мондааст.

Ҳамзамон мувофиқи моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» барои байқайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намудани оинномаи ассотсиатсия талаб карда намешавад.

Аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ доранд, ки аз хизматҳои он ба таври ройгон истифода намоянд, ба шарте ки дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия тартиби дигаре пешбини нагардида бошад ва аз хусусияти хизматрасони барнаояд.

Узви ассотсиатсия (иттифоқ) ҳақ дорад, ки пас аз хотимаи соли молияви бо салоҳдиди хеш аз ҳайати ассотсиатсия барояд. Дар ин сурат ӯ аз рӯи ӯҳдадориҳои ассотсиатсия дар давоми ду соли пас аз хориҷ шуданаш мутаносибан ба аъзоҳаққии худ масъулияти субсидиари бар дӯш дорад. Узви ассотсиатсия дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия муқарраргардида мумкин аст бо қарори иштирокчиёни боқимонда аз он хориҷ карда шавад. Дар мавриди аъзоҳаққии амволи ва масъулияти узви хориҷшудаи ассотсиатсия қоидаҳои марбут ба баромадан аз ҳайати ассотсиатсия истифода мешаванд.

Бо ризоияти узви ассотсиатсия ба он метавонад узви нав шомил шавад. Ба ассотсиатсия (иттифоқ) шомил шудани иштирокчии нав мумкин аст вобаста ба масъулияти субсидиарии доштаи он оид ба ӯҳдадориҳои ассотсиатсия (иттифоқ), ки то шомилшавии ӯ ба миён омадааст, сурат гирад.

Моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» мафҳуми дигари иттиҳодияҳои ҷамъиятиро медиҳад.

Ҳамин тавр, дар зери иттиҳодияи ҷамъиятӣ иттиҳоди ихтиёрӣ, худидора ва ғайритиҷоратии шаҳрвандон фаҳмида мешавад, ки дар асоси умумияти манфиатҳо барои амалӣ намудани мақсадҳое

муттаҳид гардидаанд, ки дар оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ нишон дода шудаанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои оммавӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои занон, ветеранҳо, маъюбон, ташкилотҳои ҷавонон ва кудакон, иттифоқҳои эҷодӣ, илмӣ, техникӣ, фарҳангӣ – маърифатӣ, варзишӣ, фондҳо, ассотсиатсияҳо, кумитаҳо ва дигар иттиҳодияҳои шаҳрвандон ҳамчун иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ эътироф мешаванд.

Аммо амали Қонуни дар боло қайдшуда тамоми иттиҳодияҳои ҷамъиятиеро фаро мегирад, ба истисноi иттиҳодияҳои ҷамъиятие (ташкилотҳои динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), ки тартиби таъсис ва фаъолияти онҳоро қонунҳои алоҳида ба танзим медароранд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, новобаста аз шакли ташкилӣ – ҳуқуқӣ дар назди қонун баробарнд. Фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба принсипҳои ихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ, худидоракунӣ ва қонуният асос меёбад. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар муайян кардани сохтори дохилӣ, мақсад, шакл ва тарзу усулҳои фаъолияти худ озод мебошад.

Фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ ошкоро буда, маълумот дар бораи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва барномавии он бояд дастраси омма бошад.

Тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъияти ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарасти, миллатгарои, хусумат, бадбинии иҷтимои ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрй сарнагун кардани сохтори конститутсиони ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки бадбинии маҳалгароиро тарғиб мекунанд, инчунин манъ аст.

Ҳамаи шаклҳои ТҒТ бо ташаббуси муассисони он таъсис дода мешаванд. Ба ҳайати муассисон метавонанд шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дохил шаванд.

Қарор оиди таъсиси ТҒТ, оиди тасдиқи шартномаи таъсисӣ ва (ё) оинномаи он, оиди мақомоти роҳбарикунанда ва назорату тафтишӣ аз тарафи муассис ё муассисон дар анҷуман (конференсия) ё маҷлиси умумӣ қабул карда мешавад.

Қобилияти ҳуқуқдории ТҒТ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он, баъди мувофиқи тартиби муқараркардаи қонунгузорӣ пешниҳоди ҳуҷҷатҳои муассисӣ барои бақайдгирӣ ба мақомоти бақайдгиранда ва пардохти боҷҳо барои бақайдгирии давлатӣ, ба миён меояд.

Мувофиқи моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии зерин метавонанд таъсис дода шаванд:

ташкилоти ҷамъиятӣ; ҳаракати ҷамъиятӣ; мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ.

Мувофиқи моддаи 8 ҳамин қонун ташкилоти ҷамъиятӣ- ин иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки дар асоси узвият таъсис ёфта, барои фаъолияти якҷояи шаҳрвандони муттаҳидшуда ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ба даст овардани мақсадҳои оинномавӣ таъсис дода шудааст. Мақомоти олии роҳбарикунандаи ташкилоти ҷамъиятӣ анҷуман (конференсия) ё маҷлиси умумӣ мебошад. Мақомоти роҳбарикунандаи ташкилоти ҷамъиятӣ мақомоти интихобии дастаҷамъӣ мебошад, ки он ба анҷуман (конференсия) ё маҷлиси умумӣ ҳисоботдиҳанда аст.

Мувофиқи моддаи 9 Қонун ташкилоти ҷамъиятӣ, ҳаракати ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятии оммавӣ мебошад, ки аз иштирокчиён иборат буда, узвият надорад, амалӣ намудани мақсадҳои иҷтимоӣ ва дигар мақсадҳои ҷамъиятии муфидро дорад, ки онҳоро иштирокчиёни ҳаракати ҷамъиятӣ дастгирӣ менамоянд. Ҳамзамон мақомоти олии роҳбарикунандаи ҳаракати ҷамъиятӣ анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумӣ мебошад. Мақомоти доимоамалкунандаи роҳбарикунандаи ҳаракати ҷамъиятӣ мақомоти машваратии интихобӣ мебошад, ки на камтар аз даҳ нафар иборат буда, ба анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумӣ ҳисоботдиҳанда аст.

Мувофиқи моддаи 10 Қонуни дар болоқайдшуда мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятии беузвият ва ғайрирасмӣ буда, тартиби таъсис ва фаъолияти онро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

Тибқи моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятии ихтиёрии беузвияти шаҳрвандон буда, мақсади он ҳал намудани масъалаҳои гуногуни иҷтимоиест, ки дар ҷои зисти шаҳрвандон пайдо мешаванд.

Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар ҳудуди кӯча, гузаргоҳ ва деҳа (минбаъд маҳалла) бо ташаббуси аксарияти сокинони онҳо, ки ба синни ҳаждаҳ расидаанд, таъсис дода мешавад ва барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти гурӯҳи аҳолӣ нигаронида шудааст, ки манфиати онҳо бо расидан ба мақсадҳои оинномавӣ ва татбиқи барномаҳои мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ алоқаманд аст.

Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ мақомот ё ташкилоти болоии худро надорад ва чун қоида "шӯрои маҳалла", "кумитаи маҳалла", "кумитаи манзил" ва ба ин монанд номгузорӣ мешаванд.

Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар ҳудуди деҳа ё шаҳраке (ҷамоат), ки ҷой гирифтааст, аз қайди баҳисобгирӣ мегузарад ва дар ин хусус дар Оинномаи он сабт карда мешавад.

Дар ҳудуди марзиву маъмурие, ки шаҳрак ва деҳа (ҷамоат) надорад, қайди баҳисобгирӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида мешавад.

Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ метавонад ҳисоби бонкӣ, мӯҳр ва бланкаҳои худро дошта бошад.

Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва бо ташкилотҳои байналмилалие, ки дар Тоҷикистон фаъолият доранд, оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ метавонад ҳамкорӣ намояд.

Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ метавонад Шӯрои машваратӣ таъсис диҳад. Шӯрои машваратҳ дар ҳудуди на кам аз ду Шӯрои маҳалла таъсис дода мешавад. Ба ҳайати Шӯрои машваратӣ чун қоида мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ шомил шуда метавонанд.

- *Мақсадҳои таъсис ва фаъолияти ТҒТ*

ТҒТ бо мақсади татбиқнамоӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои граждани, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, иштирок дар бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон, таъсис дода мешаванд. Масалан, тибқи моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолити эҳсонкорӣ» ба мақсади фаъолияти ташкилотҳои эҳсонкорӣ дохил шуда метавонанд:

– дастгирии иҷтимоӣ, мутобиқат ва ҳимояи шахсони воқеӣ, аз ҷумла бехтаркунии вазъи моддӣ, офияти иҷтимоии бекорон, корношоямон, маъюбон ва дигар шахсон, ки бо сабаби хусусиятҳои ҷисмонӣ ва ақлонии худ ё дигар ҳолатҳо мустақилона ҳуқуқ ва манфиатҳои худро ба амал баровarда наметавонанд;

– мусоидат ба фаъолияти муассисаҳои соҳаи маориф, илм, фарҳанг, санъат, маърифат ва инкишофи маънавии шахсият, аз ҷумла таъсиси стипендияҳо;

– мусоидати фаъолият дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши оммавӣ;

– ҳифзи аҳолӣ ва ҳифзи муҳити зист аз олудашавӣ ё таъсири дигари зараровар;

– ёрӣ ба муассисаҳои пенитенциарӣ (ислоҳотӣ), агар фаъолияти онҳо барои беҳбуд бахшидани шароитҳои нигоҳдорӣ ё хизматрасонии тиббии маҳкумон равона шуда бошанд;

– мусоидат барои пойдории сулҳ, дустӣ, хамдигарфаҳмии байни халқҳо, пешгирии низоъҳои иҷтимоӣ, миллӣ ва мазҳабӣ;

– ҳифз ва дар ҳолати муносиб нигоҳдории биноҳо, объектҳо ва минтақаҳои дорои аҳамияти таърихӣ, динию оинӣ ва фарҳангӣ;

– мақсадҳои дигари аҳамияти иҷтимоӣ дошта, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

Умуман қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин мақсад ва фаъолияте, ки иҷрои он ба ТҒТ манъ аст, муқарар менамояд. Чунончи мувофиқи моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» таъсис ва фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунад ва ё барои зӯран сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамояд, манъ аст. Ба ғайр аз он, таъсис ва фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятие, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ба саломатии одамон ва ба ахлоқи ҷамъиятӣ суиқасд мекунад, манъ аст.

Иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо ташаббуси муассисони он - на камтар аз *се* нафар шахси воқеӣ таъсис дода мешавад. Муассисони иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар қатори шахсони воқеӣ шахсони ҳуқуқӣ низ шуда метавонанд, агар онҳо ҳамчун иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шуда бошанд.

Мувофиқи моддаҳои 6 ва 17 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»:

- ***муассисони*** иттиҳодияи ҷамъиятӣ шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ - иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки анҷуман, конференсия, маҷлиси умумӣ ё маҷлиси таъсисиро даъват кардаанд ва дар он оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ қабул карда шуда, мақомоти роҳбарикунанда ва назорату тафтишии он ташкил карда шудааст;
- ***аъзои*** иттиҳодияи ҷамъиятӣ шахсони воқеие мебошанд, ки ҳавасмандии онҳо барои иҷрои якҷояи вазифаҳои ин иттиҳодия мувофиқи меъёрҳои оинномаи он бо аризаи шахсӣ ё ҳуҷҷатҳои дахлдор ба расмият дароварда мешавад. Аъзои иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд ба мақомоти роҳбарикунанда ва назорату тафтишии ин иттиҳодия интихоб кунанд ва интихоб шаванд, инчунин фаъолияти мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятиро мувофиқи оинномаи он назорат намоянд;
- ***иштирокчиёни*** иттиҳодияи ҷамъиятӣ шахсони воқеие мебошанд, ки мақсадҳои иттиҳодияи мазкур ва (ё) иқдомоти мушаххаси онро дастгирӣ мекунанд, дар фаъолияти он бе барасмиятдарории ҳатмии шартҳои иштироки худ ширкат меварзанд, агар оинномa тартиби дигари иштироки онҳоро пешбинӣ накарда бошад.

Шаҳрвандоне, ки ба синни 18-солагӣ расидаанд, муассис, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шуда метавонанд.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муассис, аъзо ва иштирокчии

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шуда метавонанд, *ба шарте ки ҷои доимии зисти онҳо* Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад *ё гувоҳномаи иқомат* дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошанд.

Танҳо шаҳрвандони ба балоғатрасида, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ зиндагӣ мекунанд, роҳбарони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин аъзои мақомоти назорату тафтишии онҳо шуда метавонанд.

Шаҳрвандоне, ки ба синни 14-солагӣ расидаанд, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон шуда метавонанд. Шаҳрвандоне, ки ба синни 8-солагӣ расидаанд, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятии кӯдакон шуда метавонанд.

Ҳангоми таъсиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар шакли ташкилоти ҷамъиятӣ муассисони ин ташкилот бевосита аъзои он гардида, ҳуқуқ ва вазифаҳои дахлдор пайдо менамоянд.

Дар вақти таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар дигар шаклҳо ҳуқуқ ва вазифаҳои муассисони онҳо дар оинномаашон нишон дода мешаванд.

*Муассис, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ инҳо буда наметавонанд:*

– мақомоти ҳокимияти давлатӣ (ба истиснои ҳолате, ки дар моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» пешбинӣ шудааст, ки нишон медиҳад, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд иттифоқҳои (ассотсиатсияҳои, шӯроҳои) иттиҳодияҳои ҷамъиятиро таъсис диҳанд ва ба чунин иттифоқҳо (ассотсиатсияҳо, шӯроҳо) шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ҳуқуқи шомил шуданро доранд);

– шахсони ҳуқуқӣ (ба истиснои ҳолатҳое, ки дар моддаҳои 6, 11 ва 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» пешбинӣ шудаанд, ки муассиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ метавонад дигар иттиҳодияи ҷамъиятӣ шавад; инчунин барои таъсиси Иттифоқ ё Ассотсиатсияи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд ба чунин иттифоқ ё ассотсиатсия ба ҳайси аъзо шомил шаванд.);

– шахсоне, ки алоқамандии онҳо бо ташкилотҳои террористӣ,

экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сепаратистӣ аз тарафи суд муайян шудааст.

Мувофиқи моддаи 18 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ бояд инҳоро пешбинӣ намояд:

– ном, мақсади иттиҳодияи ҷамъиятӣ, шакли ташкилию ҳуқуқии он;

– сохтори иттиҳодияи ҷамъиятӣ, мақомоти роҳбарикунанда ва назорату тафтиши иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳудуди фаъолияти ҳамин иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

– шартҳо ва тартиби пайдо ва гум кардани узвият дар иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои аъзои ин иттиҳодия (танҳо барои иттиҳодияҳое, ки узвиятро пешбинӣ менамоянд);

– салоҳият ва тартиби ташкили мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ, мӯҳлат ва ваколати онҳо, маҳалли ҷойгиршавии мақомоти доимии роҳбарикунанда;

– тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

– сарчашмаҳои ташаккули маблағҳо ва дигар молу мулки иттиҳодияи ҷамьиятӣ, ҳуқуқи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва филиалу намояндагиҳои он оид ба идоракунии амвол;

– тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ.

Ба ғайр аз он оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ тасвири рамзи ин иттиҳодияро дошта метавонад. Инчунин дар оинннома метавонанд дигар муқаррароти марбут ба фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки ба қонунҳо мухолифат намекунанд, пешбинӣ карда шаванд.

Мувофиқи моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ба тариқи овоздиҳӣ қабул карда мешавад.

Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ҳамон вақт қабулгардида ҳисобида мешавад, ки ба ҷонибдории он аксарияти иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ овоз дода бошанд.

Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ба ғайр аз маълумоте, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» пешбинӣ менамояд, бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

– номи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва салоҳиятҳои он;

– ҳайат ва ҳудуди мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

– самтҳои фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

– ҳуқуқ ва ӯҳдориҳои иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

– тартиби қабул шудан ва баромадан (хориҷ шудан) аз ҳайати иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

– тартиби интихоб ва озод кардани роҳбари мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

– ваколат ва вазифаҳои роҳбари мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

– тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи мақомот;

– тартиби таъсису барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

– мӯҳлати ваколати мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

– тартиби қабули қарор дар бораи пеш аз мӯҳлат ҳатъ гардидани ваколати мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ аз тарафи иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

– маълумот оид ба асосҳои молиявии амалӣ намудани фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва ихтиёрдории моликияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

– тартиби таҳия ва иҷрои сметаи даромад ва хароҷоти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

– дигар маълумотҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд.

*8.* ***Оё ТҒҶ бе гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ (бидуни бақайдгирӣ) амал намуда метавонад?***

ТҒТ метавонад бидуни бақайдгирии давлатӣ ва мақоми (статуси) шахси ҳуқуқӣ амал намояд. ТҒТ бе мақоми шахси ҳуқуқӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи граждани, уҳдадорӣ, моликият ва ғайра таъсис ёфта, фаъолият менамояд.

Ғайр аз он, тибқи моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» шаҳрвандон ҳуқуқ доранд мувофиқи Конститутсия (Сарқонун) ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи интихоби худ, бе иҷозати пешакии мақомоти давлатӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис диҳанд, инчунин ба ин гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо шарти риоя кардани меъёрҳои оинномавии онҳо дохил шаванд.

Ҳамин тавр, мувофиқи моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» дар Тоҷикистон шаҳрвандони ҶТ метавонанд иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар шакли мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ таъсис диҳанд.

Тибқи моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятии беузвият ва ғайрирасмӣ буда, тартиби таъсис ва фаъолияти онро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

Мувофиқи моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар ҳудуди деҳа ё шаҳраке (ҷамоат), ки ҷой гирифтааст, аз қайди баҳисобгирӣ мегузарад ва дар ин хусус дар Оинномаи он сабт карда мешавад. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ метавонад бе бақайдгирии давлатӣ (бе мақоми шахси ҳуқуқӣ) фаъолият намояд.

Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ метавонад ҳисоби бонкӣ, мӯҳр ва бланкаҳои худро дошта бошад. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва бо ташкилотҳои байналмилалие, ки дар Тоҷикистон фаъолият доранд, оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ метавонад ҳамкорӣ намояд.

***9. Агар ягон нафар, ки нияти таъсиси ТҒҲ –ро дошта бошад, маълумот оиди тартиби таъсис дастрас ва фаҳмо аст ?***

Маълумот оиди бақайдгирии ТҒТ умуман дастрас ва фаҳмо аст. Қоидаи бақайдгирии ТҒТ дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ изҳор шудааст: дар КГ ҶТ, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» барои ҳамаи шаклҳои ТҒТ, ғайр аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», барои мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ». Ба ғайр аз он, маълумот дар бораи таъсис ва бақайдгирии ТҒТ дар тахтаҳо (стенд) дар мақомоти давлатии бақайдгирии андоз ва барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бошад – дар Вазорати адлияи ҶТ, дар ҷои барои шаҳрвандон дастрас ҷойгир шудааст.

Мувофиқи моддаи 28 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ ба дархост дар хусуси дастрасӣ ба санадҳои расмӣ ва додани иттилооти хаттӣ ё шифоҳӣ дорад.

Таҳти мафҳуми дархости иттилоотӣ (минбаъд дархост) дар хусуси дастрасӣ ба санадҳои расмӣ дар Қонуни мазкур муроҷиат бо талаботи фароҳам овардани имконияти шиносшавӣ бо санадҳои расмӣ дар назар дошта шудааст.

Дархост метавонад инфиродӣ ё умумӣ бошад. Он дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад.

Шаҳрванд ҳуқуқ дорад ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намуда, пешниҳоди ҳамагуна санади расмиро, сарфи назар аз мансубияти ин ҳуҷҷат ба ӯ талаб намояд, ба истисноии ҳолатҳои маҳдудияти дастрасӣ, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, ташкилот ва иттиҳодияҳои шаҳрвандон (минбаъд дархосткунанда) ба мақоми дахлдори қонунгузорӣ, иҷроия, ҳокимияти судӣ ва бойгонӣ, шахсони мансабдори онҳо дархост пешниҳод менамоянд.

Дар дархост насаб, ном, номи падари дархосткунанда, ҳуҷҷат, маълумоти хаттӣ ё шифоҳие, ки ба ӯ зарур аст ва нишонии худ, ки ҷавоброро мехоҳад ба даст орад, бояд зикр гардад.

Мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ашхоси мансабдори онҳо вазифадоранд оид ба иттилооти марбут ба фаъолияти онҳо ба таври хаттӣ, шифоҳи,

тавассути телефон ё бо истифодаи маърӯзаҳои оммавии шахсони мансабдори худ иттилоот пешниҳод намоянд.

***10. Оё қонунгузорӣ тартиби иҷозатӣ ё огоҳиро барои гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд? Кадом талаботҳои расмӣ ба тартиби гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад?***

Бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мақсадҳои зерин анҷом дода мешавад:

– тасдиқи воқеияти таъсисдиҳӣ, аз нав ташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ;

– риояи мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон будани ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис меёбад, аз нав ташкил ё барҳам дода мешавад;

– пешбурди феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ;

– тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пешниҳод кардани маълумот дар бораи шахси ҳуқуқии таъсисдодашуда, аз нав ташкилгардида ва барҳамдодашуда.

Тартиби таъсиси ТҒТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатӣ буда, барои ҳамаи ТҒТ, ба ғайр аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба танзим дароварда мешавад.

Амали Қонун инчунин нисбати мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки шахси ҳуқуқӣ буда, тартиби таъсис додан ва фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, татбиқ намегардад.

Тартиби бақайдгирии давлатии ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ ва воситаҳои хабари омма тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Тибқи моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» барои ТҒТ, ба ғайр аз аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) ариза барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ. Дар ариза маълумоти зерин нишон дода мешавад:

а) шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ;

б) номи пурраи (дар ҳолати мавҷуд будан, инчунин номи кӯтоҳи) фирмавии шахси ҳуқуқӣ бо забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ;

г) тарзи ташкилёбии шахси ҳуқуқӣ (таъсисёбӣ ё азнавташкилдиҳӣ);

д) маълумот дар бораи муассис (муассисон) ва роҳбари шахси ҳуқуқӣ (номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ, насаб, ном ва номи падари шахси воқеӣ, маҳалли ҷойгиршавии шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, маълумот барои тамос);

е) намуди (намудҳои) асосии фаъолияте, ки шахси ҳуқуқӣ нияти анҷом додани онро (онҳоро) дорад;

ж) санаи пешниҳод гардидани ариза ва имзои аризадиҳанда.

2) қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ. Қарор дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби муассис (муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ имзо карда мешавад;

3) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда дар сурати аз ҷониби роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда пешниҳод гардидани ҳуҷҷат ё нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва ваколатнома ба номи шахси ваколатдор дар сурати аз ҷониби шахси ваколатдори муассисон пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;

4) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти ҳар як муассиси (шахси воқеии) шахси ҳуқуқии таъсисёбанда ва маълумотномаи мақомоти андоз нисбат ба муассис - шахси ҳуқуқӣ доир ба надоштани қарзи андоз (Қонун аз 29.12.2010 № 669);

5) дар ҳолати таъсис додани шахси ҳуқуқӣ дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ маълумотномаи маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ (Қонун аз 29.12.2010 № 669); 6) қарори шахси ҳуқуқӣ дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ, агар муассис ё яке аз муассисон шахси ҳуқуқӣ бошад;

7) хулосаи мақомоти дахлдор дар мавриди бақайдгирии воситаҳои ахбори омма;

8) пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ;.

9) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқии таъсисёбанда

Ҳамзамон, ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 2, 3, 4, **5** ва 6 қисми 1 моддаи дар боло нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҷума карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои дар банди 5 ва 6 қисми 1 моддаи нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд бо тартиби муқарраргардида қонунӣ (легализатсия) гардонида шаванд.

Тарҷумаи ҳуҷҷатҳои дар қисми мазкур нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони

воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шаванд.

Бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии баъзе аз ТҒТ, ба ғайр аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои динӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, аз тарафи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муҳлати на дертар аз 5 рузи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки дар моддаи дар боло нишон дода шудаанд, амалӣ мегардад, агар дигар муҳлат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашуда бошад.

Агар пас аз ба охир расидани панҷ рӯзи корӣ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ қарорро дар бораи бақайдгирии давлатӣ ё рад кардани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ қабул накарда бошад ва ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқиро надода бошанд, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ӯҳдадоранд фавран пас аз гузаштани мӯҳлати дар боло нишондодашуда ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро дар бораи таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ворид созанд ва ба аризадиҳанда дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ Шаҳодатнома диҳанд ё онро ба суроғаи дар ариза нишондодашуда фиристанд.

Ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ муассисони шахси ҳуқуқӣ ё шахсони ваколатдори онҳо пешниҳод карда метавонанд. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки шахсони ваколатдор инҳо буда метавонанд:

– роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ, ки ваколатҳои ӯро қарори муассисон дар бораи таъйин намудани ӯ тасдиқ мекунад;

– шахси дигаре, ки аз номи муассисони шахси ҳуқуқӣ дар асоси ваколатнома баромад мекунад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» инчунин номгуи ҳуҷҷатҳоеро, ки барои бақайдгирии давлатӣ заруранд, муқарар менамояд.

Барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза, ки онро аъзои мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ имзо кардаанд ва дар он насаб, ном, номи падар, ҷойи истиқомат ва телефонҳои робита нишон дода шудаанд;
- оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар ду нусха бо забони давлатӣ ва бо хоҳиши ташкилоти ҷамъиятӣ ду нусха бо забони муоширати байни миллатҳо;
- иқтибос аз протоколи анҷуман, конференсия, маҷлиси умумӣ ё маҷлиси таъсисӣ, ки дар бораи таъсиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ, тасдиқи оинннома, ташкил кардани мақомоти роҳбарикунанда ва мақоми назорату тафтишии он маълумот дорад;

- маълумот дар бораи муассисони иттиҳодияи ҷамъиятӣ: барои шахсони воқеӣ - насаб, ном, номи падар, соли таваллуд, ҷои сукунат, шаҳрвандӣ (бо имзоҳояшон тасдиқ мегардад) ва нусхаи шиноснома ё дигар ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад; барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳангоми таъсиси иттифоқи (ассотсиатсия, шӯрои) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ - нусхаи шаҳодатномаҳо дар бораи бақайдгирии давлатии оинномаи ин иттиҳодияҳо, иқтибос аз протоколи маҷлиси мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бо қарор дар бораи таъсиси иттифоқи (ассотсиатсия, шӯрои) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин нусхаи шартномаи таъсисӣ;
- аризаи шахсоне, ки дар моддаи 19 Қонуни мазкур нишон дода шудаанд, дар бораи розигӣ ба истифодаи номи шаҳрванд дар номи иттиҳодияи ҷамъиятӣ;
- ҳангоми аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ истифода бурдани рамзи таҳти ҳимояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи моликияти зеҳнӣ ё ҳуқуқи муаллифӣ қарордошта - ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи истифодаи онро тасдиқ мекунанд;
- ҳуҷҷати пардохти боҷи давлатӣ;
- ҳуҷҷат дар бораи нишонии (маҳалли ҷойгиршавии) мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ;
- барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ - протоколҳои анҷуманҳо, конференсияҳо, маҷлисҳои умумӣ ё маҷлисҳои таъсисии воҳидҳои сохторӣ.

Ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ дар муҳлати *як моҳ* аз рузи гузаронидани анҷуман (конференсия) ё маҷлиси умумии таъсисӣ пешниҳод карда мешаванд. Бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар муҳлати *30 руз* аз лаҳзаи пешниҳод карда шудани ҳуҷҷатҳое, ки дар боло номбар шудаанд, амалӣ мегардад. Муҳлати мазкур дар давоми давраи аз тарафи аризадиҳанда бартараф намудани камбудиҳои ҳуҷҷатҳои таъсиси, ки дар ҷараёни барраси ошкор гардидаанд, канда мешавад.

Тағйирот ва иловаҳо дар оинномаҳои иттиҳодияҳои ҷамъияти бояд бо ҳамон мӯҳлате, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд, аз қайди давлатӣ гузаранд ва аз лаҳзаи чунин бақайдгирӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Мақомоти бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъияти феҳрасти ин иттиҳодияҳоро тартиб медиҳанд ва шаҳодатномаи бақайдгирӣ месупоранд.

Барои бақайдгирии давлатии ҳамаи ТҒТ, тағйирот ва иловаҳо дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ боҷи давлатӣ тибқи тартиб ва андозаи муқараркардаи Қонуни ҶТ «Дар бораи боҷи давлатӣ» ситонида мешавад.

Пешниҳод накардани ҳатто яке аз ин ҳуҷҷатҳо, барои мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ асос барои рад кардани бақайдгирӣ мебошад.

***11. Оё қонунгузорӣ пардохти боҷро барои бақайдгирии давлатии ТҒҲ пешбинӣ мекунад? Агар ҳа, пас андозаи ин боҷ чанд аст ?***

Мувофиқи Қонунҳои ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Дар бораи боҷи давлатӣ» ва «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», барои барои бақайдгирии давлатӣ аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ, пардохти боҷи давлатӣ тибқи андозаи дар моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи боҷи давлатӣ» муқарар мешавад.

Ҳамин тавр, барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ба ғайр аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ боҷи давлатиро ба андозаи 7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо меситонад.

Барои бақайдгирии давлатии барҳамдиҳӣ ва (ё) қатъ намудани фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, қатъ намудани фаъолияти филиалҳо ва (ё) намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродӣ – ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирии таъсисёбии субъект пешбинӣ карда шудааст.

Барои додани нусхаи (дубликати) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ - ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирии таъсисёбии субъект пешбинӣ карда шудааст.

Барои додани шаҳодатнома дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (азнавбақайдгирӣ) новобаста ба мақоми онҳо ва филиалу намояндагиҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирӣ ситонида мешавад.

Тибқи банди 7 моддаи мазкури Қонуни ҶТ «Дар бораи боҷи давлатӣ» барои анҷом додани амалҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти он боҷи давлатӣ ба андозаи зерин ситонида мешавад:

1) барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ - ба андозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

2) барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ - ба андозаи 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

3) барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллӣ – ба андозаи 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

4) барои қайди баҳисобгирии филиалҳо ва намояндагиҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, филиал ва намояндагиҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии хориҷӣ - ба андозаи 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

5) барои бақайдгирии давлатии ҳизбҳои сиёсӣ - ба андозаи 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

6) барои додани нусхаи тасдиққардашудаи (дубликати) шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ - ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирии таъсисёбии субъект пешбинӣ карда шудааст;

7) барои додани иқтибос аз Феҳрист дар бораи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва қатъи фаъолияти филиалу намояндагиҳои онҳо - ба андозаи 50 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

***12. Дар кадом муҳлат мақомоти ваколатдори давлатӣ бояд ариза оиди бақайдгирии ТҒҲ -ро дида барояд ?***

Тибқи моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар *давоми як моҳ* аз рӯзи пешниҳоди тамоми ҳуҷҷатҳои дар ҳамин модда номбаршуда анҷом ёфта, ба иттиҳодияи ҷамъиятӣ шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дода мешавад. Мӯҳлати мазкур дар давоми давраи аз тарафи аризадиҳанда бартараф намудани камбудиҳои ҳуҷҷатҳои таъсиси, ки дар ҷараёни барраси ошкор гардидаанд, қатъ мегардад.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бақайдгирии дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ТҒТ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз тарфи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муҳлати *на зиёда аз 5 рузи корӣ* иҷро менамояд.

Дар ҳамин муҳлат мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирӣ мақомоти давлатии омори маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқиро оиди амали иҷронамуда огоҳ месозад.

***13. Кадом мақомоти давлатӣ барои пешбурди феҳристи ҳамаи ТҒҲ -и мавҷуда ваколатдор аст? Оё ин маълумот оммавӣ мебошад?***

Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» дар моддаи 5 зикр намудааст, ки пешбурди Феҳристи ягонаи давлатиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ месозад.

Ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумоти зерин дохил карда мешаванд:

а) шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ;

б) номи пурраи фирмавии (дар ҳолати мавҷуд будан, инчунин номи кӯтоҳи) шахси ҳуқуқӣ бо забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) маълумот дар бораи тағйирёбии номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ;

г) маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ (роҳбари шахси ҳуқуқӣ), маълумот дар бораи тағйир ёфтани он, маълумот барои тамос бо онҳо;

д) тарзи ташкилёбии шахси ҳуқуқӣ (таъсисёбӣ ё азнавташкилдиҳӣ);

е) санаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ;

ж) маълумот дар бораи муассисон ва роҳбари шахси ҳуқуқӣ (номгӯи шахси ҳуқуқӣ ё маълумот аз ҳуҷҷате, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад);

з) маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, ки бо роҳи азнавташкилдиҳӣ таъсис ёфтааст (шакли азнавташкилдиҳӣ, санаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқие, ки бо роҳи азнавташкилдиҳӣ таъсис ёфтааст (дар мавриди мавҷуд будани чунин ҳолат);

и) маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои шахси ҳуқуқӣ (қарор дар бораи таъсис ё барҳам додани филиал ва намояндагӣ, маълумот аз ҳуҷҷате ки шахсияти роҳбари филиал ва намояндагиро тасдиқ мекунад, маълумот барои тамос бо он), маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) онҳо, санаи ворид намудани маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ;

к) маълумот дар бораи сармояи оинномавӣ;

л) маълумот дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ;

м) рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);

н) рақами мушаххаси суғуртавӣ;

о) рамзҳои оморӣ.

Ҳамзамон, муассисон, мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ӯҳдадоранд дар муддати то 5 рӯзи корӣ аз рӯзи қабул намудани қарор дар бораи тағйир ёфтани маълумотҳои дар Феҳристи ягонаи давлатӣ нишондодашуда, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатиро ба таври хаттӣ хабардор созанд. Тағйиру иловаҳо пас аз ворид намудани онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ қувваи қонунӣ пайдо мекунанд.

Моддаи 4 ҳамин қонун пешибинӣ кардааст, ки Ҳукумати ҶТ тартиби ҳамбастагии мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатиро бо мақомоти ваколатдори давлатӣ бо мақсади бақайдгирии давлатӣ мувофиқи принсипи «равзанаи ягона» муқарар менамояд. Ҳамзамон ин мақомот, ки бақайдгирии давлатиро иҷро мекунад, маълумотҳоро ба мақомоти ваколатдор барои дода шудани рақами мушаххаси суғуртавӣ ва рамзҳои оморӣ пешниҳод менамояд ва мақомотҳои дар боло қайдшуда уҳдадоранд дар муддати як рузи корӣ, аз рузи пешниҳоди маълумот, рақами мушаххаси суғуртавӣ ва рамзҳои оморӣ диҳанд ва онҳоро ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намоянд.

Рақами мушаххаси андозсупоранда на дертар аз муҳлати додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ, дода мешавад.

Ҳамин тавр, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ба аризадиҳанда ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ, ки рақами мушаххаси андозсупоранда ва рақами мушаххаси суғуртавӣ ва рамзҳои омориро дар бар мегирад, медиҳад.

Талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ бо мақсади бақайдгирии давлатӣ, дода шудани рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами мушаххаси суғуртавӣ ва рамзҳои оморӣ, манъ аст.

Моддаи 51 КГ ҶТ қайд менамояд, маълумот дар бораи бақайдгирии давлатӣ, аз ҷумла барои ТҒТ, номи фирма ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ дохил карда мешавад, ки барои шиносоии умум дастрас мебошад.

Аммо, чи тавре, ки дар боло қайд шуда буд, Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба тартиби бақайдгирии ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ва воситаҳои ахбори омма, ки шахси ҳуқуқӣ мебошанд, татбиқ намегардад ва он тибқи тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, тибқи моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» тартиби махсуси бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон муқарар карда мешавад, ки мувофиқи он бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятиро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсатҳои адлияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо анҷом медиҳанд.

### *14. Оё ба ТҒТ барои бақайдгирӣ рад кардан мумкин аст? Дар кадом асосҳо? Оё сабабҳои рад намудан шарҳ дода мешаванд?*

Тибқи моддаи 23 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар асосҳои зерин рад карда мешавад:

– агар оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқарраროти моддаҳои 14, 17 ва 18 Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат кунад;

– агар номгӯи пурраи ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатӣ зарур,ки Қонуни мазкур муайян кардааст, пешниҳод карда нашуда бошад ё маълумот дар ҳуҷҷатҳо ба тартиби зарурӣ расмӣ кунонида нашуда бошанд ё ба мақомоти номувофиқ пешниҳод гардида бошанд;

– агар бо ҳамон ном иттиҳодияи ҷамъиятии қаблан ба қайд гирифташуда фаъолият намояд;

– агар муқаррар гардад, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии пешниҳодшуда маълумоти носаҳеҳ мавҷуд бошад;

– агар номи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ахлоқ, ҳисси миллӣ ва динии шаҳрвандонро таҳқир намояд.

Асосҳои рад намудани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар хулосаи санҷиши ҳуқуқӣ нишон дода мешаванд.

Рад кардани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ бо сабабҳои мувофиқи мақсад набудани таъсис, манъ мебошад.

Дар бораи рад кардани бақайдгирии давлатӣ, инчунин дар бораи саркашӣ аз ин гуна бақайдгирӣ ба суд шикоят кардан мумкин аст.

Дар сурати рад кардани бақайдгирии давлатӣ ба аризадиҳандагон дар ин бора дар шакли хаттӣ бо нишон додани муқаррароти мушаххаси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вайрон кардани онҳо боиси рад кардани бақайдгирии давлатии ин иттиҳодия гардидааст, хабар дода мешавад.

Дар бораи рад кардани бақайдгирии давлатӣ, инчунин дар бораи саркашӣ аз ин гуна бақайдгирӣ ба мақомоти Суди вобаста ба ?ойгиршавиашон.

Ариза дар бораи бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъияти дар асосҳои зерин барраси карда намешавад:

- агар номгӯи ҳуҷҷатҳои таъсиси пурра пешниҳод карда нашуда бошад, ё онҳо дуруст тартиб дода нашуда бошанд;
- агар аз тарафи мақоми бақайдгирандаи иттиҳодияи ҷамъияти муқаррар карда шуда бошад, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии барои ба қайдгири пешниҳодшуда маълумоти нодуруст мавҷуд аст.

Ба ғайр аз он моддаи 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» зикр менамояд, ки мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зерин бақайдгирии давлатиро рад намоянд:

– ҳуҷҷатҳои бо мақсади бақайдгирии давлатӣ пешниҳодгардида ба номгуи муқаррарнамудаи Қонуни мазкурва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намекунанд;

– ҳуҷҷатҳои бо мақсади бақайдгирии давлатӣ пешниҳодгардида ба талаботи муқаррарнамудаи Қонуни мазкур мувофиқат намекунанд;

– агар номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накунад

Рад кардани бақайдгирии давлатӣ бо дигар сабабҳо манъ мебошад.

Ҳангоми рад намудани бақайдгирии давлатӣ ба аризадиҳанда огоҳии хаттӣ дар хусуси рад намудан бо нишон додани сабаби радкунӣ фиристонида мешавад (супорида мешавад) ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи ӯ барои бартараф кардани номутобиқатии ошкоргардида баргардонида мешаванд.

Нусхаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида дар мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ нигоҳ дошта мешаванд. Рад намудани бақайдгирии давлатӣ, инчунин саркашӣ намудан аз бақайдгирии давлатӣ боиси ба суд шикоят намудан шуда метавонад.

***15. Агар барои бақайдгирӣ рад карда шавад, пас тартиби минбаъда чи гуна аст? Оё барои рад кардани бақайдгирӣ ба суд шикоят кардан мумкин аст?***

Тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии корҳои давлати ва ҷамъияти иштирок намуда, ҳуқуқу озодиҳоеро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои дигар ба онҳо додаанд, амали намуда, дорои чунин ҳуқуқӣо мебошанд:

- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ, инчунин ҳуқуқу манфиатҳои қонунии дигар шахсон ва ташкилотҳо;
- барқарор намудани ҳуқуқӣои вайроншудаашон аз тарафи мақомоти салоҳиятноки давлати ва иттиҳодияҳои ҷамъияти.

Шахсони бешаҳрванд ҳуқуқи муроҷиат намуданро мувофиқи Қонуни мазкур дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, доранд.

Муроҷиатҳои шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур баррасӣ карда мешаванд, агар дарсанадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Ба амалҳо, қарорҳои мақомоти давлати, иттиҳодияҳо, корхонаҳо муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдори онҳо, ки нисбати онҳо ҳуқуқ ба тартиби тобеият ба мақом, шахси мансабдор ё суд муроҷиат кардан мумкин аст, амалҳои коллегиали ва инфиродӣ, қарорҳо тааллуқ доранд, ки дар натиҷаи онҳо:

– шаҳрванд аз имконияти пурра ё қисман амали намудани ҳуқуқе, ки қонун ё дигар санади қонунгузори додааст, ғайриқонуни маҳрум карда шудааст;

– ба зиммаи шаҳрванд ғайриқонуни вазифае гузошта шудааст ё вай ғайриқонуни ба ҷавобгари кашида шудааст.

Мувофиқи Қонуни мазкур беамалии мақомот ва шахсони мансабдор, яъне иҷро накардани амалҳое низ метавонад мавриди шикоят қарор гирад, ки онҳо мебоист ба манфиати шаҳрванд анҷом медоданд ва метавонистанд анҷом диҳанд, вале иҷро накардани онҳо боиси оқибатҳое шудааст, ки дар қисми якуми моддаи 8 зикр ёфтаанд.

Муроҷиатҳои шаҳвандон дар мӯҳлати то як моҳ аз рӯзи расиданашон, вале муроҷиатҳое, ки омӯзишу таҳқиқи иловагиро талаб намекунанд, дар давоми 15 рӯз барраси.

Дар ҳолатҳое, ки барои ҳалли ариза ё шикоят гузаронидани санҷиши махсус, талаб карда гирифтани маводҳои иловаги ё дидани чораҳои дигар зарур аст, мӯҳлати ҳалли ариза ва шикоят ба таври истисно аз тарафи роҳбар ё муовини роҳбари мақоми дахлдор, корхона, муассиса, ташкилот дароз карда шуда метавонад, аммо на зиёда аз як моҳ ва дар ин бора шахсе, ки ариза ё шикоят додааст, огоҳ карда мешавад. Зимнан мӯҳлати умумии баррасии муроҷиат аз ду моҳ зиёд буда наметвонад

Мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Моддаи 19 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини менамояд, ки «ҳар кас кафолати ҳифзи суди дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз барраси намояд.».

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судӣои Ҷумҳурии Тоҷикистон» суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, созмону муассисаҳо, ташкилотҳо, қонуният ва адолатро, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудаанд, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, ҳифз менамояд.

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суди конститутсионии ҷумҳурии тоҷикистон» муқарар карда шудааст, ки шахсон метавонанд ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳо оид ба вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии онҳо вобаста ба қонун ва дигар санади ҳуқуқии татбиқшуда ё татбиқшаванда дар муносибати мушаххаси ҳуқуқӣ муроҷиат намоянд.

Мувофиқи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳсҳо дар суди маҳалли ҷойгиршавии ҷавобгар баррасӣ карда мешаванд.

***16. Агар ТҒҲ нияти таъсиси филиал дошта бошад, пас барои ин гирифтани иҷозати иловагӣ зарур аст?***

Мувофиқи моддаи 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ҳангоми таъсис додани филиал ё намояндагӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ин бояд маълумот дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ нишон дода шавад, бо пешниҳоди маълумотҳои зерин оиди филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ: маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) онҳо, санаи ворид намудани маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ.

Мувофиқи моддаҳои 1,4,8,12, 28-34 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешбинӣ шудааст, ки аз тарафи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар маҳалли ҷойгиршавии филиал ё намояндагӣ дар муддати *5 рузи корӣ* аз рузи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо амалӣ мешавад.

***17. Кадом тартиб нисбати ТҒҲ-ҳои байналмилалӣ барои гирифтани иҷозат ба фаъолият ё кушодани филиал дар давлати қабулкунанда паҳн мегардад?***

Бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллиро, ки фаъолияти онҳо мувофиқи оинномаҳояшон дар ҳудуди шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ амалӣ мегарданд, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба мақомоти бақайдгиранда ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза, ки онро аъзои мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ имзо кардаанд ва дар он насаб, ном, номи падар, ҷойи истиқомат ва телефонҳои робита нишон дода шудаанд;
- оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар ду нусха бо забони давлатӣ ва бо хоҳиши ташкилоти ҷамъиятӣ ду нусха бо забони муошírати байни миллатҳо;
- иқтибос аз протоколи анҷуман, конференсия, маҷлиси умумӣ ё маҷлиси таъсисӣ, ки дар бораи таъсиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ, тасдиқи оинннома, ташкил кардани мақомоти роҳбарикунанда ва мақоми назорату тафтишии он маълумот дорад;
- маълумот дар бораи муассисони иттиҳодияи ҷамъиятӣ: барои шахсони воқеӣ - насаб, ном, номи падар, соли таваллуд, ҷои сукунат, шаҳрвандӣ (бо имзоҳояшон тасдиқ мегардад) ва нусхаи шиносномa ё дигар ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад; барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳангоми таъсиси иттифоқи (ассотсиатсия, шӯрои) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ - нусхаи шаҳодатномаҳо дар бораи бақайдгирии давлатии оинномаи ин иттиҳодияҳо, иқтибос аз протоколи маҷлиси мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бо қарор дар бораи таъсиси иттифоқи (ассотсиатсия, шӯрои) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин нусхаи шартномаи таъсисҳ;
- аризаи шахсоне, ки дар моддаи 19 Қонуни мазкур нишон дода шудаанд, дар бораи розигӣ ба истифодаи номи шаҳрванд дар номи иттиҳодияи ҷамъкятӣ;
- ҳангоми аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ истифода бурдани рамзи таҳти ҳимояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи

ҳифзи моликияти зеҳнӣ ё ҳуқуқи муаллифӣ қарордошта - ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи истифодаи онро тасдиқ мекунанд;

- ҳуҷҷати пардохти боҷи давлатӣ;

- ҳуҷҷат дар бораи нишонии (маҳалли ҷойгиршавии) мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

- барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ - протоколҳои анҷуманҳо, конференсияҳо, маҷлисҳои умумӣ ё маҷлисҳои таъсисии воҳидҳои сохторӣ анҷом медиҳад.

Барои қайди баҳисобгирии намояндагӣ ё филиалҳои иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда:

1) аризаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар бораи қайди баҳисобгирии намояндагҳӣ ё филиали он;

2) нусхаи аз тарафи нотариуси давлатӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки намояндагӣ ё филиал таъсис медиҳад;

3) қарори иттиҳодияи ҷамъиятӣ:

а) дар бораи таъсиси намояндагӣ ё филиал;

б) дар бораи тасдиқи Низомнома;

в) дар бораи таъин намудани роҳбари намояндагӣ ё филиал;

4) Низомномаи намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

5) ваколатнома, ки ба роҳбари намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ дода шудааст;

6) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маҳалли ҷойгиршавии намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

7) квитансия ё нусхаи супориши пардохтӣ дар бораи пардохти боҷи давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бақайдгирии давлатии ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии намояндагиву филиалҳои онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорати адлия анҷом дода мешавад. Барои бақайдгирии давлатии ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии намояндагиву филиалҳои онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар боло қайдшуда инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ талаб карда мешаванд, ки аз ҷониби мақомоти мутасаддии давлати хориҷӣ омода, тасдиқ ва ё пешниҳод шудаанд. Ба ин ҳуҷҷатҷо дохил мешаванд:

– нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ё дигар ҳуҷҷати бо қувваи қонуниаш ба он баробар, ки ҳолати ҳуқуқии ин шахсро тасдиқ мекунад;

– қарори мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар бораи таъсис додани филиал ё намояндагӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бораи таъин намудани роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки онҳоро шахсони ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ имзо кардаанд;

– нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва ваколатнома ба номи шахси ваколатдор, агар аз ҷониби шахси ваколатдор ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардад;

– ваколатнома ба номи роҳбари филиал ё намояндагӣ;

–

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои дар боло қайдшуда бояд ба забони давлати тарҷума карда шаванд. Тарҷумаи ҳуҷҷатҳои нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шавад.

Инчунин ин ҳуҷҷатҳо бояд дар дар муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунӣ гардонида шавад. Қонунигардонӣ (легализатсия) барои ҳуҷҷатҳое, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷии мамлакатҳои иштирокчии шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, талаб карда намешавад.

Моддаи 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» муайян менамояд, ки иттиҳодияи ҷамъиятии байналмилалӣ иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар қаламрави як ё якчанд давлатҳои хориҷӣ фаъолият намуда, филиал ва намояндагии худро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як ё якчанд давлатҳои хориҷӣ дорад ё мақсад дорад мувофиқи оиннома ин воҳидҳоро дошта бошад. Моддаи 38 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» муқарар менамояд, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар давлатҳои хориҷӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва қонунгузории ин давлатҳои ташкилот, филиалҳо ва намояндагиҳои худро таъсис намоянд. Он иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки дар давлатҳои хориҷӣ ташкилот, филиалҳо ва намояндагиҳои худро таъсис додаанд, мувофиқи моддаи 12 Қокуни мазкур иттиҳодияи ҷамъиятии байналмилалӣ эътироф

карда мешаванд ва бояд бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур аз нав ба қайд гирифта шаванд.Баъди бақайдгирии давлатии ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати коркунони он бояд дар Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия карда шаванд.

Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё филиалу намояндагиҳои онҳо, ки ба қайди давлатӣ ё қайди баҳисобгирӣ гирифта нашудаанд, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, *манъ аст.*

***18. Оё қонун талабот оиди азнавбақайдгирии ТҒҲ-ро пешбинӣ мекунад? Дар кадом ҳолатҳо чунин азнавбақайдгирӣ талаб карда мешавад?***

Мувофиқи моддаҳои 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» тағйироте, ки ба оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ворид карда мешаванд, бо ҳамон тартиб ва дар ҳамон мӯҳлате, ки барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ муқаррар карда шудааст, ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд ва онҳо аз вақти чунин бақайдгирӣ эътибори ҳуқуқи пайдо мекунанд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бевосита талабот оиди азнавбақайдгирии шахси ҳуқуқиро муқаррар намекунад. Ҳамзамон ин Қонун асосҳоеро пешбинӣ менамояд, ки ҳангоми он шахси ҳуқуқӣ бояд иловаҳо ва тағйиротҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид созад. Дар моддаи 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» асосҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ пешбинӣ шудаанд, ки дар модаи 8 конуни мазкур муқаррар шуда инҳоянд:

- тағйирёбии шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ (азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ);
- тағйирёбии номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ;
- тағйирёбии маълумотҳо оиди муасисони шахси ҳуқуқӣ;
- тағйирёбии суроғаи шахси ҳуқуқӣ (филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ), ҷои истиқомат ё маҳалли анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ;
- таъсис ё барҳам додани филиал ва намояндагихои шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- маълумот оид ба қарор доштани шахси ҳуқуқӣ дар ҷараёни барҳамдиҳӣ ё муфлисшавӣ.

Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ тағйиру иловаҳоро ба маълумоти дар Феҳристи ягонаи давлатӣ мавҷудбуда тибқи ариза дар шакли тасдиққардаи мақомоти ваколатдори андоз дар муддати *5 рӯзи корӣ* аз рӯзи гирифтани ариза ворид намуда, иқтибосро аз Феҳристи ягонаи давлатӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо медиҳад.

Муассисон, мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ӯҳдадоранд дар муддати то *5 рӯзи корӣ* аз рӯзи қабул намудани қарор дар бораи тағйир ёфтани маълумоти дар боло нишондодашуда, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатиро ба тоъри хаттӣ хабардор созанд. Тағйиру иловаҳо пас аз ворид намудани онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ қувваи қонунӣ пайдо мекунанд.

Ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ вобаста ба таъсис додан ё қать намудани фаъолияти филиал ё намояндагии, шахси ҳуқуқӣ ба мақокоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

а) ариза дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ вобаста ба таъсис додани филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ. Ариза дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ вобаста ба таъсис додани филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқи бояд дорои маълумоти зерин бошад:

– қарори шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ;
– номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ;
– маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) филиал ё намояндагии таъсисдодашавандаи шахси ҳуқуқӣ;
– санаи додани ариза ва имзои аризадиҳанда.

б) қарор дар бораи таъсис додан ё қатъ намудани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ;

в) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ;

г) ваколатномаи роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ дода шудааст.

Ҳангоми азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ, тақсимшавӣ, ҳамроҳкунӣ, табдилдиҳӣ, ҷудо кардан) шахси ҳуқуқӣ ба мақокоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ, инчунин санади (акти) супурдан ё балanси тақсимот бо нишон додани муқаррарот оиди ворис нисбати уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилдодашаванда, пешниҳод карда мешавад.

Тағйирот ва иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ бо ҳамон тартиб ва дар ҳамон мӯҳлате, ки барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст, ба қайди давлатӣ гирифта

мешаванд ва онҳо аз вақти чунин бақайдгирӣ эътибори ҳуқуқи пайдо мекунанд.

***19. Кадом мақомоти давлатӣ ваколати санҷиши фаъолияти ТҒҲ-ро доранд?***

Мувофиқи қонунгузории ҶТ санҷиши фаъолияти ТҒҲ ба ваколати он мақомоти давлатие дохил мешавад, ки барои назорат дар соҳаи фаъолияти ТҒҲ, масъуланд.

Мақомоти давлатии зерин метавонанд санҷиши шахсони ҳуқуқиро гузаронанд:

- Прокуратураи генералии ҶТ.
- Вазорати адлияи ҶТ.
- Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ.
- Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ.
- Вазорати маорифи ҶТ (ҳангоме, ки ТҒҲ дар соҳаи маориф фаъолият намояд).
- Вазорати тандурустии ҶТ (ҳангоме, ки ТҒҲ дар соҳаи хизматрасонии тиббӣ фаъолият намояд).
- Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ назди Ҳукумати ҶТ.

Масалан, тибқи моддаи 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» Вазорати адлияи ҶТ мувофиқати фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба мақсадҳои оинномавии онҳоро назорат мекунад. Аз ин ру, Вазорати адлияи ҶТ ҳуқуқ дорад аз мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешниҳоди қарорҳои қабулшударо талаб намояд, намояндагони худро барои иштирок кардан дар чорабиниҳое, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мегузаронанд, фиристад, аз аъзоёни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар шаҳрвандон шарҳ оиди риояи оинномаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ гирад.

Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои ба он тобеъ дар доираи ваколатҳои худ амалӣ менамоянд.

Назорати риояи меъёрҳо ва стандартҳо аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятиро мақомоти экологӣ, зиддисухтор, санитарию эпидемиологӣ ва дигар мақомоти назоратӣ амалӣ менамояд.

Мақомоти молия ва андоз мутаносибан назоратро аз руи манбаи даромадҳои андозсупорандагон, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, андозаи воситаҳои аз тарафи онҳо қабулшаванда ва пардохти андозҳо аз руи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ менамоянд.

***20. Кадом мақомоти давлатӣ аризаҳои ТҒҲ оиди гирифтани имтиёзҳои молиявӣ ва дигар имтиёзҳоро баррасӣ менамоянд?***

Мақомоти махсуси давлатии ҷудокардашуда барои баррасии аризаҳо аз ТҒТ оиди пешниҳоди ягон гуна имтиёзҳои молиявӣ ва дигар имтиёзҳо вуҷуд надорад. Озодиҳо аз пардохти андоз ё пешниҳоди имтиёзҳои андоз барои ТҒТ танҳо дар доираи Кодекси андози ҶТ амалӣ мегардад.

***21. Оё ТҒҲ иҷозати гирифтани маблаггузории хориҷиро доранд? Кадом қонунҳо гирифтани чунин маблаггузориро ба танзим медароранд?***

Имконияти гирифтани кумаки молиявӣ барои ТҒТ дар қонунгузории гражданӣ ва андози ҶТ пешбинӣ гардида, ҳамзамон ягон маҳдудият барои маблағгузаронии фаъолияти ТҒТ пешнибинӣ нашудааст, ғайр аз талаботи истифодаи мақсадноки воситаҳо.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳодисаҳои солҳои охир раванди мустаҳкам нисбати муҳокимаи механизми дастгирии давлатии Бахши сеюм ва ба онҳо додани асосҳои ҳуқуқиро нишон медиҳанд. Ба сифати яке аз чунин механизмҳо, татбиқи «фармоиши иҷтимоии давлатӣ» дида баромада мешавад. Матлаби фармоиши иҷтимоӣ «таҳия ва (ё) татбиқи тадбирҳо (аксияҳо, барномаҳо), ки ба ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, инчунин ба иштирок дар асоси озмун дар иҷроиши тадбирҳои барномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ равона карда шудаанд», мебошад. Аз ин сабаб дар Тоҷикистон Қонуни ҶТ «Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ»-и қабулшуда, бешубҳа саривақт ва сазовори додани диққати махсус мебошад. Дар қонун (моддаи 4) принсипҳои асосии танзими ҳуқуқии ҷараёни фармоиши иҷтимоии давлатӣ муайян гардидаанд, ки қонуният, ошкоро ва кушода будани ҷараёни фармоиши иҷтимоии давлатӣ, таъмини имкониятҳои баробар барои шасони ҳуқуқӣ барои иштирок дар озмунро дар назар дорад.

Қобилияти нисбатан самараноки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ба аҳолиро ба назар гирифта, дар қонун иштироки нисбатан афзалиятноки ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ғайритиҷоратӣ дар озмун барои ҷойгиркунии фармоиши иҷтимоии давлатӣ, муқаррар карда мешавад. Афзалияти қайдшударо набояд ҳамчун вайронкунӣ, принсипи дискриминатсионӣ дар интихоби иҷрокунандаи хизматҳои иҷтимоӣ ҳисоб намуд, чунки фармоиши иҷтимоии давлатиро бояд ҳамчун яке аз механизмзҳои маблағгузории институтҳои ҷомеаи гражданӣ аз тарафи давлат шуморид. Механизме, ки ба бунёд ва мустаҳкамнамоии ташаббуси шаҳрвандон барои ҳалли вазифаҳои муҳими иҷтимоии ҷомеаи маҳаллӣ, ба восита ва тавассути иштироки фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ равона карда шудааст.

Дар байни навовариҳои мусбии қонун, барои мониторинги самаранокии иҷроиши фармоиши иҷтимоии давлатӣ пешбинӣ шудани таъсиси шуроҳо оиди ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷалби онҳо барои ба амал баровардани мониторингро бояд қайд намуд. Ғайр аз он дар қонун дохил намудани намояндагони ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ба ҳайати ҳакамони озмун барои муайян намудани иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ, пешбинӣ шудааст. Барои ин мақсадҳо дар қонунгузорӣ таъсиси шуроҳои махсус оиди фармоиши иҷтимоӣ муқаррар карда шудааст, ки дар он ба ғайр аз намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иштироки ҳатмии намояндагони ҷомеаи граждани пешбинӣ шудааст. Маҳз ба салоҳияти чунин шуроҳо бояд тасдиқи барнома ва лоиҳаҳои иҷтимоӣ, интихоби масъалаҳои нисбатан муҳими иҷтимоӣ ва муайян намудани руйхати барнома ва лоиҳаҳои иҷтимоии афзалиятнокро дохил намуд. Чунин принсипи иштироки ҷамъиятӣ аллакай дар таъсиси комиссияҳои озмунӣ пешбинӣ шудааст, ки дар он дар баробари намояндагони фармоишгари давлатӣ ва экспертҳо дар соҳаи фармоиши иҷтимоии давлатии мушаххас, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дохил мешаванд.

Бо мақсади таъмини шаффофияти гузаронидани интихоби озмунӣ, дар қонун қабули низомномаи намунавӣ дар бораи баргузории озмун барои иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки дар он бояд тамоми тартиботи гузаронидани савдои озмунӣ, аз лаҳзаи қабули қарор дар бораи гузаронидани савдо то лаҳзаи қабули қарор дар бораи додани қарордод ва имзои шартнома барои иҷроиши фармоиши иҷтимоӣ бо ғолиби озмун, ба низом дароварда шавад. Низомномаи мазкур таҳия шуда бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №230 аз 3 майи соли 2010 тасдиқ шудааст.

Дар ин муқарраротҳо қайд шудааст, ки маънои мақсадноки фармоиши иҷтимоӣ дар рӯоварӣ ба иштироки истиноии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ин озмунҳо, ҳамчун нисбатан самараноктар қонеъ гардонии эҳтиёҷҳои ҷамъиятии аҳолӣ, изҳор карда мешавад. Иштироки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ин сифат бояд ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифати хизмаҳои иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Моддаи 24 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» инчунин гирифтани маблағгузориҳоро аз хориҷа дар намуди хайрияҳо ва дигар воридотҳое, ки мувофиқи қонунгузорӣ манъ нашудаанд, пешбинӣ менамояд.

Моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» ба ташкилоти эҳсонкорӣ ҳуқуқи фаъолияти ҷалби захираҳо ва иҷрои амалиётҳои ғайритиҷоратӣ машғул шуданро медиҳад.

Инчунин моддаи 23 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» ба иштирокдорони фаъолияти эҳсонкорӣ ҳуқуқи бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон фаъолияти байналмилалии эҳсонкориро ба амал баровarданро медиҳад. Фаъолияти байналмилалии эҳсонкорӣ бо роҳи дар лоиҳаҳои байналмилалии эҳсонкорӣ, дар кори ташкилотҳои байналмилалии эҳсонкорӣ, ҳамкорӣ бо шарикони бурунмарзӣ дар доираи фаъолияти марбутаи эҳсонкорӣ, инчунин бо шаклҳои дигари дар амалияи байналмилалӣ қабулгардида ва ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳою принсипҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мухолифат надошта ба амал бароварда мешавад.

Ташкилоти эҳсонкорӣ барои гирифтани хайрияи эҳсонкорӣ аз шаҳрвандони хориҷӣ, шаҳрвандони бетабаа, инчунин аз ташкилотҳои хориҷию байналмилалӣ ҳуқуқ дорад. Истифодаи хайрияи мазкур бо тартиби иҷозатдодаи ҳамин Қонун ба амал бароварда мешавад.

Моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ба ҳизбҳои сиёсӣ гирифтани ёрии моддиро аз давлат, шаҳрвандон, корхонаҳо ва ташкилотҳои хориҷи, инчунин корхонаҳое, ки дар онҳо кишварҳои хориҷи саҳм доранд, манъ менамояд.

Тибқи моддаи 9 Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таври хайрия маблағгузорӣ ба хазинаи интихоботии номзад ба вакил ва ҳизби сиёси аз ҷониби шахсони воқеи ва ҳуқуқии хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ; шахсони ҳуқуқие, ки бо иштироки саҳмияи хориҷи таъсис ёфтаанд; ташкилотҳои байналмилали ва ҳаракатҳои ҷамъиятии байналмилали, манъ аст.

***22. ТҒҲ кадом андозҳоро месупоранд? ТҒҲ ба кадом имтиёзҳои андозӣ талабгор шуда метавонанд? Тартиб ва талаб барои гирифтани чунин имтиёзҳо чи гуна мебошанд? Оё ин тартиб шаффоф ва дастрас барои ТҒҲ мебошад?***

Мувофиқи қонунгузории ҶТ ҳамаи муносибатҳои андозӣ, вобаста ба пардохти намудҳои гуногуни андоз ба буҷети давлатӣ, ки нисбати ТҒҲ дар раванди ба амал баровардани фаъолият ба вуҷуд меоянд, бо Кодекси андози ҶТ ба танзи даровaрда мешаванд.

Пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки дар қонунгузорӣ оиди андозбандӣ, ҳангоми муайян намудани ҳуқуқи ин ё он ташкилот ба гирифтани имтиёзҳои андозӣ, ба вазифа ва мақсади фаъолияти ташкилот, такя карда намешавад.

Тибқи моддаи 5 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҳамчун КА ҶТ) ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ андозсупорандагони андозҳои дар поён қайдшуда, мувофиқи ҳамин Кодекс мебошанд.

Мувофиқи моддаи 6 КА ҶТ андозҳои умумидавлатӣ маҷуданд:

- андоз аз даромад;
- андоз аз фоида;
- андоз аз арзиши иловашуда;
- аксизҳо;
- андози иҷтимоӣ;
- андозҳо барои захираҳои табиӣ;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия. Инчунин андозҳои маҳаллӣ:
- андоз аз воситаҳои нақлиёт;
- андозҳо аз молу мулки ғайриманқул. Андозҳо бо воҳиди пули ҳисоб карда шуда, бо асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешаванд.

Тибќи Кодекси андоз ТЃД дар баробари дигар шахсони њуќуќї метавонанд супорандагони андозњои муайян гарданд, вобаста аз:

а) пардохти музди мењнат ва дигар намуди даромадњо барои шахсони воќеї,

б) њуќуќи моликияти ТЃД

в) машғулшавї ба фаъолияти соњибкорї.

Чунин таќсимот ба даќиќ фањмидан оиди он, ки онњо бояд кадом андозњоро вобаста аз фаъолияти худ, амалҳо ва хуқуқи моликият пардохт намоянд, имкон медиҳад.

Аз ин рӯ чунин ќайд намудан мумкин аст,

- а) агар ТЃД музди мењнатро ба кормандони худ ва ё дигар даромадро ба шахсони воќеї дар асоси шартномаи граждани-хуќуќї пардохт намоянд, пас онњо супорандагони андоз аз даромад ва андози иљтимої мешаванд. Вале нисбати андоз аз даромад ТЃД андозсупоранда набуда, онхо агенти андоз, ки ўњдадор аст андозро аз шахсони воќеї нигоњ дошта, ба буљет гузаронад, мешаванд. Нисбати андози иљтимої ТЃД супорандагони 25% андоз ва агенти андоз барои 1% андози иљтимої, мебошанд.

- б) Агар ТЃД соњибмулки бинои шахсї ё автомобил бошанд, пас супорандаи андоз аз амволи ѓайриманкул ва андоз аз воситањои наќлиёт мешаванд.

- в) Агар ТЃД ба фаъолияти соњибкорї машѓул бошанд, пас вобаста аз њаљми муомилот онњо супорандагони андоз аз фоида ё тибќи низоми соддакардашуда, ААИ ва дигар намуди андозњо мешаванд.

Дар қонунгузории андоз принсипе эълон карда мешавад, ки мувофиқи он ҳамаи ТҒТ аз пардохти андоз аз воситаҳои пулӣ ва дигар арзишҳои моддии аз эҳсонкорон ва давлат (ба сифати грант ё аз руи қарордод) гирифта, инчунин аз аъзоҳаққиҳо, *ки барои фаъолияти ғайритиҷоратӣ истифода мешаванд*, озод мешаванд.

Ғайр аз он маблағгузарониҳои ройгон ва молу мулки ройгон, аъзоҳаққиҳо, хайрия ва грантҳое, ки ТҒТ мегиранд ва барои фаъолияти ғайритиҷоратӣ истифода мебаранд, инчунин аз андоз аз фоида озоданд.

Инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд ва дар онҳо дар як вақт дар соли ҳисоботии андоз:

- на камтар аз 50% шумораи кормандонро маъюбон ташкил медиҳанд, ва;
- на камтар аз 50% маблағҳои музди меҳнат ва дигар таъминоти моддӣ, аз ҷумла натуралӣ, барои эҳтиёҷоти маъюбон сарф карда шудааст;

Бо мақсади ҳавасмандгардонии эҳсонкорӣ, дар қонунгузории андоз *тарҳҳои имтиёзӣ барои пардохтҳои эҳсонкорӣ ба андозаи 10%* аз фоидаи андозбандишаванда, муқаррар карда шудааст.

Чи тавре, ки дар боло қайд шудааст, новобаста аз он, ки таҷрибаи қонунгузорӣ ба амал баровардани ҳама намуди фаъолияти иқтисодӣ (соҳибкорӣ) аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳуқуқи равона шудааст, вале даромад ва фоидаи гирифтаи ТҒТ аз чунин фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳамон меъёри андозбандии ҳамаи ташкилоти тиҷоратӣ меафтад, новобаста аз манбаи гирифтани чунин даромадҳо ва мақсадҳое, ки онҳо сарф карда мешаванд.

Қонунгузории андоз инчунин дигар имтиёзҳои алоҳидаро баро ТҒҲ нисбати андозҳои гуногун пешбинӣ менамояд.

Озодкунӣ аз ААИ:

Таҳвили молҳои зерин (ба ғайр аз содироти молҳо), иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо аз ААИ мувофиқи моддаи 169 КА ҶТ озод карда мешаванд:

- 1) Фурӯш, супоридан ё иҷораи молу мулки ғайриманқул, ба ҷайр аз:
- а) фурӯш ё супоридани бинои меҳмонхонаҳо ё манзилгоҳ барои истироҳаткунандагон;
- б) фурӯш ё супоридани биноҳои истиқоматии нави сохташуда;

– в) фурӯш ё иҷораи молу мулки ғайриманқул, ки барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифода бурда мешавад, ба истисноի фурӯш ё супоридан мутобиқи моддаи 165 Кодекси мазкур.

– 2) Хизматрасониҳои алоҳидаи молиявӣ бар ивази подошпулӣ, ки номгӯи онҳоро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ муайян менамояд, аз ҷумла молу мулки моддии истеҳлокшаванда тибқи амалиёти иҷораи молиявӣ (лизинг) (аз ҷумла ҳавопаймоҳо), ки мутобиқи моддаи 15 Кодекси мазкур анҷом дода мешавад, ба истисноի молу мулки ғайриманқул, автомашинаҳои сабукрав ва мебел.

– 3) Таҳвили пули миллӣ ва (ё) асъори хориҷӣ (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматӣ), инчунин коғазҳои қиматнок.

– 4) Хизматрасониҳои динӣ ва маросимӣ аз ҷониби ташкилоти динӣ.

– 5) Хизматрасонии тиббии муассисаҳои давлатӣ, ба истисноի хизматрасониҳои косметологӣ, дандонпизишкӣ ва санаторию курортӣ.

– 6) Хизматрасониҳои зерини муассисаҳои давлатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар соҳаи маориф (дар ҳолати мавҷуд будани иҷозатнома, агар он зарур бошад):

– а) таҳсилоти томактабӣ;

– б) таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ;

– в) таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ;

– г) таҳсилоти олии касбӣ;

– д) таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

– е) таҳсилоти иловагҳ ва махсус.

– 7) Ройгон супоридани (даст кашидан аз) молҳо ба манфиати давлат, таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба сифати кӯмаки башардӯстона.

– 8) Таҳвили молҳо, сиҷрои корҳо, хизматрасониҳое, ки бевосита аз ҷониби муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё корхонаҳои давлатие, ки ба системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, истеҳсол намудаанд (иҷро кардаанд, хизмат расонидаанд).

– 9) Таҳвили маҳсулоти махсуси истифодаи инфиродӣ барои маъюбон мувофиқи номгӯе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

– 3. Таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои ѕиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, алюминийи аввалия, консентрати металлҳо, маъданҳои молӣ, оҳанпораи металлҳои сиёҳ ва ранга, металлҳои дигари дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон истеҳсолшаванда, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда, аз ҷумла барои содирот, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад.

– 4. Намудҳои зерини воридот аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд:

– воридоти пули миллӣ ва (ё) асъори хориҷӣ (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматӣ), инчунин коғазҳои қиматнок;

– воридоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Хазинаи давлатии сарватҳо;

– воридоти молҳое, ки ройгон ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҳикистон дода мешаванд, воридоти молҳо ба сифати кӯмаки башардӯстона, воридоти молҳое, ки ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ ба мақсади рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо ройгон дода мешаванд;

– воридоти техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил медиҳанд. Номгӯи таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилӣ ба он мутобиқи номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад;

– воридоти дорувории тиббӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ мувофиқи номгӯи муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– воридоти молҳое, ки барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои созишномаҳои грантӣ (қарзӣ) амалӣ мешаванд;

– воридоти молҳо барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

– воридоти молҳо (ба истиснои молҳои зераксизӣ) тибқи номгӯй ва ҳаҷми муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита истеҳсолкунандагон барои истеҳсоли алюминийи аввалия анҷом медиҳанд;

– воридоти нахи пахта ва алюминийи аввалия;

– воридоти маҳсулоти махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон мувофиѕи номгӯе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Озодкунӣ аз пардохти ААИ ба шахсон, аз рӯи аҳдҳои (қарордодҳои, шартномахои, созишномаҳои) барои таҳвили молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) басташуда, ки аз ҳисоби маблағҳои грант, кредит (қарз), пардохта шудаанд (бояд пардохта шаванд),

ҳангоми риоя кардани шартҳои зерин пешниҳод карда мешавад: аз ҷониби шахси бевосита ба лоиҳа (барнома, созишнома), ки барои амалӣ гардидани он грант, кредит (қарз) пешниҳод шудааст, алоқаманд мебошанд, тасдиқ шуда бошад; дар давраи амалӣ гардидани грант, кредит (қарз) баста шуда бошанд; то анҷоми давраи амалӣ гардидани лоиҳа (барнома, созишнома), ки бо мақсади он грант, кредит (қарз) пешниҳод шудааст, бояд ба итмом расанд.

Аз пардохти ААИ озод намудани таҳвили молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) дар асоси аризаи (муроҷиати) грантгиранда (кредитгиранда) ё шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ваколатдоркардаи он, ба суроғаи (ба номи) молрасон, иҷрокунандаи корҳо ё хизматрасонӣ сурат мегирад. Грантгирандаҳо (кредитгирандаҳо) аризаҳои зикргардидаро бо ҷамъбасти афзоянда ба ҳисоб мегиранд ва ба ҳуҷҷатҳои ба озодкунӣ аз пардохти ААИ алоқаманд буда замима менамоянд.

Тибқи моддаи 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», давлат ба онҳо додани сиёсати имтиёзноки андозиро ба танзим медарорад. Дастгирии давлатӣ ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар шакли маблағҷудокунии мақсадноки барномаҳои ҷудогонаи барои ҷомеа муфид, инчунин дар дигар шаклҳое, ки бо қонунгузорӣ манъ карда нашудаанд, ифода ёфта метавонад.

Тибқи моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - иштирокдорони фаъолияти эҳсонкориро, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, аз ҷониби давлат кафолат дода, таъмин карда мешаванд.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ, аҳамияти иҷтимоии эҳсонкориро эътироф намуда, метавонанд иштирокчиёни фаъолияти эҳсонкориро дар шакли зайл дастгирӣ кунанд:

– пешниҳод барои додани нишонҳои фахрӣ ва мукофотҳо;

– додани имтиёзҳо оиди пардохти андоз, боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар асоси озмун, бо маблағ таъминкунии барномаҳои эҳсонкорӣ;

– бепул ё бо назардошти имтиёзҳо ба моликияти ташкилотҳои эҳсонкор вогузор кардани амволи давлатӣ ё маҳаллӣ, дар ҷараёни ғайридавлатикунонӣ ё хусусигардонӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ.

Аз ҷониби давлат маблағгузории фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки мақсадҳои сиёсӣ доранд, манъ аст.

***23. Оё ТҒҲ уҳдадории пешниҳоди ҳисобот ба мақомоти давлатӣ доранд? Дар кадом ҳолатҳо?***

Тибқи моддаи 25 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» иттиҳодияи ҷамъиятӣ вазифадор аст: - ҳар сол то 1 апрел ба мақомоти бақайдгиранда дар бораи идомаи фаъолияти худ, ки шакли он аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, пешниҳод намояд;

Мувофиқи Кодекси андози ҶТ иттиҳодияи ҷамъиятӣ ӯҳдадоранд ба мақомоти андоз ҳисоботҳои ҳармоҳа, семоҳа ва солонаро оиди пардохтҳои андозҳои гуногун пешниҳод намоянд.

Ба ғайр аз он, ТҒТ ба монанди дигар шахсони ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд ҳар моҳ маълумотро ба мақомоти омор пешниҳод намоянд.

***24. Оё озодии иттиҳодия маҳдуд ва ё мувaққатан боздошт карда шуда метавонад? Он бо кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровaрда мешавад?***

Тибқи моддаи 14 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъияти, ҳимояи сохти конститутсиони ва тамомияти арзии ҷумҳури раво дониста мешавад.

Мувофиқи моддаи 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» дар сурати аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ риоя накардани муқаррароти Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содир намудани амалҳои мухолифи мақсадҳои оинномавӣ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокурорҳои тобеи он ба мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи мазкур дар бораи бетаъхир бартараф намудани қонуншиканӣ амри хаттӣ ва ба мақомоти бақайдгиранда огоҳиномаи хаттӣ фиристода, мӯҳлати бартараф намудани онҳоро муқаррар менамояд.

Агар дар мӯҳлати муайяншуда қонуншиканиҳое, ки асоси баровардани амри хаттӣ ё огоҳиномаи хаттӣ гаштаанд, бартараф карда нашаванд, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокурорҳои тобеи он ё мақомоти бақайдгиранда ҳуқуқ доранд ба суд бо аризаи даъвогӣ дар хусуси боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ муроҷиат намояд. Дар ин маврид суд метавонад фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятиро ба ӯҳлати то се моҳ боздорад.

Мувофиқи моддаи 37 ҳамин қонун асосҳои барҳам додан ва манъ кардани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст.

Моддаи 36 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» муқаррар менамояд, ки дар сурати боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуқуқи он чун муассиси воситаҳои ахбори омма фаъолияти воситаiои ахбори оммаи таъсисдодаи он боздошта

мешавад, ба вай ташкил кардан ва гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, роҳпаймоиҳо ва дигар чорабиниҳои оммавӣ, истифодабарии амонатҳои бонкӣ, ба истиснои ҳисобу китобҳо оид ба фаъолияти хоҷагӣ ва шартномаҳои меҳнатӣ, ҷуброни зараре, ки бо амали ӯ расонида шудааст, пардохти андозҳо, боҷҳо ва ҷаримаҳо манъ аст.

Ҳамзамон дар ин маврид, агар дар давоми мӯҳлати муқарраршудаи боздоштани фаъолияти тиҳодияи ҷамъиятӣ қонуншиканиҳо, ки асоси боздоштани фаъолияти он гардидаанд, бартараф карда шаванд, иттиҳодияи ҷамъиятӣ фаъолияти худро бо қарори суде, ки фаъолияташро боздоштааст, давом медиҳад.

Асосҳои барҳам додани иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё манъ кардани фаъолияти он, инҳо мебошанд:

– ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро риоя накардани иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

– Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накардани иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ мунтазам анҷом додани фаъолияте, ки ба мақсадҳои оинномавии он мухолифат менамояд;

– аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ бартараф накардани кирдорҳое, ки барои баровардани амри хаттӣ ё огоҳиномаи хаттӣ тибқи талаботи моддаи 35 Қонуни мазкур асос гардидаанд.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» ҳангоми таъмини амният ба маҳдуднамоии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон роҳ дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки бевосита дар қонун пешбинӣ шудаанд. Маҳдудияти ҳуқуқ ба чорабиниҳо, дар ҳолтаҳое роҳ дода мешавад, ки агар он хавфи ҷиддиро ба ҳаёт ва саломатии шахсон, амният ва иқтидори мудофиавии мамлакат дошта бошад. Шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра ҳуқуқ доранд оид ба маҳдуд карда шудани ҳуқуқу озодиҳои худ аз субъектҳои таъмини амният тавзеҳот гиранд. Аз руи талаби онҳо ин тавзеҳот дар шакли хаттӣ дар муҳлати муқарраркадаи қонунгузорӣ дода мешавад.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» амали экстремистӣ ҳамчун фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ вобаста ба банақшагирӣ, ташкилкунӣ, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое, ки барои иҷрои мақсадҳои зерин равона карда шудаанд, манъ карда шудааст:

а) ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва халалдор сохтани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) зарар расонидан ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) ғасб ё тасарруфи салоҳияти ваколатҳои ҳокимият;

г) ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ;

д) амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ;

е) ангезонидани мунокишаҳои нажодӣ, миллӣ ё динӣ, инчунин мунокишаҳои иҷтимоӣ, ки ба зӯроварӣ ё даъват ба зӯроварӣ алоқаманд аст;

ж) паст задани шаъни миллӣ;

з) ба амал овардани бетартибиҳои оммавӣ, авбошӣ ва харобкорӣ бо сабабҳои душманӣ ё бадбинии идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ва ё бо сабабҳои бадбинӣ ё душманӣ нисбати ягон гурӯҳи иҷтимоӣ;

и) ташвиқоти ягона будан, бартари доштан ё номукаммалии шаҳрвандон бо хусусиятҳои муносибати онҳо ба дин, тамоюли иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва ё забонии онҳо;

к) даъватҳои оммавӣ барои амалӣ гардонидани фаъолияти мазкур ё иҷрои амалҳои номбаршуда;

л) маблағгузори ба фаъолияти мазкур ё расонидани кӯмак барои амалӣ гаштани он, ҷудо кардани манзил, базаҳои таълимӣ, полиграфӣ, моддӣ-техникӣ, алоқаҳои телефонӣ, факсӣ, хизматрасонии иттилоотӣ, дигар воситаҳои моддӣ-техникӣ барои амалӣ шудани ин фаъолият.

Ташкилоти экстремистӣ - иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ ё дигар ТҒТ мебошад, ки нисбати он тибқи асосҳои пешбининамудан Қонуни мазкур оид ба барҳам додан ё манъ намудани фаъолият вобаста ба машғул шудан ба фаъолияти экстремистӣ қарори суд ба қувваи қонун даромадааст.

Маводҳои экстремистӣ - ин интишори иттилоот ё ҳуҷҷатҳое, ки барои амалӣ гаштани фаъолияти экстремистӣ даъват карда мешаванд ё ногузирии ин фаъолиятро асоснок менамоянд, нашрияҳо, ки ногузирии бартарии миллӣ ё нажодиро талқин менамоянд ё таҷрибаи ҷиноятҳои ҳарбӣ ва дигар ҷиноятҳоро, ки ба несту нобудкунии пурра ё қисмии ягон намуд гурӯҳи этникӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ равона карда шудааст, асоснок мегардонад.

Фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин бо тартиб ва асосҳои пешбиникардаи дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад боздошта шавад.

Мувофиқи моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» дар ҳудуди Тоҷикистон ташкилоти террористи, ки ба мақсади содир намудани фаъолияти террористи таъссис дода шудааст ё дар фаъолияти худ имконияти истифодаи терроризмро эътироф менамояд, маъ аст. Ташкилот - террористи ба ҳисоб меравад, агар аққалан яке аз ҷузъу томҳои дохилии ташкилот ё бо огоҳии аққалан яке аз мақомоти роҳбарикунандаи он фаъолияти террористиро анҷом медиҳад.

Мувофиқи моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» дар сурати амалӣ гаштани фаъолияти экстремистии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ташкилотҳои динӣ, ки ба поймол шудани ҳуқуқу озодии инсон, зиён ба шахсият, саломатии инсон, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ, бехатарии ҷамъиятӣ, моликият, манфиатҳои қонунии иқтисодии шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, ба давлат ё ҷамъият расонидани хавфи воқеиро ба вуҷуд меоваранд, шахси вазифадор ё мақомот аз лаҳзаи мурочиаташ ба суд бо тартиби дар моддаи 12 Қонуни мазкур омада, бо ариза дар бораи барҳам додани иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё ташкилоти динӣ ва дигар воҳидҳои таркибии онҳо ё манъи фаъолияташон ҳуқуқ доранд, ки бо қарори худ фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё ташкилоти диниро то аз ҷониби суд дида баромадани ин ариза боз доранд.

Оиди қарор дар бораи боздошти фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ташкилотҳои динӣ ва дигар воҳидҳои таркибии онҳо ба суд шикоят кардан мумкин аст.

Тартиби боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятиро дар сурати ҷорӣ кардани вазъияти фавқулодда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун муайян менамояд.

Тибқи моддаи 47 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи вазъияти фавқулодда ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар моддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25,28-и Конститутсия пешбини шудааст, маҳдуд карда намешавад.Низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулоддаро қонуни конститутсиони муайян мекунад. Ин маънои онро дорад, ки шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шуданро (моддаи 28) дар вазъияти фавқулодда нигоҳ медоранд.

Ҳамзамон тибқи моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» дар шароити вазъияти фавқулодда вобаста ба ҳолатҳои мушаххас мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ метавонанд тадбирҳое, ки ҳуқуқӣои шаҳрвандонро маҳдуд месозанд андешанд, аз ҷумла:

1) муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва объектҳоеро, ки фаъолияти ҳаётии аҳолӣ ва хоҷагии халқро таъмин мекунанд, пурзӯр намоянд; ...

6) гузарондани маҷлису гирдиҳамоиҳо, роҳпаймоию намоишҳои кӯчагӣ, ки бо мазмуни худ боиси ноустуворшавии вазъият мешаванд, чунин гуруснанишинӣ ва эътирозҳо, чорабиниҳои намоишӣ, варзишӣ ва дигар тадбирҳои оммавиро манъ кунанд;

7) барои корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликияташон тартиби махсуси корро ҷорӣ намоянд, ҳамчунин дигар масъалаҳои фаъолияти хоҷагии онҳоро ҳал кунанд; ...

9) барои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда захираю имкониятҳои корхонаҳо ва муассисаю ташкилотҳо истифода

намуда, баъдан мутобиқи тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи онҳоро ҷуброн намоянд; ...

18) ташкил ва фаъолияти гурӯҳҳои мусаллаҳи шаҳрвандонро, ки бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, пешгирӣ кунанд;

Барои вайрон кардани талаботҳои пешбинӣ шудаи дар Қонуни конститутсионии дар боло қайдшуда, ҷарима ба андозаи аз нисф то се нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё ҳабс ба мӯҳлати то понздаҳ шабонарӯз ҷазои маъмурӣ дода мешавад, агар барои ин вайронкуниҳо мувофиқи қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ нашуда бошад (Моддаи 8).

***25. Дар кадом ҳолатҳо амалҳои ТҒҲ асоси маҳкам намудани он мешаванд? Ин тартибот чи гуна аст?***

Тибқи моддаи 14 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъияти, ҳимояи сохти конститутсиони ва тамомияти арзии ҷумҳури раво дониста мешавад.

Дар сурати аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ содир намудани амалҳое мухолифи мақсад ва вазифаҳои оинномавӣ, ки дар Оиннома муайян гардидаанд, ё ин ки қонунҳои ҷорӣ, инчунин манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро вайрон мекунанд, ба мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи мазкур огоҳиномаи хаттӣ аз тарфи мақомоти бақайдгирандае, ки иттиҳодияи ҷамъиятӣро ба қайд гирифтааст, ё ин ки прокурор, фиристода мешавад.

Огоҳиномаи хаттӣ то муроҷиат ба суд оиди қатънамоии фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ, бароварда мешавад.

Иттиҳодияи ҷамъиятӣ уҳдаддор аст дар муҳлати як моҳ аз рузи қабули огоҳиномаи хаттӣ, қонуншиканиҳои содирнамударо бартараф карда, оиди ин ба мақомоте, ки огоҳиномаро баровардааст, хабар диҳад.

Агар дар мӯҳлати муайяншуда қонуншиканиҳ бартараф карда нашаванд ва мақомоте, ки огоҳиномаро баровардааст ин муҳлатро дароз накунад, мақомоти бақайдгиранда ё прокурор ҳуқуқ доранд ба суд бо аризаи даъвогӣ дар хусуси боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ муроҷиат намояд.

Мувофиқи моддаи 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» асосҳо ва тартиби боздоштани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ мешавад. Ҳамин тавр, бо пешниҳоди прокурор ё бо ташаббуси мақомоте, ки иттиҳодияи ҷамъиятиро бақайд

гирифтааст, суд метавонад фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятиро ба мӯҳлати то се моҳ боздорад, дар ҳолатҳои:

- вайронкунии ҷиддии яккарати оиннома аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ;
- вайронкунии қонунгузори ҷорӣ;
- варон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ;
- иҷро накардани талаботҳои огоҳиномаи хаттӣ тибқи қисми 2 моддаи 35 Қонуни дар болоқайдшуда.

Аз руӣ қарор дар бораи боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба суд шикоят овардан мумкин аст.

Агар дар давоми мӯҳлати муқарраршудаи боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ қонуншиканиҳо, ки асоси боздоштани фаъолияти он гардидаанд, бартараф карда шаванд, иттиҳодияи ҷамъиятӣ фаъолияти худро аз лаҳзаи баратараф кардани қонуншиканӣ, бо қарори суде, ки фаъолияташро боздоштааст, давом медиҳад. Дар ҳолати бартараф накардани қонуншикании қайдшуда, мақомоте, ки дар хусуси боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ ариза ба суд додааст, ба суд ариза оиди барҳамдиҳии онро пешниҳод менамояд.

Моддаи 36 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» зикр менамояд, ки боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ маънои онро дорад, ки дар муҳлати муайяннамдуаи суд, амалҳои зерин манъ аст:

- истифодабарии мақоми шахси ҳуқуқӣ,
- паҳннамоии бемамонияти маълумот оиди фаъолияти худ,
- тарғиботи мақсад ва ақидаҳои барномавии худ,
- иштирок дар ташкилнамоии мақомоти ҳокимияти давлатӣ,
- таъсиси воситаҳои ахбори омма,
- гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, роҳпаймоиҳо ва дигар чорабиниҳои оммавӣ, ба истиснои маҷлисҳои мақомоти роҳбарикунанда, ки мувофиқи оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ пешбинӣ шудаанд.

Талаби барҳам додани шахси ҳуқуқиро мақоми давлати ё мақомоти ҳокимияти давлати ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати, ки мувофиқи қонун барои пешниҳоди чунин талаб ҳуқуқ дорад, ба суд пешниҳод карда метавонад. Бо қарори суд дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқи мумкин аст вазифаи барҳам додани шахси ҳуқуқи ба зиммаи муассисони (иштирокчиёни) он ё мақоми дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсиси шахси ҳуқуқи ба барҳамдиҳии он ваколатдошта, гузошта шавад.

Агар шахси ҳуқуқие, ки ТҒТ мебошад ва чун кооперативи матлубот ва ё фонди ҷамъияти фаъолият мекунад, бо сабаби муфлис эътироф шуданаш инчунин мутобиқи моддаи 67 КГ ҶТ барҳам дода мешавад.

Тибқи моддаи 63 КГ ҶТ мақоми дар хусуси барҳамдиҳии шахси ҳуқуқи қарорқабулкарда вазифадоранд, ки бетаъхир аз ин хусус мақоми бақайдгирандаи ашхоси ҳуқуқиро хатти огоҳ созанд ва он ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар хусуси дар ҷараёни барҳамдиҳи қарор доштани шахси ҳуқуқи маълумот ворид месозад.

Инчунин мақоми дар хусуси барҳамдиҳии шахси ҳуқуқи қарорқабулкарда комиссияи барҳамдиҳи (барҳамдиҳанда)-ро таъин намуда, мутобиқи ҳамин Кодекс тартиб ва мӯҳлати барҳамдиҳиро муқаррар менамоянд. Комиссияи барҳамдиҳи аз лаҳзаи таъин гардиданаш барои назорат кардани амали мақомоти шахси ҳуқуқи дар мавриди ихтиёрдории амволаш ваколат ба даст меорад. Аз ҷумла тамоми амалиёти мақомоти шахси ҳуқуқи, ки ба бегона кардани амволи он ё пардохти қарз равона гардидаанд, танҳо бо ризояти комиссияи барҳамдиҳи метавонад ба амал бароварда шавад.

Моддаи 64 КГ ҶТ тартиби барҳамдиҳии шахси ҳуқуқиро муайян месозад.

Чунончи, комиссияи барҳамдиҳи дар рӯзномае, ки маълумоти бақайдгирии давлатии ашхоси ҳуқуқиро нашр менамояд, дар хусуси барҳамдиҳии шахси ҳуқуқи ва тартибу мӯҳлати пешниҳоди талабот аз ҷониби кредиторони он эълонро чоп мекунад. Ин мӯҳлат набояд аз ду моҳи пас аз лаҳзаи нашри эълон дар бораи барҳамдиҳи камтар бошад.

Илова бар ин, комиссияи барҳамдиҳи ҷиҳати маълум сохтани кредиторон ва гирифтани қарзи дебитори тамоми чораҳои имконпазирро бояд андешида, инчунин кредиторонро дар хусуси барҳам додани шахси ҳуқуқи хатти огоҳ месозад.

Пас аз тамом шудани мӯҳлати пешниҳоди талабот аз ҷониби кредиторон комиссияи барҳамдиҳи баланси барҳамдиҳии фосилави тартиб медиҳад, ки дар он маълумот дар бораи таркиби амволи шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда, номгӯи талаботи пешкашнамудаи кредиторон, инчунин маълумот дар хусуси натиҷаи баррасии онҳо зикр меёбад.

Баланси фосилавии барҳамдиҳи аз ҷониби муассисони (иштирокчиёни) шахси ҳуқуқи ё мақоми қабулкардаи қарор дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқи тасдиқ карда мешавад. Агар маблағи мавҷудаи шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда (ғайр аз муассисаҳо) барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторон нокифоя бошад, комиссияи барҳамдиҳи мувофиқи тартиби барои иҷрои қарорҳои суд

муқарраргардида амволи шахси ҳуқуқиро аз тариқи савдои оммави ба фурӯш мерасонад.

Пардохти маблағҳои пули ба кредиторони шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда аз ҷониби комиссияи барҳамдиҳи аз рӯи навбати дар моддаи 65 ҳамин КГ ҶТ муқарраргардида, ба истиснои кредиторони навбати панҷум, ки маблағи пули ба онҳо пас аз як моҳи баъди санаи тасдиқи балaнси фосилавии барҳамдиҳи пардохта мешавад, мутобиқи баланси фосилавии барҳамдиҳи аз рӯзи тасдиқи он сар карда, пардохта мешавад.

Пас аз пардохти пулии кредиторон комиссияи барҳамдиҳи баланси барҳамдиҳиро тартиб медиҳад, ки онро муассисон (иштирокчиён)-и шахси ҳуқуқи ё мақоми қабулкардаи қарор дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқи тасдиқ менамоянд.

Барҳамдиҳии шахси ҳуқуқи баъди дар ин хусус ворид намудани сабт ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ баитмомрасида ва шахси ҳуқуқи бошад барҳамдодашуда эътироф карда мешавад.

Инчунин тибқи моддаи 19 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» муассис (муассисон) ва мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ ё суд, ки қарор дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқиро қабул намудаанд, ӯҳдадоранд, ки *дар муддати се рӯзи корӣ* аз рӯзи қабул гардидани қарор мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатиро дар бораи қабул гардидани чунин қарор бо замимаи қарор дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ огоҳ намояд.

Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар асоси огоҳинома оид ба қабули қарор дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро оид ба дар марҳилаи барҳамдиҳӣ қарор доштани шахси ҳуқуқӣ ворид менамоянд.

Тибқи моддаи 19 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ *дар муддати то панҷ рӯзи корӣ* аз рӯзи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо амалӣ гардонида мешавад. Дар моддаи 37 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» инчунин қайд шудааст, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳангоми содир намудани амалҳои дар қисми дуюми ва сеюми моддаи 35 ҳамин Қонун, аз рӯи асос ва тартиби боздошт намудани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барҳам дода мешаванд.

Барҳамдиҳии маҷбурии иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки фаъолияти онҳо ба ҳудуди шаҳри Душанбе, ноҳияҳои он ва ноҳияҳои тобеи марказ

паҳн мегардад, бо қарори  мақомоти судӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи пешниҳоди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад. Барҳамдиҳии маҷбурии иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллӣ бо қарори Суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, мутаносибан суди вилоятӣ аз рӯи пешниҳоди раёсати адлия ё Прокурори Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва вилоятҳо амалӣ мешавад.

Баъди қабули қарор аз тарафи суд оиди барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, мақомоте ки онро бақайд гирифтааст комиссия барҳамдиҳиро таъсиси дода,ваколати онро муайян месозад.

***26. Оё ТҒҲ дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, ки ба мақом ва маблаггузории фаъолияти онҳо таъсир мерасонанд, иштирок мекунанд? Қонунгузорӣ бо кадом тарз чунин иштирокро пешбинӣ менамояд?***

Мувофиқи қонунгузории ҶТ ТҒТ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ надоранд.

Ҳамзамон, бо истифодаи меъёрҳои конститутсионӣ шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намоянд ва ҳуқуқ доранд шахсан ё якҷоя бо дигар шахсон ба амақомоти давлатӣ муроҷиат намоянд.

ТҒТ дар Тоҷикистон дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, ки ба мақом ва маблағгузории фаъолияти онҳо таъсир мерасонанд, иштирок мекунанд.

Ин иштироки ТҒТ дар асоси Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ мешавад, ки мувофиқи он Узви Маҷлиси милли ва вакили Маҷлиси намояндагон намояндаи ваколатдори халқ мебошанд ва онҳо ҳуқуқ доранд ва ӯҳдадоранд:

– ба барарсии ҷаласаҳои Маҷлиси милли ва Маҷлиси намояндагон масъалаҳо пешниҳод намояд;

– оид ба дар ҷаласаи Маҷлиси милли ва Маҷлиси намояндагон шунидани ҳисобот ё ахбороти ҳар шахси мансабдор, ки ба Маҷлиси милли ва Маҷлиси намояндагон ҳисоботдиҳанда ё масъул мебошад, таклиф пешниҳод кунад;

– нуқтаи назари интихобкунандагонро ба маълумоти Маҷлиси милли ва Маҷлиси намояндагон расонад;

– оид ба муроҷиати шаҳрвандон маълумот диҳад.

– бо интихобкунандагон вохӯриҳо гузаронад;

– рафти баррасии таклифу пешниҳод, арзу шикояти интихобкунандагонро назорат мекунад:

– интихобкунандагонро аз кори Маҷлиси намояндагон воқиф месозад;

– афкори ҷамъияти, эҳтиёҷу дархости интихобкунандагонро меомӯзад, дар ин бора ба Маҷлиси намояндагон ва мақомоти он ахбор медиҳад.

Дар асоси Боби 17 «Тартиби ба муҳокимаи халқ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои муҳими давлатию ҷамъияти» Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои муҳими давлати ва ҷамъиятиро бо ташаббуси Маҷлиси намояндагон (палатаи поёнии Парламенти ҶТ) бо тартиби муқарраркардаи ҳамин Дастур ба муҳокимаи халқ пешниҳод намудан мумкин аст. Қарори ба муҳокимаи халқ пешниҳод намудани лоиҳаи қонун бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон қабул карда мешавад. Дар қарор мӯҳлати муҳокимаи лоиҳаи қонун ва кумитаи Маҷлиси намояндагон, ки мутассадии ҷамъбаст намудани пешниҳодҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқи аз рӯи лоиҳаи қонуни муҳокимашаванда мебошад, ҳамчунин мӯҳлати дар қироати дуюм бо назардошти натиҷаи муҳокимаи халқ барои барраси тайёр кардани лоиҳаи қонун, зикр меёбад.

Кумитаи масъул бо иштироки ташаббускори лоиҳаи қонун дар мӯҳлати муқарраргардида лоиҳаи қонунро мутобиқи тартиби ҳамин Дастур барои муҳокима кардан дар қироати дуюм пешниҳод менамояд, аз ҷумла ҷадвалҳои тағйироти пешбиникардаи ҳамин Дастурро, ки дар рафти муҳокимаи халқ расидаанд, тайёр мекунад.

Мувофиқи ин Дастур, баррасии лоиҳаи қонун дар кумитаҳо, комиссияҳои Маҷлиси намояндагон ошкоро гузаронида мешавад. Дигар ташкилотҳо, ки лоиҳаи қонун ба онҳо барои додани пешниҳодҳо ва мулоҳизаҳо фиристонида шуда буд, ҳуқуқ доранд дар ҷаласаҳои кумитаи масъули Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии лоиҳаи қонун иштирок намоянд.

Барои тайёр кардани лоиҳаи қонун кумитаҳо метавонанд аз ҷумлаи вакилони Маҷлиси намояндагон, аъзоёни ҳамин кумита гурӯҳи корӣ ташкил диҳанд.

Ба ҳайати гурӯҳи корӣ инчунин вакилони Маҷлиси намояндагон, ки аъзои кумитаи масъул нестанд, намояндагони субъекти дахлдори ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои дигар, коршиносону мутахассисон дохил шуда метавонанд. Гурӯҳи корӣ оиди натиҷаи фаъолияти худ метавонад санад тартиб диҳад. Дар ҳолати зарурӣ бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонунҳо барои гирифтани хулосаҳо инчунин

барои гузаронидани экспертиза ба мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар фиристонида мешавад.

Тибқи моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бо қарори мақоми ҳуқуқэҷодкунанда лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки бевосита ба манфиатҳои шаҳрвандон дахл дорад, инчунин лоиҳаҳои дигар санадҳои муҳим барои муҳокимаи умум тавассути воситаҳои ахбори омма мумкин аст интишор карда шавад. Пешниҳодҳо ва мулоҳизаҳои воридшуда бояд баррасӣ ва таҳлил гардида, пешниҳодҳои ҷоиз ҳангоми такмили лоиҳа ба инобат гирифта шаванд.

Бо қарори мақоми қонкугузорӣ ва мувофиқи тартиби муқараргардида лоиҳаҳои қонунҳо мумкин аст барои муҳокимаи умум баровcovarда шаванд.

Инчунин тибқи моддаи 49 ҳамин Қонун лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бо қарори мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда метавонад мавриди экспертизаи ҳуқуқӣ, забонӣ, молиявию иқтисодӣ ва ё махсуси илмӣ қарор дода шавад.

Ба сифати эксперт ташкилот ва шахсоне ҷалб карда мешаванд, ки дар таҳияи ҳамин лоиҳа бевосита иштирок накарда бошанд.

Дар баҳодиҳии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ экспертҳо мустақил буда, ба мавқеи мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо супориши он экспертиза гузаронида мешавад, вобаста нестанд.

Барои гузаронидани экспертизаи мустақили илмӣ олимони варзида ва мутахассисҳо аз дигар давлатҳои ва ташкилотҳои байналмилалӣ мумкин аст даъват карда шаванд. Аз руи розигӣ лоиҳа мумкин аст барои гузаронидани экспертизаи илмӣ ба ташкилотҳои байналмилалӣ равона карда шавад.

Лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ оиди масъалаҳои таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва ӯҳдадориҳои конститутсионии шаҳрвандон, мақоми ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори умум, буҷети давлатӣ, низоми андоз, бехатарии экологӣ, мубориза бо ҳуқувайронкуниҳо ҳамчун қоида бояд аз экспертизаи ҳуқуқӣ ва махсуси илмӣ (вобаста аз соҳа) гузаранд.

Лоиҳаи санади қонунгузорӣ, ки ба баррасии мақоми қонунгузорӣ ва ба экспертизаи мустақили илмӣ дода шудааст, дар ҷаласаи мақоми қонунгузор танҳо дар мавриди мавҷуд будани хулосаи экспертиза баррасӣ мегардад.

### *27. Ҷавобгарии ТҒҲ*

Нисбати ҷавобгарии ТҒҲ барои вайрон кардани қонунгузорӣ ду шакли ҷазо барои ошкор намудани вайрон кардани татбиқнамоии мақсад ва вазифаҳои оинномавии ТҒҲ пешбинӣ шудааст, ки маротибаи якум дар огоҳонидан аз тарафи мақомоте, ки ин иттиҳодияро ба қайд гирифтааст ё прокурор изҳор меёбад ва агар дар муҳлати як моҳ аз рузи гирифтани огоҳиномаи хаттӣ ТҒҲ қонуншиканиҳои содиршударо бартараф накунад, дар ин ҳолат мақомоти бақайдгиранда ё прокурор ҳуқуқ доранд ба суд бо аризаи даъвогӣ дар хусуси боздоштани фаъолияти ТҒҲ муроҷиат намоянд.

Ҷавобгарии ТҒҲ тибқи Кодекси андози ҶТ

1. Ҳуқуқвайронкунии андоз кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқии андозсупорандагон (агентҳои андоз) ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор эътироф мешаванд, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати онҳо ба зиммаи маҳомоти андоз вогузор шудааст, оварда расонидаанд.

2. Аз ҷониби андозсупорандагон (агентҳои андоз), шахсони мансабдори онҳо ва шахсони мансабдори мақоми ваколатдор содир шудани ҳуқуқвайронкунии андоз боиси ҷавобгарии пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Дар моддаи 17, банди 51 мафҳуми «андозсупорандаи бемасъулият» ворид шудааст, ки ин - андозсупорандае, ки барои мақсадҳои назорати андоз бо амали (беамалии) худ боиси баланд шудани эҳтимолияти (хатари) сари вақт ва (ё) пурра пардохт нашудани андозҳои муқарраршуда мегардад, аз ҷумла:

а) дар давоми зиёда аз 3 моҳи пай дар пай аз лаҳзаи ба миён омадани ӯҳдадорӣ сари вақт ва дар ҳаҷми пурра пешниҳод намудани ҳисоботи андоз ва (ё) пардохти маблағи андоз (андозҳо) ва (ё) пардохти қарзи эътирофшудаи андозро таъмин накардааст;

б) ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашударо бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда ё ҳисобнома-фактураи қалбакиро пешниҳод намудааст;

в) дигар амалҳоро (беамалиеро) анҷом дода бошад, ки номгӯи онҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор дар соҳаи дастгирии соҳибкорӣ муқаррар карда мешавад.

Мақомоти андоз ҳуқуқ доранд нисбат ба андозсупорандаи бемасъулият маълумоти иловагӣ ҷамъоварӣ кунанд, манбаи андозбандии онро дар асоси муоинаи хронометражӣ ё санҷишҳои иловагӣ аниқ намоянд, инчунин дигар чораҳои назорати андозро анҷом диҳанд.

Рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ тартиб дода шуда, дар сомонаи электронии он ҷойгир карда мешавад ва номи андозсупорандаи бемасъулият аз рӯйхати мазкур баъди бартараф шудани камбудиҳои ҷойдошта ва (ё) пешниҳоди маълумоти асоснок бароварда мешавад. Ҳама гуна амалиёти анҷомдодашудаи андозсупорандагон бо шахсе, ки андозсупорандаи бемасъулият эълон шудааст, барои мақсадҳои андозбандӣ ҳангоми баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашудаи аз рӯи хариди мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) пардохтшуда ба инобат гирифта намешаванд.

Ҳамзамон, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсро дар ҳолатҳои зайл ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин нест:

- аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) иҷро намудани тавзеҳоти хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз;
- аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) мустақилона бартараф карда шудани ҳуқуқвайронкунии андоз то лаҳзаи нисбат ба вай татбиқ намудани шаклҳои назорати андоз, ки Кодекси мазкур муқаррар намудааст.

Агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад, ҳангоми мавҷуд будани ҳадди аҷал яке аз ҳолатҳои зерин шахсро ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин нест:

- мавҷуд набудани ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии андоз; мавҷуд набудани гуноҳи шахс дар содир шудани ҳуқуқвайронкунии андоз;
- аз ҷониби шахси воқеии дар лаҳзаи содир гардидани кирдор ба синни 16-солагӣ нарасида содир намудани кирдоре, ки дар он нишонаҳои ҳуқуқвайронкунии андоз мавҷуданд;
- гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарӣ кашидан барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз..

<u>Инчунин, шахсони воқеи ва ҳуқуқи мутобиқи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмури дар ҳолатҳои зайл ба ҷавобгари кашида мешаванд:</u>

– сари вақт пешниҳод накардани эъломияи андоз ва дигар ҳисоботи андоз;

– кам нишон додани маблағи андозҳо дар эъломияхо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ;

– вайрон кардани қоидаҳои пардохти андоз аз арзиши иловашуда;

– монеъ шудан ба гузаронидани санҷиши андоз;

– вайрон кардани мӯҳлати ба баҳисобгирии бақайдгири гузоштан дар мақомоти андоз;

– зикр накардан ё нодуруст зикр кардани рақами мушаххаси андозсупоранда дар эъломияҳои андоз ва гумруқ ҳисобнома-фактураҳо;

– вайрон кардани тартиби нигоҳ доштани андоз дар манбаи пардохт ё нигоҳ надоштани он;

– кушодани суратҳисобҳои ҳисоббаробаркуни ва дигар суратҳисобҳо бе пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи рақами мушаххаси андозсупоранда;

– вайрон кардани мӯҳлати огоҳ намудани мақомоти андози маҳали баҳисобгирии бақайдгирии худ дар бораи аз ҷониби шахси воқеи ва ҳуқуқи кушодани суратҳисобҳои ҳисоббаробаркуни ва дигар суратҳисобҳо;

– пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани санади муқоисавии ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила ба мақоми андоз;

– иҷро накардан ё сари вақт иҷро накардани фармоишҳои инкассавии мақомоти андоз, ки барои гузаронидан мутобиқи навбати муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз суратҳисобҳои шахсони сеюм - дебиторҳои андозсупоранда (аз ҷумла аз суратҳисобҳои худи андозсупоранда дар бонк ё дигар муассисаи молиявию кредити, ки дар он ба ҳамин андозсупоранда хизматрасони сурат мегирад) маблағҳои пули ба ҳисоби пӯшонидани қарзи андози андозсупоранда;

– ғайриқонуни монеъ шудан ба даромадани шахси мансабдори мақоми андоз ба ҳудуди корхона ё бино;

– риоя накардани тартиби соҳиби, истифода ва (ё) ихтиёрдории амволе, ки мақоми андоз ба ҳабс гирифтааст;

– вайрон кардани тартиби истифодаи мошинаҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискали;

– ба мақоми андоз пешниҳод накардани маълумоти заруri;

– аз тарафи бонкҳо ва дигар муассисаҳои молпявию кредити саривақт гузаронида нашудани маблағи андозҳо аз рӯи супоришномаҳои пардохтаи андозсупорандагоне, ки дар ин ташкилотҳо суратҳисоб доранд.

<u>Масалан, дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии тоҷикистон</u> (моддаҳои 599-620) чунин чораҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз муҷарар карда шудааст.

Тибқи моддаи 599, бандҳои 1-2, барои саркашӣ аз пардохтани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки дар пинҳон кардани объектҳои андозбандӣ ифода ёфтаанд ҳангоми набудани аломати ҷиноят, -

1. ба шахсони воқеҳ ба андозаи аз ҳашт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз

яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад .

1. Барои мавҷуд набудани баҳисобгирии муҳосиботӣ ё пешбурди он бидуни риояи тартиби муқарраргардида, таҳрифи баҳисобгирии муҳосиботӣ ё ҳисоботи андоз, пешниҳод накардани ҳисобот ва тавозуни муҳосиботӣ, ҳисобҳо, эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисобкунӣ ва пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, - ба шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад .

Ба шахсони мансабдор ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ба андозаи аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Тибқи моддаи 601 барои дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод накардани эъломияи андоз, ҳисобҳои марбут ба андоз ва дигар намудҳои ҳисоботи андоз, -

1. Барои риоя накардани мӯҳлати муқарраршудаи пешниҳоди эъломияҳои андоз, ҳисоботи андоз ва (ё) дигар намудҳои ҳисоботи марбут ба андоз, яъне ба таъхир гузоштан дар муддати то 10 рӯзи корҳ,- ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз як то се, ба шахсони мансабдор аз панҷ то ҳафт, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз бисту панҷ то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда дар муддати аз 10 то 30 рӯзи корӣ, - ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то панҷ, ба шахсони мансабдор аз ҳафт то даҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз чилу панҷ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

3. Барои содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳаминмодда дар муддати зиёда аз 30 рӯзи корӣ,- ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, ба шахсони мансабдораз даҳ то си, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз навад то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Барои риоя накардани тартиби нигоҳ доштан ё нигоҳ надоштани андоз дар манбаи пардохт ва андозхо аз ғайрирезидент, инчунин нигоҳ надоштан ё дар мӯҳлати муқарраргардида нагузаронидани андози нигоҳдошташуда (ҳисобкардашуда) ба буҷет ё фонди давлатӣ, -

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз бисту панҷ то сӣ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду ҳаштод то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Тибқи моддаи 603 барои риоя накардани мӯҳлати бақайдгузорӣ дар мақомоти андози дахлдор дар муддати то 30 рӯз, -

ба шахсони воқеҳ ба андозаи аз як то ду, ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Тибқи банди 2 ҳамин модда барои содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда дар муддати аз 31 то 90 рӯз, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то панҷ, ба шахсони мансабдор аз сӣ то чил ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Тибқи банди 3 ҳамин модда барои содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда дар давоми зиёда аз 90 рӯз,-

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳафт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз чилу панҷ то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз дусад то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Тибқи моддаи 620 барои дар мӯҳдати муқарраргардида пешниҳод накардани ҳисобот ва саривақт напардохтани андози иҷтимоӣ, -

Барои дар мӯҳдати муқарраргардида пешниҳод накардани ҳисобот ва саривақт напардохтани андози иҷтимоӣ, -

ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд ва шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду ҳаштод то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Барои кам нишон додан ва ё пинҳон кардани андози иҷтимоӣ, -

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз ҳаштод то сад, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз дусаду панҷоҳ то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад

Ҷавобгарии тибқи қонунгузории ҷиноятӣ.

Мувофиқи Кодекси ҷиноятии ҶТ, дар ҳолати роҳ додан ба вайронкуниҳои қонунгузории соҳибкорӣ аз тарафи ТҒҲ, шахсони мансабдори ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда метавонанд. Аз ҷумла, моддаи 247 КҶ ҶТ ҷазоро барои шахсоне, ки қаллобӣ содир намудаанд, пешбинӣ менамояд; моддаи 253 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои расонидани зарари молу мулкӣ ба молик ё дигар соҳиби молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз

боварӣ пешбинӣ менамояд; моддаи 255 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои Қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк пешбинӣ менамояд; моддаи 257 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои тасарруфи воситаи фондҳои кӯмаки хориҷӣ пешбинӣ менамояд; моддаи 268 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ пешбинӣ менамояд; моддаи 286 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои Муомилоти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ пешбинӣ менамояд ва ғ.

***28. Хулоса. Таҳлили мухтасари муқарраротi қонунгузории миллӣ, ки ба стандартҳои байналмилалӣ оиди озодии иттиҳодия ва таҷрибаи мусбии байналмилалӣ дар соҳаи танзими ТҒҲ, мувофиқат мекунад ё мувофиқат намекунад***

Ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҷриба нишон медиҳад, ки қонунҳое, ки ТҒТ-ро ба танзим медароранд бояд чунин тайёр ва титбиқ шаванд, ки агар ҳамагӣ якчанд маҳаки (меъёри) оддӣ ва объективӣ муқарар карда шавад, мумкин бошад масъалаҳои бақайдгирӣ ва фаъолияти онҳоро ҳал карда шавад, маҳз:

- шаҳрвандони алоҳида, гуруҳҳо ва шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд ассотсиатсияҳо, ки ҳама гуна мақсадҳои қонунии ғайритиҷоратӣ доранд, таъсис диҳанд ва ташкили ТҒТ ихтиёрӣ мебошад;
- ҷараёни бақайдгирии ТҒТ набояд нисбат ба ҷараёни бақайдгирии ҳама гуна сохтори тиҷоратӣ мураккабтар ва душвортар бошад;
- таъсис ва бақайдгирии ТҒТ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ бояд нисбатан ҷараёни тез, осонтар ва арзонтар бошад;
- барои таъсис ва бақайдгирии ТҒТ бояд миқдори камтарини ҳуҷҷатҳое, ки аниқ муайян шудаанд, талаб карда шавад ва бақайдгирӣ бояд санади маъмурие бошад, ки мулоҳиза ё баррасии озоди камтаринро аз тарафи мансабдорони ҳукуматӣ дошта бошад;
- муқаррарот оиди бақайдгирии ТҒТ бояд муҳлатҳои маъқули баррасии аризаҳоро аз тарафи идораҳои бақайдгиранда пешбинӣ намояд; ба мақсад мувофиқ аст муқаррар карда шавад, ки агар идораи бақайдгиранда ин муҳлатро риоя накунад, қарори он ба таври автоматӣ мусбӣ ҳисобида мешавад;
- ТҒТ бояд ҳуқуқ барои вуҷуд доштани бемуҳлат (ё барои дар муҳлати муайян мувофиқи интихоби муассисон) дошта бошанд;
- ба ТҒТ-и хориҷӣ бояд гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣо, ваколатҳо, имтиёзҳо ва масуниятҳое, ки ТҒТ-и ватанӣ истифода мебаранд, иҷозат дода шавад, агар ТҒТ-и хориҷӣ тартиботи ҷамъиятии давлатро вайрон накунад;

- инчунин бояд барои таъсиси филиалҳои ТҒТ-и ватанӣ ва ҳамчунин ташкилотҳои ғайриҳукуматии хориҷӣ иҷозат бошад;
- бояд барои таъсиси ТҒТ барои машғул шудан ба тамоми фаъолияте, ки бо қонунгузорӣ иҷозат дода шудааст ва асосан ба гирифтани фоида равона нашудааст, агар ин фаъолият бо қонунҳои махсус ба танзим даровarda нашаванд, иҷозат бошад;
- новобаста аз он ки, ТҒТ дар як ё якчанд ҷой бақайд гирифта шудааст, илова бар ҳамаи феҳрастҳои маҳаллӣ бояд феҳрасти ягонаи давлатии ҳамаи ТҒТ бақайдгирифташуда вуҷуд дошта бошад. Ин феҳраст бояд умумидастрас бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон иҷозат дода мешавад, ки ТҒТ таъсис намоянд, аъзо ва иштирокчиёни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бошанд. Ба шаҳрвандони хориҷӣ баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи таъсиси ТҒТ, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шудан иҷозат дода мешаванд, ба шарте ки ҷои доимии зисти онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ё гувоҳномаи иқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошанд. Қоидаҳои бақайдгирии ТҒТ-и хориҷӣ умуман, монанди барои ТҒТ-и ватанӣ мебошанд, ки ба стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи муттаҳидшавӣ мутобиқат мекунад.

Инчунин барои таъсиси филиалҳои ТҒТ, ҳам ватанӣ ва ҳам ба ташкилотҳои ғайриҳукуматии хориҷӣ иҷозат дода шудааст.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ба шахсони воқеӣ ва ҳам ба шахсони хориҷӣ иҷозат медиҳад, ки ТҒТ таъсис диҳанд. Ин ба ТҒТ – ҳамфикр имконият медиҳад, ки ба гурӯҳҳо барои ҳалли масъалаҳое, ки манфиати умум доранд, муттаҳид шаванд.

Таҷрибаи бисёр давлатҳои нишон медиҳад, ки ТҒТ метавонанд бе гирифтан ё бо гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошанд.

Дар Тоҷикистон мувофиқи Конститутсияи ҶТ шаҳрвандони алоҳида, гурӯҳҳо ва шахсони ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ба таъсиси ТҒТ, ки ҳама гуна мақсадҳои ғайритиҷоратӣ дошта бошад, бе мақоми шахси ҳуқуқӣ ё бо мақоми шахси ҳуқуқӣ доранд ва таъсиси ТҒТ ихтиёрӣ мебошад.

Агар ташкилот мақоми шахси ҳуқуқӣ надошта бошад, пас он ҳуқуқ ба иштирок дар муомилоти гражданӣ аз номи худро надорад. Ғайр аз он, ӯ наметавонад дар суд даъвогар ва ҷавобгар шавад ва суратҳисоби бонкӣ дошта бошад.

Ҳамзамон, бартариятҳои махсус вуҷуд доранд, ки одатан ТҒТ танҳо ҳангоми гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ба он соҳиб мешаванд. Ин одатан маънои онро дорад, ки худи ТҒТ, на аъзоёни он, мансабдорон, директорон ё кормандон аз руи қарзҳо, шартномаҳо ва ӯҳдадориҳои ташкилот ҷавобгаранд.

Яке аз монеаҳо нисбати гирифтани мақоми ТҒТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин хеле баланд будани боҷи давлатӣ барои бақайдгирии ТҒТ мебошад.

Аз шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори зиёди ТҒТ дар шакли иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ассотсиатсияҳо вуҷуд доранд ва танҳо миқдори кам – дар шакли фондҳои ҷамъиятӣ.

Аз ин ру муҳим аст, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шавад, ки шахсони воқеӣ ҳуқуқ доранд, ки масалан, фондҳоро инчунин бо санади васиятӣ таъсис диҳанд ва қонунгузории андоз тавонад ҳавасмандкуниҳои калонро барои чунин васиятномаҳо таъмин намояд.

Ин – яке аз усулҳое мебошад, ки ба воситаи он қонун метавонад истифода бурдани моликияти хусусиро ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ҳавасманд гардонад. Дар бисёр мамлакатҳои тараққиёфта шаҳрвандоне, ки сарватҳои калон доранд аз онҳо дар зиндагӣ истифода мебаранд ва баъд аз он як қисми он ё тамоми воситаҳои худро ба мақсадҳои эҳсонкорӣ васият менамоянд. Новобаста аз он, ки бисёр хайрот ба фоидаи ТҒТ вуҷуддошта карда мешаванд, аммо таҷриба нишон медиҳад, ки бисёри одамон ҳадянамоиро ба воситаи васиятнома ба ташкилотҳое, ки онҳо худашон бо санади васиятӣ таъсис медиҳанд, беҳтар медонанд.

Эҳтимол норозигие, ки бисёртар аз ҷониби намояндагони ТҒТ изҳор карда мешавад, ин он мебошад, ки ҳангоми ҳалли масъалаи додани иҷозат барои бақайдгирии ТҒТ, қонунгузории ҷории ҶТ баъзе имкониятҳоро барои мансабдорони давлатӣ барои таъсири субъективӣ ба тартиботи бақайдгирии давлатӣ ва ҳисоботҳо медиҳад.

Баъзе вақт ин натиҷаи қонунгузории батанзимнашуда дар қисми муқарар намудани стандартҳои дуқабата барои таъсис, бақайдгирӣ ва фаъолияти баъзе шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ТҒТ мебошад, масалан, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ.

Дар баъзе вақтҳо ин бо надонистани механизми ҳуқуқии шикоят намудани қарори хато ё қасдани рад намудани бақайдгирии ташкилот мебошад.

Масалан, ваколатҳо оиди бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва назорат аз боли фаъолияти оинномавии он ба як вазорат – Вазорати адлия ва Департаментҳои он дар маҳалҳо, ки дар марказҳои маъмурӣ – минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеанд, вогузор карда шудааст. Чунин муносибат бартарияти мутамарказонидани таҷрибаи кор бо ТҒТ-ро дар як идора, дорад. Ҳамзамон барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ноҳияҳои дур зиндагонӣ менамоянд хароҷотҳои иловагӣ вобаста бо расонидани ҳуҷҷатҳои оинномавӣ ба

мақомоти бақайдгиранда ба вуҷуд меояд, ки ҷараёни бақайдгириро нисбатан тулонӣ, гарон ва душвор менамояд.

Ҷавоби ҳаматарафаро ба савол оиди он, ки дар куҷо аз ҳама беҳтар идора оиди бақайдгирии ТҒТ-ро ҷойгир намудан лозим аст, додан мумкин нест. Агар муассисони ТҒТ бояд шахсан ба идораи бақайдгирӣ ҳозир шаванд ва гирифтани мақоми шахси ҳуқуқӣ тавассути почта номумкин бошад, пас идорае, ки вазифаҳои бақайдгириро иҷро менамояд бояд дар ҷойҳои қуллай дар тамоми мамлакат ҷойгир шаванд. Дар бисёр давлатҳои шахсан ҳозир будан ё талаб карда намешавад, ё ин ки иҷозат дода намешавад ва ин муносибати аз ҳама беҳтар аст.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни бақайдгирӣ ва талабот ба ҳуҷҷатҳои ТҒТ оиди ҳисоботи фаъолияти онро номураккаб пешбинӣ мекунад ва руйхати пурра бо баррасии озоди камтаринро аз тарафи мансабдорони дорад. Мақомоти давлатие, ки барои бақайдгирии ТҒТ дар маҳалҳо масъуланд одатан қоидаҳо, дастурамалҳо ва шаклҳое, ки ҷараёни бақайдгирӣ, фаъолият ва ҳисоботро мефаҳмонанд, нашр менамоянд. Ҳамзамон, онҳо ӯҳдадор менамоянд, ки шарҳи хаттӣ дар ҳама ҳолатҳои рад намудани бақайдгирии ТҒТ, боздошт ё барҳам додани он, дода шавад, ки ба тақрибаи байналмилалии қонунгузорие, ки таъсис ва фаъолияти ТҒТ-ро ба танзим медадорорад мувофиқ аст.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавбақайдгирии пурраи ташкилотро ҳангоми тағир додани ном, вазифаҳо, номгузорӣ ва маҳалли ҷойгиришавии он ва ғ. талаб менамоянд.

Аммо тибқи қонунгузории ҶТ, ТҒТ ҳуқуқ доранд ҳуҷҷатҳои таъсисии худро барои тағир додани вазифа ва намуди фаъолият, тағир диҳанд ва мақомоти бақайдгиранда ҳамон тартиби мувофиқа, ки барои бақайдгирии аввала лозиманд, татбиқ менамояд, ҳамзамон ин тағиротҳо хароҷотҳои иловагиро талаб менамоянд, ки дар ҳолати молиявии ТҒТ инъикос меёбад.

Ин талаботи барзиёдатӣ ва гарон мебошад. ТҒТ бояд ҳуқуқ дошта бошанд, ки ҳуҷҷатҳоро танҳо бо нишон додани тағирот дар номгузорӣ ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба идораи муносиби бақайдгирӣ пешниҳод намоянд.

Ҳисобида мешавад, ки "барои фаъолияти самараноки ТҒТ бояд ҳукуматҳо аз таъсир расонидан ба ТҒТ ё дахолат намудан ба фаъолияти онҳо худдорӣ намоянд... Аз ин ру, ба манфиати ҳукуматҳо ҳавасмандгардонии ТҒТ, на маҳдуд намудани мустақилияти онҳо мебошад.[1]

[1] ESCAP, Fiscal Incentives, p. 4 (1994).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузорӣ бақайдгирии ТҒТ-ро дар минтақаҳои гуногуни мамлакат иҷозат медиҳад ва феҳрастҳои давлатӣ ҳар як чунин минтақа вуҷуд дорад. Ҳамзамон ҳамаи бақайдгирии (ва барҳамдиҳии) ТҒТ дар сатҳи маҳаллӣ вақт-вақт ба феҳрасти ягонаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ гузаронида мешавад. Аммо бо сабаби масъалаҳои иқтисодӣ базаи ягонаи электронии ин феҳраст вуҷуд надорад.

Ба ақидаи мо, ТҒТ-е, ки кушиш менамоянд грантҳо, қарордодҳо, имтиёзҳои андоз ва дигар бартариятҳоро гиранд бояд дар феҳрастҳои махсус чунин ба қайд гирифта шаванд, ки идораҳои давлатӣ тавонанд муайян намоянд, ки кадом ТҒТ таъсис дода шудаанд, мақсадҳо, салоҳияти онҳо ва маҳдудиятҳо чи гунаанд. Ҳар як шаҳрванд ё ташкилот, ки корҳоро бо ТҒТ мебарад (масалан, додани манзил ба иҷора, фуруши молҳо, ба кор дохил шудан), бояд имконият дошта бошад, ки муайян созад, ки оё ТҒТ ба ҳайси шахси ҳуқуқӣ бақайдгирифта шудааст. Ба ғайр аз он муҳим аст, ки ҷомеа ба ин гуна маълумот бояд иҷозат дошта бошад. Барои ҳифзи шахсии худ шаҳрвандон бояд имконият дошта бошанд, ки тафтиш намоянд, ки дар ҳақиқат ТҒТ-и мушаххас, ки дастгирии онҳоро меҷуяд, бақайд гирифта шудааст. Ба ғайр аз он, агар ҷомеа ба феҳрасти ТҒТ дастрасӣ дошта бошад, он назорати иловагӣ ва муфидро таъмин намуда, метавонад масъалаҳои муҳиме, ки мумкин ҳукумат онҳоро пай набурдааст, нишон диҳад.

Ба манфиати ҳам ҳукумат ва ҳам ҷомеа, дар он ҷое, ки имконият вуҷуд дорад, бояд феҳрасти ягонаи миллӣ барои дастрасии озод бошад. Феҳрастҳои милли расмӣ дар Миср, Сурия ва Аморати Муттаҳидаи Араб вуҷуд доранд[1].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон стандартҳоро барои қатъ намудани вуҷуд доштани ТҒТ ҳам бо қарори мақомоти олии роҳбарикунандаи худ ва ҳам бо қарори суд, инчунин ҳуқуқи шикоят аз боли қарор оиди қатъномоии фаъолияти ТҒТ-ро пешбинӣ менамояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки барои таъмин намудани мавҷудияти бахши пурзур ва мустақили ТҒТ қонун бояд огоҳониданро пеш аз гузоштани муҷозотҳо ва бевосита худи муҷозотҳо (масалан, ҷаримаҳо, боздошт намудани додани грантҳо ва қарордодҳои ҳукуматӣ) барои намудҳои муайяни вайронкуниҳо ва инчунин муҷозоти интиҳоӣ – қатъномоии фаъолияти ташкилот, пешбинӣ намояд.

Идораи назоратӣ ё суд бояд ҳуқуқ ба қатъномоии мавҷудияти ТҒТ танҳо дар ҳолати вайронкуниҳои тоқатнопазир ё иҷро накардани

---

[1] **См. Amani Kandil, Civil Society in the Arab World, CIVICUS p. 32 (1995).**

чадинборай қоидаҳои муайян (масалан, саркашии доимӣ аз пешниҳоди ҳисоботҳои талабшуда) дошта бошанд.

Катъномоии мавҷудияти ҳуқуқӣ, хобондани воситаҳои ташкилот ё ба худ қабул намудани идораи ташкилот танҳо ҳамчун чораи интиҳоӣ бояд истифода шаванд. Ҳукумат бояд ҳуқуқ дошта бошад, ки яке аз ин муҷозотҳоро танҳо дар ҳолатҳои аз ҳама вайронкуниҳои ҷиддӣ ва аён истифода барад, танҳо баъд аз оне, ки ба ташкилоти ғайриҳукуматӣ имконият барои бартараф кардани вайронкуниҳои худ дода шуда бошад. Қарор дар бораи қатъномоии фаъолияти ташкилот бояд танҳо баъди ба охир расидани тартиби шикоятоварӣ ё гузаштани мӯҳлате, ки барои овардани шикоят пешбинӣ шудааст, ба қувваи амал дарояд.

## ЗАМИМА

### Иқтибосҳо аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ба танзим медароранд

## КОНСТИТУТСИЯИ (САРҚОНУНИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Иқтибосҳо)**

**аз 6 ноябри соли 1994, дар таҳрири Қонун аз 22.06.2003с.**

**Моддаи 1.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократи, ҳуқуқбунёд, дуняви ва ягона мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимои буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд

**Моддаи 2.**

Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷики аст. Забони руси ҳамчун забони муошироти байни миллатҳо амал мекунад.

Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳури зиндаги мекунанд, ҳақ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд.

**Моддаи 5.**

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши оли мебошанд.

Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқӣои фитрии инсон дахлнопазиранд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

**Моддаи 23.**

Маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефони, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истисноии мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст.

Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст.

**Моддаи 29.**

Шаҳрванд ҳақ дорад дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, раҳпаймоии осоишта, ки қонун муқаррар кардааст, ширкат варзад.

Ҳеҷ касро ба ин тадбирҳо маҷбуран ҷалб кардан мумкин нест.

**Моддаи 30.**

Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад.

Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбини ва хусумати иҷтимоӣ, нажоди, милли, дини ва забониро бармеангезанд, манъ аст.

Сензураи давлати ва таъқиб барои танқид манъ аст.

Номгӯи маълумотҳоеро, ки сирри давлати доранд, қонун муайян мекунад.

Моддаи 45.

Додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад.

Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд.

КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**аз 30 июни соли 1999, дар нашри Қонунҳои ҶТ аз 6.08.2001, аз 3.05.2002, аз 1.03.2005, аз 29.04.2006, аз 12.05.2007, аз 11.03.2010, аз 29.12.2010. аз 03.07.2012г., от 28.12.2012г.№928**
**(Иқтибосҳо)**

**Қисми якум**
## БОБИ 4. ШАХСИ ҲУҚУҚИ
## 1. МУҚАРРАРОТИ АСОСИ

### Моддаи 48. Мафҳуми шахси ҳуқуқи

1. Ташкилоте шахси ҳуқуқи дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидори ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқӣои молу мулки ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадори гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад. Ашхоси ҳуқуқи бояд баланс ё сметаи мустақил дошта бошанд.

2. Бо сабаби иштирок дар ташкили амволи шахси ҳуқуқи муассисони (иштирокчиёни) он метавонанд нисбати ин шахси ҳуқуқи ӯҳдадори ё ҳуқуқи амволи ба молу мулки он дошта бошанд.

Ба шахси ҳуқуқие, ки иштирокчиёнашон нисбати онҳо ҳуқуқи ӯҳдадори доранд, инҳо дохил мешаванд: ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидори, кооперативҳои истеҳсоли ва матлубот.

Ба шахси ҳуқуқие, ки муассисони онҳо ба амволашон ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи дигари амволи доранд, корхонаҳои воҳид, аз ҷумла корхонаҳои фаръи, инчунин муассисаҳое дохил мешаванд, ки аз ҷониби молик маблағгузори мешаванд.

3. Ба шахси ҳуқуқие, ки муассисонашон (иштирокчиёнашон) нисбати онҳо ҳуқуқи амволи надоранд, инҳо дохил мешаванд: ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъияти ва дини; фондҳои хайрия ва фондҳои дигари ҷамъияти, иттиҳодияҳои шахси ҳуқуқи (ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо).

### Моддаи 49. Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқи

1. Шахси ҳуқуқи метавонад мутобиқи мақсадҳои фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он пешбинигардида ҳуқуқи граждани ва вобаста ба ин фаъолият ӯҳдадори дошта бошад.

Ташкилотҳои тиҷорати, ба истисноии корхонаҳои воҳид ва намудҳои дигари ташкилотҳои пешбининамудаи қонун метавонанд ҳуқуқу ӯҳдадориҳое дошта бошанд, ки барои татбиқи ҳар намуди фаъолияти бо қонун манъношуда заруранд. Шахси ҳуқуқи бо намудҳои алоҳидаи фаъолияте, ки номгӯи онҳо бо қонун муайян

карда мешавад, танҳо дар асоси иҷозатномаи махсус (литсензия) машғул шуда метавонад.

2. Ҳуқуқи шахси ҳуқуқи танҳо дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонун метавонад маҳдуд карда шавад. Нисбати қарори маҳдуд кардани ҳуқуқ ба суд шикоят кардан мумкин аст.

3. Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқи аз лаҳзаи таъсиси он (қисми 2 моддаи 51) ба миён омада, дар лаҳзаи ба охир расидани он (қисми 8 моддаи 64) қатъ мегардад.

Ҳуқуқи шахси ҳуқуқи ҷиҳати татбиқи фаъолияте, ки барои машғул шудан ба он гирифтани иҷозатнома (литсензия) зарур аст (қисми 1 ҳамин модда), агар дар қонунҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, аз лаҳзаи гирифтани чунин иҷозатнома (литсензия) ё дар мӯҳлати дар он зикргардида ба миён омада, бо гузаштани мӯҳлати амали он қатъ мегардад.

**Моддаи 50. Ташкилотҳои тиҷорати ва ғайритиҷорати**

1. Ташкилотҳое ашхоси ҳуқуқи буда метавонанд, ки ба даст овардани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд (ташкилотҳои тиҷорати) ё чунин мақсади ба даст овардани фоидаро надошта, фоидаро байни иштирокчиён тақсим намекунанд (ташкилотҳои ғайритиҷорати).

2. Ашхоси ҳуқуқие, ки ташкилотҳои тиҷорати мебошанд, метавонанд дар шакли ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидори, кооперативҳои истеҳсоли, корхонаҳои воҳиди давлати ва комуналли таъсис дода шаванд.

3. Ашхоси ҳуқуқие, ки ташкилоти ғайритиҷорати мебошанд, метавонанд дар шакли кооперативҳои матлубот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъияти ё дини, муассисаҳои аз ҷониби молик маблағгузоришаванда, фондҳои хайрия ва фондҳои дигар, инчунин дар дигар шаклҳои пешбининамудаи қонун таъсис дода шаванд.

Ташкилотҳои ғайритиҷорати танҳо ба қадре ба фаъолияти соҳибкори машғул шуда метавонанд, ки барои мақсадҳои оинномавии онҳо зарур аст.

4. Таъсиси иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар шакли ассотсиатсияҳо ё иттифоқҳо ба роҳ монда мешавад.

**Моддаи 128. Кооперативи матлубот**

1. Кооперативи матлубот иттиҳодияи ихтиёрии шаҳрвандон дар асоси узвият бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи моддии (амволии) иштирокчиён бо роҳи муттаҳид сохтани аъзоҳақии саҳми амволии аъзои он эътироф карда мешавад.

2. Оинномаи кооперативи матлубот ба ғайр аз маълумоти дар қисми 2 моддаи 53 ҳамин Кодекс зикргардида, инчунин бояд шартҳоро дар бораи андозаи аъзоҳаққии аъзои кооператив; дар бораи таркиб ва тартиби супурдани аъзоҳаққи аз ҷониби аъзои кооператив ва масъулияти онҳо барои вайрон кардани ӯҳдадори дар мавриди супурдани аъзоҳаққи; дар бораи ҳайату салоҳияти мақомоти идораи кооператив ва тартиби қарор қабул кардани онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки аз рӯи онҳо қарор якдилона ё бо аксарияти кулли овозҳо қабул карда мешавад; дар бораи тартиби ҷуброни зиёни ба кооператив расонидашуда аз ҷониби аъзои кооператив, дар бар гирад.

3. Номи кооперативи матлубот бояд ишора ба мақсади асосии фаъолияти он, инчунин калимаи "кооператив" ва ё калимаҳои "иттиҳоди матлубот, ё "ҷамъияти матлубот"- ро дар бар гирифта бошад.

4. Аъзои кооперативи матлубот вазифадоранд, ки дар давоми се моҳи баъди тасдиқи баланси солона қарзи бамиёномадаро бо роҳи пардохти аъзоҳаққии иловаги ҷуброн намоянд. Дар сурати иҷро накардани ин ӯҳдадори кооператив мумкин аст бо талаби кредиторон ба тариқи суди барҳам дода шавад.

Аъзои кооперативи матлубот аз рӯи ӯҳдадориҳои он дар доираи қисми супурданашудаи аъзоҳаққии иловагии ҳар узви кооператив масъулияти субсидиари доранд. Дар ин ҳолат аъзои кооператив масъулияти муштарак доранд.

5. Даромади аз фаъолияти соҳибкорӣ ба дастовардаи кооперативи матлубот, ки вай бо ин фаъолият мутобиқи қонун ва оинннома машғул аст, байни аъзои он тақсим карда мешавад.

6. Мавқеи ҳуқуқии кооперативҳои матлубот, инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аъзои онҳо мутобиқи ҳамин Кодекс ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативи матлубот муайян карда мешаванд.

**Моддаи 129. Ташкилотҳои(иттиҳодияҳои) ҷамъияти ва дини**

1. Иттиҳодияҳои (ташкилотҳои) ҷамъиятӣ ва динӣ ташкилотҳое эътироф карда мешаванд, ки дар онҳо шаҳрвандон мувофиқи тартиботи муқарраргардида дар асоси умумияти манфиатҳояшон барои қонеъ гардонидани талаботҳои маънавӣ ё дигари ғайримоддӣ ихтиёран муттаҳид гардидаанд.

Ташкилотҳои ҷамъияти ва дини ташкилотҳои ғайритиҷорати мебошанд.

Онҳо танҳо барои ноил шудан ба мақсадҳое, ки баҳри онҳо таъсис гардидаанд, ҳуқуқ доранд ба фаъолияти истеҳсоли ва

фаъолияти дигари соҳибкории ба ин мақсадҳо мувофиқро анҷом диҳанд.

2. Иштирокчиёни (аъзои) ташкилотҳои ҷамъияти ва дини ҳуқуқашонро ба амволе, ки ба моликияти ин ташкилотҳо гузаронидаанд, инчунин ба аъзоҳаққи нигоҳ намедоранд. Онҳо аз рӯи ӯҳдадориҳои ташкилотҳои ҷамъияти ва диние, ки дар онҳо ба сифати узвият иштирок менамоянд, масъулият надоранд, ташкилотҳои мазкур бошанд, аз рӯи ӯҳдадориҳои аъзои худ масъул намебошанд.

3. Хусусиятҳои мавқеи ҳуқуқии ташкилотҳои ҷамъияти ва дини ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои бо ҳамин Кодекс танзимшаванда тибқи қонун муайян карда мешаванд.

**Моддаи 130. Фондҳои ҷамъияти**

1. Фонди ҷамъияти ташкилоти ғайритиҷоратии узвиятнадоштае эътироф карда мешавад, ки аз ҷониби шаҳрвандон ё ашхоси ҳуқуқи дар асоси пардохтҳои ихтиёрии амволи таъсисгардида, мақсадҳои хайрия, иҷтимоӣ, фарҳанги, таълими ё мақсадҳои дигари умумии муфидро пеш гирифтааст.

Амволе, ки муассисони фонд ба он супурдаанд, моликияти фонд мебошад. Муассисон аз рӯи ӯҳдадориҳои фонди таъсисдодаашон масъулият надоранд, фонд бошад,аз рӯи ӯҳдадориҳои муассисони худ масъул нест.

2. Фонди ҷамъияти амволро барои мақсадҳое, ки дар оинномааш муайян гардидаанд, истифода менамояд. Фонд ҳуқуқ дорад, ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои умумии муфиде, ки фонд барои он таъсис гардидааст, ба фаъолияти соҳибкории ба ин мақсадҳо муносиб машғул шавад. Барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкори фондҳо ҳуқуқ доранд, ҷамъиятҳои хоҷагидори таъсис диҳанд ё дар онҳо иштирок намоянд.

Фонд вазифадор аст, ки ҳар сол дар хусуси истифодаи амволаш ҳисоботро ба табъ расонад.

3. Тартиби идораи фонди ҷамъияти ва тартиби ташкили мақомоти он тибқи оинномаи аз ҷониби муассисон тасдиқгардида муайян карда мешавад.

4. Дар оинномаи фонди ҷамъияти ғайр аз маълумоти дар қисми 2, моддаи 53 ҳамин Кодекс зикргардида бояд маълумоти зерин дарҷ гардида бошад: номи фонд, ки калимаи "фонд"-ро дар бар гирифтааст; маълумот дар бораи мақсади фонд; маълумот дар бораи мақомоти фонд, аз ҷумла дар бораи шӯрои парасторон, ки ба фаъолияти фонд назорат мекунанд; тартиби таъин намудани мансабдорони фонд ва аз вазифа озод кардани онҳо; маҳалли ҷойгиршавии фонд; тақдири амволи фонд дар сурати барҳам дода шудани он.

**Моддаи 131. Тағйир додани оиннома ва barҳам додани фонди ҷамъияти**

1. Оинномаи фонди ҷамъияти метавонад аз ҷониби мақомоти фонд тағйир дода шавад, ба шарте ки дар оиннома бо ҳамин тартиб тағйир додани он пешбини гардида бошад.

Агар бетағйир мондани оиннома боиси оқибатҳое гардад, ки ҳангоми таъсиси фонд онҳоро пешбини намудан ғайриимкон буда, имконияти тағйир додани он дар оиннома пешбини нашуда бошад ё ашхоси ваколатдор онро тағйир надиҳанд, суд ҳуқуқ дорад, ки тибқи аризаи мақомоти фонд, шӯрои парасторон ё мақоми дигари дорои ваколати назорати фаъолияти фонд ба он тағйирот ворид намояд.

2. Қарори барҳам додани фонди ҷамъиятиро танҳо суд дар асоси аризаи ашхоси манфиатдор қабул карда метавонад.

Фонд дар ҳолатҳои зерин метавонад барҳам дода шавад:

- агар амволи фонд барои татбиқи ҳадафҳояш нокифоя буда, имконияти ба даст овардани амволи зарури татбиқношудани бошад;

- агар ноил шудан ба мақсадҳои фонд номумкин ва тағйир додани мақсадҳои фонд ғайриимкон бошад;

- дар сурати аз мақсади дар оиннома пешбинигардида дур шудани фаъолияти фонд;

- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун.

3. Дар сурати барҳам додан фонди ҷамъияти амволи пас аз қонеъгардонии талаботи кредиторон боқимондаи он ба ашхоси дар оинномаи фонд зикргардида дода мешавад.

**Моддаи 132. Муассисаҳо**

1. Ташкилоте, ки молик барои амали гардонидани вазифаҳои идоракуни, иҷтимоию фарҳанги ва ё вазифаҳои дигари дорои хусусияти ғайритиҷорати таъсис дода, онро пурра ё қисман маблағгузори мекунад, муассиса дониста мешавад.

Ҳуқуқи муассиса ба амволи ба вай вобасташуда ва харидаи он мутобиқи моддаҳои 313 ва 315 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

2. Муассиса аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо маблағи пулии дар ихтиёраш буда масъулият дорад. Дар сурати нокифоя будани ин маблағ молики амволи дахлдор аз рӯи ӯҳдадориҳои он масъулияти субсидиари дорад.

3. Хусусиятҳои мавқеи ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи муассисаҳои давлати ё муассисаҳои дигар тибқи қонун муайян карда мешаванд.

**Моддаи 133. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқи (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо)**

1. Ташкилотҳои тиҷорати бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкориашон, инчунин намояндаги ва ҳифзи манфиатҳои умумии

амволи метавонанд тибқи шартномаи байни худ иттиҳодияҳоро дар шакли ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таъсис диҳанд, ки онҳо ташкилотҳои ғайритиҷорати мебошанд.

Агар бо қарори иштирокчиён ба зимаи ассотсиатсия (иттифоқ) фаъолияти соҳибкори гузошта шавад, чунин ассотсиатсия (иттифоқ) бояд бо тартиби пешбининамудаи ҳамин Кодекс ба ҷамъият ё ширкати хоҷагидори табдил дода шавад. Барои татбиқи фаъолияти соҳибкори ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳуқуқ доранд, ки ҷамъиятҳои хоҷагидори таъсис диҳанд ё дар онҳо иштирок намоянд.

2. Ташкилотҳои ҷамъияти ва ташкилотҳои дигари ғайритиҷорати, аз ҷумла муассисаҳо, метавонанд ихтиёран дар ассотсиатсияҳои (иттифоқҳои) ин ташкилотҳо муттаҳид шаванд.

Ассотсиатсияи ташкилотҳои ғайритиҷорати ташкилоти ғайритиҷорати мебошад.

3. Ассотсиатсия шахси ҳуқуқи мебошад.

Аъзои ассотсиатсия мустақилияти худ ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро нигоҳ медоранд.

4. Ассотсиатсия аз рӯи ӯҳдадориҳои аъзои худ масъулият надорад.

Аъзои ассотсиатсия аз рӯи ӯҳдадориҳои он ба андоза ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия пешбинигардида масъулияти субсидиари доранд.

5. Номи ассотсиатсия бояд ишора ба мақсади асосии фаъолияти он ва мақсади асосии фаъолияти аъзои онро бо иловаи калимаҳои "ассотсиатсия" ё "иттифоқ" дар бар гирифта бошад.

Аъзои ассотсиатсия мустақилияти худ ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро нигоҳ медоранд.

4. Ассотсиатсия аз рӯи ӯҳдадориҳои аъзои худ масъулият надорад.

Аъзои ассотсиатсия аз рӯи ӯҳдадориҳои он ба андоза ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия пешбинигардида масъулияти субсидиари доранд.

5. Номи фирмавии ассотсиатсия бояд ишора ба мақсади асосии фаъолияти он ва мақсади асосии фаъолияти аъзои онро бо иловаи калимаҳои "ассотсиатсия" ё "иттифоқ" дар бар гирифта бошад.

**Моддаи 134. Ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ)**

1. Ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ) шартномаи таъсиси аз ҷониби аъзоёни он имзогардида ва оинномаи тасдиқнамудаи онҳо мебошанд.

2. Дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия ғайр аз маълумоти дар қисми 2 моддаи 53 ҳамин Кодекс зикргардида бояд шартҳои зерин дарҷ гардида бошанд: дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идораи

ассотсиатсия ва тартиби қарор қабул кардани онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки қарор аз рӯи онҳо якдилона ё бо аксарияти кулли овози аъзои ассотсиатсия қабул карда мешавад ва дар бораи тақсими амволе, ки пас аз барҳам додани ассотсиатсия боқи мондааст.

**Моддаи 135. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аъзои ассотсиатсия (иттифоқ)**

1. Аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ доранд, ки аз хизматҳои он ба таври ройгон истифода намоянд, ба шарте ки дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия тартиби дигаре пешбини нагардида бошад ва аз хусусияти хизматрасони барнаояд.

2. Узви ассотсиатсия (иттифоқ) ҳақ дорад, ки пас аз хотимаи соли молияви бо салоҳдиди хеш аз ҳайати ассотсиатсия (иттифоқ) барояд. Дар ин сурат ӯ аз рӯи ӯҳдадориҳои ассотсиатсия (иттифоқ) дар давоми ду соли пас аз хориҷ шуданаш мутаносибан ба аъзоҳаққии худ масъулияти субсидиари бар дӯш дорад.

Узви ассотсиатсия дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ) муқарраргардида мумкин аст бо қарори иштирокчиёни боқимонда аз он хориҷ карда шавад. Дар мавриди аъзоҳаққии амволи ва масъулияти узви хориҷшудаи ассотсиатсия (иттифоқ) қоидаҳои марбут ба баромадан аз ҳайати ассотсиатсия истифода мешаванд.

3. Бо ризоияти узви ассотсиатсия ба он метавонад узви нав шомил шавад. Ба ассотсиатсия (иттифоқ) шомил шудани иштирокчии нав мумкин аст вобаста ба масъулияти субсидиарии доштаи он оид ба ӯҳдадориҳои ассотсиатсия (иттифоқ), ки то шомилшавии ӯ ба миён омадааст, сурат гирад.

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**«Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»**
**(аз 12 майи соли 2007, Конун аз 20.03.2008 № 384,**
**аз 21.07.2010 № 621,** аз 19.03.2013с. №962**)**

## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

**Моддаи 1. Муносибатҳое, ки Қонуни мазкур танзим мекунад**

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, таъсис додан, фаъолият намудан, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад.

**Моддаи 2. Доираи амали Қонуни мазкур**

Амали Қонуни мазкур тамоми иттиҳодияҳои ҷамъиятиеро фаро мегирад, ки бо тартиби муқарраргардида таъсис дода шудаанд, ба истиснои иттиҳодияҳои ҷамъиятие (ташкилотҳои динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), ки тартиби таъсис ва фаъолияти онҳоро қонунҳои алоҳида ба танзим медароранд.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон иборат мебошад.

**Моддаи 4. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ**

1. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ ҳуқуқи дар асоси ихтиёрӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ноил гардидан ба мақсадҳои умумӣ таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шомил шудан ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии мавҷуда ё худдорӣ кардан аз шомилшавӣ ба онҳо, инчунин аз ин иттиҳодияҳо бе мамониат баромаданро дар бар мегирад.

2. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд мустақилона, бе иҷозати пешакии мақомоти давлатӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис диҳанд, инчунин ба ин гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо шарти риоя кардани меъёрҳои оинномавии онҳо дохил шаванд.

**Моддаи 5. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

Иттиҳодияи ҷамъиятӣ - иттиҳоди ихтиёрӣ, худидора ва ғайритиҷоратии шаҳрвандон мебошад, ки дар асоси умумияти манфиатҳо барои амалӣ намудани мақсадҳое муттаҳид гардидаанд, ки дар оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ нишон дода шудаанд.

**Моддаи 6. Муассисон, аъзо ва иштирокчиёни иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Муассисони иттиҳодияи ҷамъиятӣ шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ - иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки анҷуман, конференсия, маҷлиси умумӣ ё маҷлиси таъсисиро даъват кардаанд ва дар он оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ қабул карда шуда, мақомоти роҳбарикунанда ва назорату тафтишии он ташкил карда шудааст. Муассисони иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуқуқ ва вазифаҳои баробар доранд.

2. Аъзои иттиҳодияи ҷамъиятӣ шахсони воқеие мебошанд, ки ҳавасмандии онҳо барои иҷрои якҷояи вазифаҳои ин иттиҳодия мувофиқи меъёрҳои оинномаи он бо аризаи шахсӣ ё ҳуҷҷатҳои дахлдор ба расмият даровarda мешавад. Ин имконият медиҳад, ки шумораи аъзои иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Аъзои иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуқуқ ва вазифаҳои баробар доранд.

Аъзои иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд ба мақомоти роҳбарикунанда ва назорату тафтишии ин иттиҳодия интихоб кунанд ва интихоб шаванд, инчунин фаъолияти мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятиро мувофиқи оинномаи он назорат намоянд.

Аъзои иттиҳодияи ҷамъиятӣ мувофиқи талаботи меъёрҳои оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуқуқу вазифаҳо доранд ва дар сурати риоя накардани талаботи пешбининамудаи оиннома аз иттиҳодияи ҷамъиятӣ метавонанд хориҷ карда шаванд.

3. Иштирокчиёни иттиҳодияи ҷамъиятӣ шахсони воқеие мебошанд, ки мақсадҳои иттиҳодияи мазкур ва (ё) иқдомоти мушаххаси онро дастгирӣ мекунанд, дар фаъолияти он бе барасмиятдарории ҳатмии шартҳои иштироки худ ширкат меварзанд, агар оиннома тартиби дигари иштироки онҳоро пешбинӣ накарда бошад.

**Моддаи 7. Шаклҳои ташкилию ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии зерин метавонанд таъсис дода шаванд:

- ташкилоти ҷамъиятӣ;
- ҳаракати ҷамъиятӣ;
- мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ.

**Моддаи 8. Ташкилоти ҷамъиятӣ**

1. Ташкилоти ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки чун қоида, дар асоси узвият таъсис ёфта, барои фаъолияти якҷояи шаҳрвандони муттаҳидшуда ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ба даст овардани мақсадҳои оинномавӣ таъсис дода шудааст.

2. Мақомоти олии роҳбарикунандаи ташкилоти ҷамъиятӣ анҷуман, кокференсия ё маҷлиси умумӣ мебошад. Мақомоти роҳбарикунандаи ташкилоти ҷамъиятӣ мақомоти интихобии дастаҷамъӣ мебошад, ки он ба анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумӣ ҳисоботдиҳанда аст.

**Моддаи 9. Ҳаракати ҷамъиятӣ**

1. Ҳаракати ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятии оммавӣ мебошад, ки аз иштирокчиён иборат буда, узвият надорад, амалӣ намудани мақсадҳои иҷтимоӣ ва дигар мақсадҳои ҷамъиятии муфидро дорад, ки онҳоро иштирокчиёни ҳаракати ҷамъиятӣ дастгирӣ менамоянд.

2. Мақомоти олии роҳбарикунандаи ҳаракати ҷамъиятӣ анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумӣ мебошад. Мақомоти роҳбарикунандаи ҳаракати ҷамъиятӣ мақомоти машваратии интихобӣ мебошад, ки на камтар аз даҳ нафар иборат буда, ба анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумӣ ҳисоботдиҳанда аст.

3. Дар сурати ба қайди давлатӣ гирифта шудани ҳаракати ҷамъиятӣ мақомоти роҳбарикунандаи он ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро аз номи ҳаракати ҷамъиятӣ амалӣ менамояд ва вазифаҳои онро мувофиқи оиннома иҷро мекунад.

**Моддаи 10. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятии беузвият ва ғайрирасмӣ буда, тартиби таъсис ва фаъолияти онро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

**Моддаи 11. Иттифоқҳои (ассотсиатсияҳои, шӯроҳои) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд иттифоқҳои (ассотсиатсияҳои, шӯроҳои) иттиҳодияҳои ҷамъиятиро таъсис диҳанд. Ба чунин иттифоқҳо (ассотсиатсияҳо, шӯроҳо) шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ҳуқуқи шомил шуданро доранд.

**Моддаи 12. Ҳудуди фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ таъсис ёфта, амал мекунанд.

2. Иттиҳодияи ҷамъиятии байналмилалӣ иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар қаламрави як ё якчанд давлатҳои хориҷӣ фаъолият намуда, филиал ва намояндагии худро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як ё якчанд давлатҳои хориҷӣ дорад ё мақсад дорад мувофиқи оиннома ин воҳидҳоро дошта бошад.

3. Иттиҳодияи ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки фаъолияти худро мувофиқи мақсадҳои оиннномавӣ метавонад дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд, филиалҳо ва намояндагиҳо дошта бошад.

4. Иттиҳодияи ҷамъиятии маҳаллӣ иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки мувофиқи мақсадҳои оинномавиаш дар ҳудуди воҳиди марзию маъмурии вилоят, шаҳр ва ноҳия фаъолият мекунад.

5. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ метавонанд дар номи худ калимаҳои "Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Тоҷикистон"-ро бе иҷозати махсуси мақоми давлатии салоҳиятнок ва бе супоридани ҳама гуна пардохтҳо истифода намоянд.

**Моддаи 13. Принсипҳои таъсис ва фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба принсипҳои ихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ, худидоракунӣ ва қонуният асос меёбад. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар муайян кардани сохтори дохилӣ, мақсад, шакл ва тарзу усулҳои фаъолияти худ озод мебошад.

2. Фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ ошкоро буда, маълумот дар бораи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва барномавии он бояд дастраси омма бошад.

3. Сохтор ва фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд. Фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ набояд ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки Конститутсияи (Сарқокуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст, вайрон ва ё маҳдуд намояд.

**Моддаи 14. Маҳдудият барои таъсис ва фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунад ва ё барои зӯран сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамояд, манъ аст.

2. Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятие, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ба саломатии одамон ва ба ахлоқи ҷамъиятӣ суиқасд мекунад, манъ аст.

**Моддаи 15. Давлат ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

1. Дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин дахолати иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо манъ аст.

2. Давлат риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро таъмин мекунад, ба онҳо додани имтиёзҳо ва афзалиятҳои андозсупорӣ ва дигар имтиёзҳоро ба тариқи қонунгузорӣ танзим менамояд.

Дастгирии давлатӣ дар шакли маблағҷудокунии мақсаднок (грантҳои давлатӣ) ба барномаҳои ҷудогонаи барои ҷомеа муфиди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мувофиқи дархости онҳо, бастани шартномаҳои гуногун, аз он ҷумла барои иҷро кардани кор ва хизматрасонӣ, супориши иҷтимоӣ барои иҷрои барномаҳои гуногуни давлатӣ ба доираи номаҳдуди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар асосҳои озмун ифода ёфта метавонад.

3. Масъалаҳое, ки ба манфиатҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дахл доранд, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун аз тарафи мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ бо иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятии дахлдор ё бо мувофиқаи онҳо ҳал карда мешаванд.

4. Ба кормандони кирояи дастгоҳи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат ва суғуртаи иҷтимоӣ паҳн мегардад.

## Боби 2. Таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

**Моддаи 16. Таъсиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо ташаббуси муассисони он - на камтар аз се нафар шахси воқеӣ таъсис дода мешавад.

Муассисони иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар қатори шахсони воқеӣ шахсони ҳуқуқӣ - иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ шуда метавонанд.

2. Қарорҳо дар бораи таъсиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ, дар бораи тасдиқ кардани оинномаи он ва дар бораи ташкили мақомоти роҳбарикунанда ва назорату тафтиш дар анҷуман, конференсия, маҷлиси умумӣ ё маҷлиси таъсисӣ кабул карда мешаванд. Аз вақти қабули қарорҳои мазкур иттиҳодияи ҷамъиятӣ таъсисёфта ҳисобида мешавад. Муассисоне, ки иттиҳодияи ҷамъиятиро ба сифати шахси ҳуқуқӣ таъсис медиҳанд, ӯҳдадоранд дар мӯҳлати як моҳи баъди таъсисдиҳӣ ҳуҷҷатҳои таъсисиро барои бақайдгирии давлатӣ ба мақомоти бақайдгиранда пешниҳод намоянд.

3. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ аз вақти бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро пайдо мекунад.

4. Хорич карда шуд (Конун аз 20.03.2008 № 384)

**Моддаи 17. Талаботе, ки ба муассисон, аъзо ва иштирокчиёни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешниҳод карда мешавад**

1. Шаҳрвандоне, ки ба синни 18-солагӣ расидаанд, муассис, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шуда метавонанд, агар Қонуни мазкур дигар тартибро муқаррар накарда бошад.

2. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муассис, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шуда метавонанд, ба шарте ки ҷои доимии зисти онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ё гувоҳномаи иқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошанд.

Ҳолатҳои маҳдуд кардани ин ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон муқаррар менамоянд.

3. Шаҳрвандоне, ки ба синни 14-солагӣ расидаанд, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон шуда метавонанд.

4. Шаҳрвандоне, ки ба синни 8-солагӣ расидаанд, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятии кӯдакон шуда метавонанд.

5. Танҳо шаҳрвандони ба балоғатрасида, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ зиндагӣ мекунанд, роҳбарони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин аъзои мақомоти назорату тафтишии онҳо шуда метавонанд.

6. Шарт ва тартиби пайдо кардани узвият, гум кардани узвият, инчунин шартҳои баромадан аз сафи аъзои иттиҳодияҳои ҷамъиятиро аз рӯи синнусол оинномаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии дахлдор муайян мекунанд.

7. Дар ҳуҷҷатҳои расмӣ талаби нишон додани узвият ё иштирок дар ин ё он иттиҳодияи ҷамъиятӣ манъ аст. Мансубияти шаҳрвандон ба иттиҳодияи ҷамъиятӣ асоси маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои онҳо ва шарти аз тарафи давлат ба онҳо додани ягон имтиёз ё бартарият шуда наметавонад.

8. Муассис, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ инҳо буда наметавонанд:

- мақомоти ҳокимияти давлатӣ (ба истиснои ҳолате, ки дар моддаи 11 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст);
- шахсони ҳуқуқӣ (ба истиснои ҳолатҳое, ки дар моддаҳои 6, 11 ва 16 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд);
- шахсоне, ки алоқамандии онҳо бо ташкилотҳои террористӣ, Экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сепаратистӣ аз тарафи суд муайян шудааст.

9. Ҳангоми таъсиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар шакли ташкилоти ҷамъиятӣ муассисони ин ташкилот бевосита аъзои он гардида, ҳуқуқ ва вазифаҳои дахлдор пайдо менамоянд.

10. Дар вақти таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар дигар шаклҳо ҳуқуқ ва вазифаҳои муассисони онҳо дар оинномаашон нишон дода мешаванд.

**Моддаи 18. Оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ бояд инҳоро пешбинӣ намояд:

- ном, мақсади иттиҳодияи ҷамъиятӣ, шакли ташкилию ҳуқуқии он;
- сохтори иттиҳодияи ҷамъиятӣ, мақомоти роҳбарикунанда ва назорату тафтиши иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳудуди фаъолияти ҳамин иттиҳодияи ҷамъиятӣ;
- шартҳо ва тартиби пайдо ва гум кардани узвият дар иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои аъзои ин иттиҳодия (танҳо барои иттиҳодияҳое, ки узвиятро пешбинӣ менамоянд);
- салоҳият ва тартиби ташкили мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ, мӯҳлат ва ваколати онҳо, маҳалли ҷойгиршавии мақомоти доимии роҳбарикунанда;
- тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ;
- сарчашмаҳои ташаккули маблағҳо ва дигар молу мулки иттиҳодияи ҷамьиятӣ, ҳуқуқи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва филиалу намояндагиҳои он оид ба идоракунии амвол;
- тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ.

2. Оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ тасвири рамзи ин иттиҳодияро дошта метавонад.

3. Дар оиннома метавонанд дигар муқаррароти марбут ба фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки ба қонунҳо мухолифат намекунанд, пешбинӣ карда шаванд.

**Моддаи 19. Ном ва рамзи иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Номи иттиҳодияи ҷамъиятӣ, парчам, нишон, вимпелҳо ва дигар рамзҳо, агар онҳо бошанд, аз ном ва рамзҳои дигар шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла онҳое, ки бо қарори суд барҳам дода шудаанд ва ё фаъолияти худро қатъ кардаанд, бояд фарқ кунанд.

2. Рамзи иттиҳодияи ҷамъиятӣ набояд ба рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба рамзҳои давлатҳои хориҷӣ монанд бошад ва ҳуқуқи моликияти зеҳниро вайрон намояд. Истифодаи тасвири нишони давлатӣ дар мӯҳр ва бланкаҳои фирмавии иттиҳодияи ҷамъиятӣ манъ аст.

3. Ном ва рамзи иттиҳодияи ҷамъиятӣ барои тарғибу ташвиқи мақсад ва тарзу усулҳои амалиёте, ки дар моддаи 14 Қонуни мазкур нишон дода шудаанд, набояд истифода шаванд.

4. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуқуқ дорад дар номи худ номи шаҳрвандро танҳо бо ризоияти ӯ, дар сурати фавтидани ин шаҳрванд, дар асоси васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшудаи вай ва дар сурати набудани васиятнома бо розигии ҳамсар, волидайн ва ё фарзандони болиғи шахси фавтида истифода намояд. Агар шахсони номбурда мавҷуд набошанд, масъалаи истифодаи номи шаҳрвандро дар номи иттиҳодияи ҷамъиятӣ худи ҷамъият ҳал мекунад.

**Моддаи 20. Тартиби истифодаи номи иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Номи расмии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бояд ба шакли он ва ҳудуди фаъолияти он ишора дошта бошад.

2. Дар номи иттиҳодияи ҷамъиятӣ истифода кардани номи мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, ҳизбҳои сиёсии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда, инчунин ҳизбҳои сиёсие, ки фаъолияти онҳо бо тартиби судӣ барҳам дода шудаанд ё бо тартиби худбарҳамдиҳӣ фаъолияташонро қатъ кардаанд, мумкин нест.

**Моддаи 21. Бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Барои ба даст овардани ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ иттиҳодияи ҷамъиятӣ бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

2. Бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятиро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсатҳои адлияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо (минъбад - мақомоти бақайдгиранда) анҷом медиҳанд.

3. Бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллиро, ки фаъолияти онҳо мувофиқи оинномаҳояшон дар ҳудуди шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ амалӣ мегарданд, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад (Конун аз 21.07.2010 № 621).

4. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад (Конун аз 21.07.2010 № 621):

- санҷиши ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллии дар ҳудуди шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷойгирбуда, иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгирбуда;

- санҷиши ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои таъсисии намояндагӣ ва филиалҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявии дар ҳудуди шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷойгирбуда, иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалии давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгирбуда, инчунин қайди баҳисобгирии онҳо;

- додани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллии дар ҳудуди шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷойгирбуда, иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалии давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгирбуда;

- додани нусха аз Феҳристи ягонаи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва қайди баҳисобгирии намояндагӣ ва филиалҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалии давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгирбуда;

- пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;

- пешбурди қайди баҳисобгирии намояндагӣ ва филиалҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;

- муайян намудани тартиби пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва тартиби қайди баҳисобгирии намояндагӣ ва филиалҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;

- иҷрои дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Конун аз 21.07.2010 № 621).

5. Бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллии дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо ҷойгирбударо раёсатҳои адлияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо анҷом медиҳанд (Конун аз 21.07.2010 № 621).

6. Раёсатҳои адлияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо бинобар бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дорои ваколатҳои зерин мебошанд (Конун аз 21.07.2010 № 621):

- санҷиши ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияҳои ҷамъиятии дар ҳудуди вилоят воқеъбуда;

- санҷиши ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои намояндагӣ ва филиалҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ;

- додани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

- додани нусха аз Феҳристи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва қайди баҳисобгирии намояндагӣ ва филиалҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (вобаста ба ҳудуди дахлдор);

- пешбурди Феҳристи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҳудудҳои дахлдор;

- ҳар моҳ пешниҳод намудани маълумот ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва қайди баҳисобгирии намояндагӣ ва филиалҳо;

- иҷрои ваколатҳои дигари пешбининамудаи Қонуни мазкур (Конун аз 21.07.2010 № 621).

7. Барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба мақомоти бақайдгиранда ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза, ки онро аъзои мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ имзо кардаанд ва дар он насаб, ном, номи падар, ҷойи истиқомат ва телефонҳои робита нишон дода шудаанд;

- оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар ду нусха бо забони давлатӣ ва бо хоҳиши ташкилоти ҷамъиятӣ ду нусха бо забони муошırати байни миллатҳо;

- иқтибос аз протоколи анҷуман, конференсия, маҷлиси умумӣ ё маҷлиси таъсисӣ, ки дар бораи таъсиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ, тасдиқи оинннома, ташкил кардани мақомоти роҳбарикунанда ва мақоми назорату тафтишии он маълумот дорад;

- маълумот дар бораи муассисони иттиҳодияи ҷамъиятӣ: барои шахсони воқеӣ - насаб, ном, номи падар, соли таваллуд, ҷои сукунат, шаҳрвандӣ (бо имзоҳояшон тасдиқ мегардад) ва нусхаи шиноснома ё дигар ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад; барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳангоми таъсиси иттифоқи (ассотсиатсия, шӯрои) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ - нусхаи шаҳодатномаҳо дар бораи бақайдгирии давлатии оинномаи ин иттиҳодияҳо, иқтибос аз протоколи маҷлиси мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бо қарор дар бораи таъсиси иттифоқи (ассотсиатсия, шӯрои) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин нусхаи шартномаи таъсисӣ;

- аризаи шахсоне, ки дар моддаи 19 Қонуни мазкур нишон дода шудаанд, дар бораи розигӣ ба истифодаи номи шаҳрванд дар номи иттиҳодияи ҷамъкятӣ;

- ҳангоми аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ истифода бурдани рамзи таҳти ҳимояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи моликияти зеҳнӣ ё ҳуқуқи муаллифӣ қарордошта - ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи истифодаи онро тасдиқ мекунанд;

- ҳуҷҷати пардохти боҷи давлатӣ;

- ҳуҷҷат дар бораи нишонии (маҳалли ҷойгиршавии) мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

- барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ - протоколҳои анҷуманҳо, конференсияҳо, маҷлисҳои умумӣ ё маҷлисҳои таъсисии воҳидҳои сохторӣ.

8. Тағйироте, ки ба оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ворид карда мешаванд, бо ҳамон тартиб ва дар ҳамон мӯҳлате, ки барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ муқаррар карда

шудааст, ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд ва онҳо аз вақти чунин бақайдгирӣ эътибори ҳуқуқи пайдо мекунанд.

9. Барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, тағйироте, ки ба оинномаи он дохил карда мешаванд, бо тартиб ва ба андозаи муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" боҷи давлатӣ ситонида мешавад.

10. Бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар давоми як моҳ аз рӯзи пешниҳоди тамоми ҳуҷҷатҳои дар ҳамин модда номбаршуда анҷом ёфта, ба иттиҳодияи ҷамъиятӣ шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дода мешавад (Конун аз 21.07.2010 № 621).

**Моддаи 21(1). Додани нусхаи (дубликати) Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ (Конун аз 21.07.2010 № 621)**

Дар сурати гум кардан ва дигар ҳолатҳои зарурӣ дар асоси аризаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ, мақоми бақайдгиранда дар давоми 10 рӯз нусхаи (дубликати) Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятиро медиҳад (Конун аз 21.07.2010 № 621).

**Моддаи 22. Қайди баҳисобгирии филиалҳо ва намояндагиҳои иттиҳодияи ҷамъиятӣ** ё рад кардани қайди баҳисобгирии онҳо

1. Филиалҳо ва намояндагиҳои "иттиҳодияи ҷамъиятӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалии давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгирбуда бояд аз қайди баҳисобгирӣ гузаранд (Конун аз 21.07.2010 № 621).

2. Қайди баҳисобгирии филиалҳо ва намояндагиҳои иттиҳодияи ҷамъиятиро мақомоти бақайдгиранда анҷом медиҳад.

3. Барои қайди баҳисобгирии намояндагӣ ё филиалҳои иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд (Конун аз 21.07.2010 № 621, аз 19.03.2013г.№962):

1) аризаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар бораи қайди баҳисобгирии намояндагӣ ё филиали он;

2) нусхаи аз тарафи нотариуси давлатӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки намояндагӣ ё филиал таъсис медиҳад;

3) қарори иттиҳодияи ҷамъиятӣ:

а) дар бораи таъсиси филиал ё намояндагӣ;

б) дар бораи тасдиқи Низомнома;

в) дар бораи таъин намудани роҳбари намояндагӣ ё филиал;

4) Низомномаи намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

5) ваколатнома, ки ба роҳбари намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ дода шудааст;

6) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маҳалли ҷойгиршавии намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

7) квитансия ё нусхаи супориши пардохтӣ дар бораи пардохти боҷи давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Конун аз 21.07.2010 №621).

4. Маълумот дар бораи намояндагӣ ё филиалҳои иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба Феҳристи ягонаи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ворид карда мешавад (Конун аз 21.07.2010 № 621).

5. Қайди баҳисобгирии намояндагӣ ё филиалҳои иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар давоми 10 рӯз аз рӯзи пешниҳоди тамоми ҳуҷҷатҳои дар ҳамин модда номбаршуда анҷом ёфта, ба намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ иқтибос аз қайди баҳисобгирии намояндагӣ ва филиалҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дода мешавад (Конун аз 21.07.2010 № 621).

6. Тағйирот ба ҳуҷҷатҳои намояндагӣ ё филиалҳои иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо ҳамон тартиб ва дар ҳамон мӯҳлате, ки моддаи мазкур пешбинӣ намудааст, ворид карда мешавад (Конун аз 21.07.2010 № 621).

7. Қайди баҳисобгирии намояндагиҳо ё филиалҳои иттиҳодияи ҷамъиятӣ, аз ҷумла намояндагиҳо ва филиалҳои иттиҳодияи ҷамъиятии байналмилалии давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳо ва филиалҳои иттиҳодияи ҷамъиятии байналмилалии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгирбуда бо асосҳои зерин рад карда мешавад:

- агар низомномаи намояндагиҳо ё филиалҳои иттиҳодияи ҷамъиятҳ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти моддаи 14 Қонуни мазкур ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат кунад;

- агар ҳуҷҷатҳои барои қайди баҳисобгирӣ зарур, ки номгӯи онҳоро Қонуни мазкур муайян кардааст, пурра пешниҳод нашуда бошанд ё маълумот дар ҳуҷҷатхо бо тартиби муқаррарӣ расмӣ кунонида нашуда бошад ё ба мақоми номувофиқ пешниҳод гардида бошад;

- агар муқаррар гардад, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии пешниҳодшуда маълумоти носаҳеҳ мавҷуд бошад.

8. Дар сурати гум шудани Шаҳодатнома дар бораи қайди баҳисобгирии намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва дигар ҳолатҳои зарурӣ мақоми бақайдгиранда бояд дар асоси ариза дар давоми 10 рӯз нусхаи (дубликати) онро диҳад.

9. Дар сурати рад кардани қайди баҳисобгирии намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба аризадиҳанда дар ин бора дар

шакли хаттӣ бо нишон додани муқаррароти мушаххаси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки риоя накардани он боиси рад кардани қайди бақисобгирии намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ шудааст, хабар дода мешавад.

10. Дар бораи рад кардани қайди баҳисобгирии намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ, инчунин дар бораи саркашӣ аз ин гуна баҳисобгирӣ ба суд шикоят кардан мумкин аст.

11. Рад кардани қайди баҳисобгирии намояндагӣ ё филиалииттиҳодияи ҷамъиятӣ барои такроран пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ҷиҳати қайди баҳисобгирӣ монеъ намешавад, ба шарте, агар асосҳое, ки боисираддия шудаанд, бартараф карда шуда бошанд.

12. Баррасии аризаи такрорҳ дар бораи қайди баҳисобгирии намояндагӣ ё филиали иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо тартиби муайяннамудаи Қонуни мазкур сурат мегирад.

**Моддаи 23. Рад кардани бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва тартиби шикоят аз болои он**

1. Бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар асосҳои зерин рад карда мешавад:

- агар оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти моддаҳои 14, 17 ва 18 Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат кунад;

- агар номгӯи пурраи ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатӣ зарур, ки Қонуни мазкур муайян кардааст, пешниҳод карда нашуда бошад ё маълумот дар ҳуҷҷатҳо ба тартиби зарурӣ расмӣ кунонида нашуда бошанд ё ба мақомоти номувофиқ пешниҳод гардида бошанд;

- агар бо ҳамон ном иттиҳодияи ҷамъиятии қаблан ба қайд гирифташуда фаъолият намояд (Конун аз 21.07.2010 № 621);

- агар муқаррар гардад, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии пешниҳодшуда маълумоти носаҳеҳ мавҷуд бошад;

- агар номи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ахлоқ, ҳисси миллӣ ва динии шаҳрвандонро таҳқир намояд.

2. Бо сабабҳои мувофиқи мақсад набудани таъсис ба рад кардани бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ роҳ дода намешавад.

3. Дар сурати рад кардани бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба аризадиҳандагон дар ин бора дар шакли хаттӣ бо нишон додани муқаррароти мушаххаси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вайрон кардани онҳо боиси рад кардани бақайдгирии давлатии ин иттиҳодия гардидааст, хабар дода мешавад.

4. Дар бораи рад кардани бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, инчунин дар бораи саркашӣ аз ин гуна бақайдгирӣ ба суд шикоят кардан мумкин аст.

5. Рад кардани бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ барои такроран пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ монеъ намешавад, ба шарте, ки асосҳои боиси раддия бартараф карда шуда бошанд.

Баррасии аризаи такрорӣ дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо тартиби пешбиникардаи Қонуни мазкур сурат мегирад.

## Боби 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои иттиҳодияи ҷамъиятӣ

### Моддаи 24. Ҳуқуқҳои иттиҳодияи ҷамъиятӣ

1. Барои амалӣ намудани мақсадҳои оинномавӣ иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуқуқ дорад:

- дар бораи фаъолияти худ озодона ахбор паҳн намояд;
- дар таҳияи қарорҳои мақомоти давлатӣ бо тартиб ва дар доираи пешбиникардаи Қонуни мазкур ва дигар қонунҳо иштирок намояд;
- маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, роҳпаймоиҳо ва дигар чорабиниҳои оммавиро бо тартиби пешбиникардаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронад;
- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ахбори оммаро таъсис ва фаъолияти нашриро анҷом диҳад;
- дар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, суд ҳуқуқҳои худ, манфиатҳои қонунии аъзо ва иштирокчиёни худ, инчунин дигар шаҳрвандонро намояндагӣ ва ҳифз намояд;
- аз рӯи масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ бо ташаббусҳо баромад намояд, ба мақомоти давлатӣ пешниҳодҳо кунад;
- аз мақомоти давлатӣ маълумоте гирад, ки барои иҷрои вазифаҳои оинномавӣ зарур аст, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагиро, ки он ба иҷрои мақсаду вазифаҳои оинномавӣ мусоидат менамояд, анҷом диҳад, аз он ҷумла бо ёрии ташкилотҳои тиҷоратие, ки барои ин мақсадҳо таъсис дода мешаванд;
- барои татбиқи фаъолияти оинномавӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо мақсади гирифтани фармоишҳои иҷтимоӣ, грантҳо, стипендияҳо ва дигар афзалиятҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нагардида иштирок намояд;
- бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи ҳамкории илмию техникӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва истеҳсолӣ дар бораи расонидани

хизмат ва иҷрои корҳое, ки ба татбиқи мақсад ва иҷрои вазифаҳои оинномавӣ нигаронида шудаанд, созишномаҳо бандад;

- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмию тадқиқотӣ ва лоиҳавию конструкториро амалӣ гардонад, лоиҳаю барномаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнокро аз санҷиши ҷамъиятӣ гузаронад, дар кори комиссияҳои муштарак оид ба баррасии онҳо иштирок намояд, ба шарте ки ин намудҳои фаъолият дар оинннома пешбинӣ шуда бошанд;
- ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузориро амалӣ намояд.

2. Амалӣ кардани ҳуқуқҳои номбаршудаи иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ё бо иштироки онҳо таъсис гардидаанд, бо қонунҳо ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон метавонанд маҳдуд карда шавад.

**Моддаи 25. Вазифаҳои иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

Иттиҳодияи ҷамъиятӣ вазифадор аст:

- Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва меъёрҳои пешбиникардаи оинномаро риоя намояд;
- ҳар сол то 1 апрел ба мақомоти бақайдгиранда дар бораи идомаи фаъолияти худмаълумот, ки шакли он аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, пешниҳод намояд ;
- бо дархости мақомоти бақайдгиранда қарорҳои мақомоти роҳбарикунанда ва шахсони мансабдори иттиҳодияи ҷамъиятӣ, инчунин дар бораи фаъолияти худ гузориш пешниҳод намояд;
- намояндагони мақомоти бақайдгирандаро ба чорабиниҳои оммавие, ки иттиҳодияи ҷамъиятӣ мегузаронад, роҳ диҳад;
- ба намояндагони мақомоти бақайдгиранда дар кори шиносшавӣ бо фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ вобаста ба амалӣ намудани мақсадҳои оинномавӣ ва риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунад.

## Боби 4. Моликияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ

**Моддаи 26. Моликияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Иттиҳодияи ҷамъиятие, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад, дар моликияташ биноҳо, иморатҳо, иншоот, фонди манзил, нақлиёт, таҷҳизот, асбобу анҷом, амволи таъиноти маданию маърифатӣ ва

солимгардонӣ, маблағҳо, саҳмияҳо, коғазҳои қиматнок ва дигар молу мулк дошта метавонад, ки барои таъминоти моддии фаъолияти оинномавии ин иттиҳодияи ҷамъиятӣ заруранд.

Дар моликияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ инчунин муассисаҳо, нашриёт, воситаҳои ахбори омма, ки аз ҳисоби маблағҳои ҳамин иттиҳодияи ҷамъиятӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи он таъсис мегарданд ва ба даст оварда шудаанд, буда метавонанд.

2. Моликияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад.

3. Қонун метавонад намудҳои амволеро муқаррар намояд, ки аз нигоҳи амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон дар моликияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ буда наметавонанд.

**Моддаи 27. Сарчашмаҳои ташаккули моликияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

Моликкяти иттиҳодияи ҷамъиятӣ аз ҳисоби ҳаққи дохилшавӣ ва аъзоҳаққӣ, агар пардохти онҳоро оиннома пешбинӣ карда бошад, пардохтҳои ихтиёрӣ ва хайрияҳо, грантҳо, воридот аз лексияҳо, намоишгоҳҳо, лотереяҳо, музоядаҳо, чорабиниҳои варзишӣ ва дигар чорабиниҳое, ки бо тартиби муқаррарнамуда ва мувофиқи оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ гузаронида мешаванд, даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ ва намудҳои дигари фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки қонун манъ накардааст, ташаккул меёбад.

**Моддаи 28. Субъекти ҳуқуқи моликият дар ташкилоти ҷамъиятӣ**

1. Ташкилоти ҷамъиятӣ субъекти ҳуқуқи моликият ба тамоми молу мулки ташкилоти ҷамъиятӣ мебошад. Ҳар як узви алоҳидаи ташкилоти ҷамъиятӣ ба ҳиссаи молу мулки ба ташкилоти ҷамъиятӣ тааллуқдошта ҳуқуқи моликият надорад.

2. Дар ташкилотҳои ҷамъиятие, ки филиалҳо ва намояндагиҳо фаъолияти худро дар асоси низомномаҳои худ ва оинномаи ягонаи ин ташкилот амалӣ менамоянд, соҳиби моликият дар маҷмӯъ ташкилоти ҷамъиятӣ мебошад.

**Моддаи 29. Субъекти ҳуқуқи моликият дар ҳаракати ҷамъиятӣ**

Аз номи ҳаракати ҷамъиятӣ ҳуқуқи моликиятро ба молу мулке, ки ба ҳаракати ҷамъиятӣ тааллуқ дорад, инчунин молу мулке, ки аз ҳисоби маблағҳои худӣ барпо карда ва (ё) ба даст оварда шудаанд, мақомоти роҳбарикунандаи он амалӣ менамояд.

**Моддаи 30. Хорич карда шуд (Конун аз 20.03.2008 № 384)**

**Моддаи 31. Фаъолияти соҳибкории иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ фаъолияти соҳибкориро тибқи талаботи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.

2. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкатҳои хоҷагидорӣ, ҷамъиятҳо ва ташкилотҳои дигари хоҷагидориро таъсис намояд, инчунин молу мулкеро, ки барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ таъин гардидааст, ба даст орад.

3. Даромадҳо аз фаъолияти соҳибкории иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар байни аъзо ё иштирокчиёни ин итшҳодия тақсим шуда наметавонанд ва бояд танҳо барои ба даст овардани мақсадҳои оинномавӣ истифода шаванд.

Иттиҳодияи ҷамъиятӣ маблағҳои худро метавонад барои мақсадҳои хайриявӣ истифода намояд, ҳатто агар ин дар оинномаи он нишон дода нашуда бошад.

## Боби 5. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ

**Моддаи 32. Азнавташкилдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Азнавташкилдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо қарори анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумӣ амалӣ карда мешавад. Тартиби қабули қарорро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ муайян мекунад.

2. Бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятие, ки бо роҳи азнавташкилдиҳӣ таъсис дода мешавад, бо тартиби пешбиникардаи Қонуни мазкур амалӣ мегардад.

3. Молу мулки иттиҳодияи ҷамъиятие, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад, баъди азнавташкилдиҳии он ба шахсони ҳуқуқии навтаъсис бо тартиби пешбининамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад.

**Моддаи 33. Барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо қарори анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумӣ мувофиқи оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё бо қарори суд тибқи тартиби пешбиникардаи Қонуни мазкур анҷом дода мешавад.

2. Молу мулке, ки дар натиҷаи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ боқӣ мемонад, баъди қонеъ гардонидани талаботи кредиторон барои мақсадҳои пешбиникардаи оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ равона карда мешавад. Агар дар оинннома масъалаи

тартиби ихтиёрдории молу мулки иттиҳодияи ҷамъиятии барҳамдодашуда ҳал нашуда бошад, ин гуна қарор дар анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумӣ дар баробари қарор дар бораи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ қабул карда шуда, дар мавридҳои баҳснок бошад, ин масъала бо қарори суд ҳал карда мешавад. Қарор дар бораи истифодаи молу мулки боқимонда ба мақомоти бақайдгиранда равона карда мешавад.

3. Хориҷ карда шуд (Конун аз 21.07.2010 № 621).

**Моддаи 33(1). Бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ (Конун аз 21.07.2010 № 621)**

1. Анҷуман, конференсия ё маҷлиси умумии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки дар бораи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ қарор қабул намудааст, вазифадор аст дар бораи қабули чунин қарор бетаъғир ба мақоми бақайдгиранда хабар диҳад (Қонуни ҶТ аз 19.03.2013 № 962).

2. Мақоми бақайдгиранда қарорро дар бораи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ гирифта, риоя гардидани қоидаҳои барҳамдиҳиро месанҷад ва вобаста ба натиҷаи санҷиш ба Феҳристи ягонаи давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар хусуси дар ҷараёни барҳамдиҳӣ қарор доштани иттиҳодияи ҷамъиятӣ маълумот ворид менамояд.

3. Мақомоте, ки дар бораи барҳам додани иттиҳодияи ҷамъиятӣ қарор қабул кардааст, ба мақоми дахлдори бақайдгиранда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- ариза;
- нусхаи қарор дар бораи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ;
- нусхаҳои аслии ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ;
- ҳуҷҷат аз мақомоти андоз оид ба қарздор набудани иттиҳодияи ҷамъиятӣ аз буҷет.

4. Мақоми бақайдгиранда дар муддати даҳ рӯз аз лаҳзаи ба охир расидани ҷараёни барҳамдиҳӣ вазифадор аст:

- риоя шудани тартиби барҳамдиҳиро санҷад;
- ба Феҳристи ягонаи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар бораи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ маълумот ворид намояд;
- аз Феҳристи ягонаи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ нусха диҳад.

5. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ, намояндагӣ ё филиалҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз рӯзи ба Феҳристи ягонаи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ворид намудани маълумоти дахлдор барҳамхӯрда ба ҳисоб меравand (Конун аз 21.07.2010 № 621).

## Боби 6. Назорат ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

### Моддаи 34. Назорат ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

1. Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои ба он тобеъ амалӣ менамоянд.

2. Мақомоти бақайдгиранда мувофиқати фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба мақсадҳои оинномавии онҳо назорат мекунад. Мақомоти бақайдгиранда ҳуқуқ дорад:

- аз мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳуҷҷатҳои амрдиҳанда, қарорҳо ва гузоришҳоро мувофиқи моддаи 15 Қонуни мазкур талаб намояд;
- намояндагони худро барои иштирок кардан дар чорабиниҳои оммавие, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мегузаронанд, фиристад;
- дар сурати ошкор намудани ҳодисаҳои аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз тарафи онҳо содир кардани амалиёте, ки ба мақсадҳои оинномавиашон мухолифат мекунад, мақомоти роҳбарикунандаи ин иттиҳодияҳо хаттӣ огоҳонида, дар он асосҳои мушаххаси огоҳонида шудани онҳоро нишон диҳад.

Огоҳиномаи хаттиеро, ки мақомоти бақайдгиранда раво донистааст, иттиҳодияи ҷамъиятӣ бояд дар давоми як моҳ баррасӣ намояд.

3. Мақомоти андоз ба сарчашмаҳои даромади иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, андозаи маблағҳои бадастдаровардаи онҳо ва пардохти андозҳоро мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад.

4. Назорат ва тафтиши аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иҷро карда шудани меъёрҳо ва стандартҳои мавҷудаи экологӣ, сӯхторнишонӣ, зиддиэпидемиологӣ ва ғайраро тибқи қонун мақомоти давлатии ваколатдор амалӣ менамоянд.

### Моддаи 35. Боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ

1. Дар сурати аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ риоя накардани муқаррароти Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содир намудани амалҳои мухолифи мақсадҳои оинномавӣ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокурорҳои тобеи он ба мақомоти роҳбарикунандаи иттиҳодияи мазкур дар бораи бетаъхир бартараф намудани қонуншиканӣ амри хаттӣ ва ба мақомоти бақайдгиранда огоҳиномаи хаттӣ фиристода, мӯҳлати бартараф намудани онҳоро муқаррар менамояд.

2. Агар дар мӯҳлати муайяншуда қонуншиканиҳое, ки асоси баровардани амри хаттӣ ё огоҳиномаи хаттӣ гаштаанд, бартараф карда нашаванд, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокурорҳои тобеи он ё мақомоти бақайдгиранда ҳуқуқ доранд ба суд бо аризаи даъвогӣ дар хусуси боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ муроҷиат намоянд.

Дар ин маврид суд метавонад фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятиро ба мӯҳлати то се моҳ боздорад.

3. Фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ, инчунин бо тартиб ва асосҳои пешбиникардаи дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад боздошта шавад.

4. Тартиби боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятиро дар сурати ҷорӣ кардани вазъияти фавқулодда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун муайян менамояд.

**Моддаи 36. Оқибатҳои боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Дар сурати боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуқуқи он чун муассиси воситаҳои ахбори омма, фаъолияти воситаіои ахбори оммаи таъсисдодаи он боздошта мешавад, ба вай ташкил кардан ва гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, роҳпаймоиҳо ва дигар чорабиниҳои оммавӣ, истифодабарии амонатҳои бонкӣ, ба истиснои ҳисобу китобҳо оид ба фаъолияти хоҷагӣ ва шартномаҳои меҳнатӣ, ҷуброни зараре, ки бо амали ӯ расонида шудааст, пардохти андозҳо, боҷҳо ва ҷаримаҳо манъ аст.

2. Агар дар давоми мӯҳлати муқарраршудаи боздоштани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ қонуншиканиҳо, ки асоси боздоштани фаъолияти он гардидаанд, бартараф карда шаванд, иттиҳодияи ҷамъиятӣ фаъолияти худро бо қарори суде, ки фаъолияташро боздоштааст, давом медиҳад.

**Моддаи 37. Асосҳои барҳам додан ва манъ кардани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ**

1. Асосҳои барҳам додани иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё манъ кардани фаъолияти он инҳо мебошанд:

- ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро риоя накардани иттиҳодияи ҷамъиятӣ;

- Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накардани иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ мунтазам анҷом додани фаъолияте, ки ба мақсадҳои оинномавии он мухолифат менамояд;

- аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ бартараф накардани кирдорҳое, ки барои баровардани амри хаттӣ ё огоҳиномаи хаттӣ тибқи талаботи моддаи 35 Қонуни мазкур асос гардидаанд.

2. Ариза дар бораи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо асосҳои дар моддаи мазкур нишондодашуда аз тарафи мақомоти бақайдгиранда ё Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокурорҳои тобеи он, новобаста ба татбиқи чораҳои пешбиникардаи моддаи 35 Қонуни мазкур, ба суд пешниҳод карда мешавад.

3. Барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо ҳалномаи суд маънои онро дорад, ки фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ, сарфи назар аз мавҷудияти бақайдгирии давлатии он, манъ карда мешавад, инчунин асос барои барҳамдиҳии ҳамаи шахсони ҳуқуқии таъсисдодаи он, баромадан аз ҷамъияту ширкатҳои хоҷагидор ё қатъ гардидани иштироки он дар фаъолияти дигар шахсони ҳуқуқӣ мегардад. Иттиҳодияи ҷамъиятии барҳамдодашуда бо номи дигар сабт шуда наметавонад (Қонуни ҶТ аз 19.03.2013 № 962).

4. Агар суд аризаро дар бораи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё манъ кардани фаъолияти он қонеъ нагардонад, иттиҳодияи ҷамъиятӣ баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд фаъолияташро давом медиҳад.

5. Фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятие, ки шахси ҳуқуқӣ намебошад, мувофиқи ҳалномаи суд бо тартиб ва асосҳои барои барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ - шахси ҳуқуқии пешбиникардаи Қонуни мазкур метавонад манъ карда шавад.

## Боби 7. Робитаҳои байналмилалии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ

### Моддаи 38. Робитаҳои байналмилалии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

1. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд тибқи оинномаҳои худ ба ташкилотҳои ҷамъиятии байналмилалӣ шомил гардида, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ба мақомоти ин ташкилотҳои ҷамъиятии байналмилалӣ мувофиқро ба даст оранд, алоқаю робитаҳои мустақими байналмилалиро ба роҳ монда, бо ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) хориҷӣ созишномаҳо банданд.

2. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар давлатҳои хориҷӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва қонунгузории ин давлатҳои ташкилот, филиалҳо ва намояндагиҳои худро таъсис намоянд. Он иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки дар давлатҳои хориҷӣ ташкилот, филиалҳо ва намояндагиҳои худро таъсис додаанд, мувофиқи моддаи

12 Қокуни мазкур иттиҳодияи ҷамъиятии байналмилалӣ эътироф карда мешаванд ва бояд бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур аз нав ба қайд гирифта шаванд.

**Моддаи 39. Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Бақайдгирии давлатии ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

2. Барои бақайдгирии давлатии ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар моддаҳои 21, 22 Қонуни мазкур муайянгардида ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ талаб карда мешаванд, ки аз ҷониби мақомоти мутасаддии давлати хориҷӣ омода, тасдиқ ва ё пешниҳод шудаанд.

3. Ҳуҷҷатҳои дар қисми 2 моддаи мазкур қайдгардида тариқи муассисаҳои консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд расмӣ (легалӣ) кунонида шаванд, агар дар шартномаҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Ҳуҷҷатҳои ба забони хориҷӣ омодагашта, ки ба мақомоти адлия пешниҳод мегарданд, бояд ба забони давлатӣ ва забони муошırати байни миллатҳо тарҷума карда шуда, тариқи нотариалӣ тасдиқ гарданд.

5. Баъди бақайдгирии давлатии ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати коркунони он бояд дар Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия карда шаванд.

6. Ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё филиалу намояндагиҳои онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

7. Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё филиалу намояндагиҳои онҳо, ки ба қайди давлатӣ ё қайди баҳисобгирӣ гирифта нашудаанд, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст.

8. Тартиб ва мӯҳлатҳои анҷом додани қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ мутобиқи моддаи 22 Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (Конун аз 21.07.2010 № 621).

## Боби 8. Муқаррароти хотимавӣ

### Моддаи 40. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 41. Бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки то мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур таъсис гардидаанд

1. Муқаррароти Қонуни мазкур дар бораи бақайдгирии давлатӣ ба иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки то мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур таъсис дода шудаанд, низ татбиқ мегарданд.

2. Оинномаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки то мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур таъсис гардидаанд, бояд ба талаботи Қонуни мазкур мувофиқ карда шаванд. Оинномаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии амалкунанда танҳо дар он қисмате татбиқ мегарданд, ки ба Қонуни мазкур мухолифат надошта бошанд.

3. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки то мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур таъсис дода шудаанд, на дертар аз 1 январи соли 2008 бо озод кардан аз пардохти боҷи давлатӣ бояд аз нав ба қайди давлатӣ гирифта шаванд.

4. Иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки дар мӯҳлати муқарраркардаи ҳамин модда расмиёти аз нав бақайдгириро нагузаштаанд, ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро гум мекунанд ва шаҳодатномаҳо дар бораи бақайдгирии онҳо бо қарори мақомоти бақайдгиранда беэътибор дониста мешаванд. Чунин ҳолат онҳоро аз иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммаи худ гирифтаашон озод наменамояд.

### Моддаи 42. Дар бораи беэътибор донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ"

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1998. № 10, мод. 139) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 43. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе
аз 12 майи соли 2007 № 258

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мавзӯи танзим ва доираи амали Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки ҳангоми бақайдгирии давлатии таъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ, қатъ намудани фаъолияти онҳо, бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ ва қатъ намудани фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, пешбурд ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба миён меоянд, танзим менамояд.

2. Амали Қонуни мазкур нисбати мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки шахси ҳуқуқӣ буда, тартиби таъсис додан ва фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, татбиқ намегардад.

3. Тартиби бақайдгирии давлатии ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо ва иттиҳодияҳои динӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 912).

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (минбаъд-бақайдгирии давлатӣ) - амали мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (минбаъд - мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ) дар хусуси ба расмият даровардани воқеияти ҳуқуқии таъсисёбӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ ва қатъ намудани фаъолияти онҳо (минбаъд - соҳибкорони инфиродӣ), таъсисёбӣ ва қатъ намудани фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин ворид намудани маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

- Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (минбаъд - Феҳристи ягонаи давлатӣ) - махзани ягонаи давлатии иттилоотӣ дар бораи шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳо ва

намояндагиҳои онҳо, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ;

- ҳуҷҷате, ки бақайдгирии давлатиро тасдиқ менамояд - ҳуҷҷати аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ додашуда (Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ё Патент барои ҳуқуқи амалигардонии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ё Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ва (ё) иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ), ки аз далели таъсисёбӣ, азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, оғозёбӣ ё қатъ намудани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, таъсисёбӣ ё қатъ намудани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва ворид намудани маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ шаҳодат медиҳад (Конун аз 29.12.2010 № 669);

- рақами ягонаи мушаххас - рамзи ягонаи рақамӣ, ки ба рақами мушаххаси андозсупоранда асос ёфта, такрорнашаванда мебошад ва ҳангоми бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ба шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфородӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дода шуда, барои мушаххасгардонии онҳо хизмат мекунад (Конун аз 29.12.2010 № 669);

- аризадиҳанда - шахсе, ки ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ бо аризаи хаттӣ барои бақайдгирии давлатӣ мурочиат намудааст;

- қонунигардонии (легализатсияи) ҳуҷҷатҳо – тасдиққунии мутобиқати ҳуҷҷатҳо ба қонунгузории давлатӣ баромади онҳо, ифодаи аслӣ будани имзо ва дар ҳолатҳои зарурӣ мӯҳр дар ҳуҷҷатҳо ва санадҳо бо мақсади истифода бурдани онҳо дар дигар давлат.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Бақайдгирии давлатӣ мувофиқи принсипи "равзанаи ягона"**

1. Бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ мувофиқи принсипи "равзанаи ягона" бе гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида амалӣ гардонида мешавад.

2. Бақайдгирии давлатӣ мувофиқи принсипи "равзанаи ягона" мазмуни зеринро дорад:

1) барои бақайдгирии давлатӣ аризадиҳанда ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкурро танҳо ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ аз рӯи маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ (маҳалли зисти роҳбари шахси ҳуқуқӣ), маҳалли зисти (фаъолияти) соҳибкори инфиродӣ, маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ (маҳалли зисти роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ) пешниҳод менамояд. Барои дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ва пуррагии маълумоти дар онҳо инъикосёфта аризадиҳанда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро ба зимма дорад;

2) мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ маълумотро дар бораи шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷиро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намуда, дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи қайди баҳисобгирии андоз, омор ва суғуртаи иҷтимоии давлатиро медиҳад. Бақайдгирии давлатӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ бақайдгирии яквақтаро дар мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ, мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи -иҷтимоии давлатиро дар назар дорад (Конун аз 29.12.2010 № 669).

3) ҳангоми бақайдгирӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ ба субъектҳо Рақами ягонаи мушаххас дода мешавад, ки барои ҳар як шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ такрорнашаванда мебошад (Конун аз 29.12.2010 № 669).

3. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ:

1) пас аз қабули ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дар муддати то се рӯзи корӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва дар муддати як рӯзи корӣ нисбат ба соҳибкорони инфиродӣ маълумотро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид менамоянд;

2) пас аз иҷрои амалҳои дар банди 1) қисми мазкур пешбинишуда, ин маълумотро дар шакли электронӣ барои гузаронидани қайди дохилии баҳисобгирӣ ба мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатӣ мефиристанд ва ба

мақомоти номбаршуда дастрасии онро таъмин менамоянд (Конун аз 29.12.2010 № 669).

4. Мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатӣ аз рӯи маълумоти гирифташуда дар муддати на дертар аз як рӯзи корӣ қайди дохилии баҳисобгирии шахси ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкори инфиродиро анҷом дода, маълумотро доир ба шахси мазкур (бо тасдиқи ба қайди дохилӣ гирифтан) дар шакли электронӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ бозпас мефиристанд (Қонун аз 29.12.2010 № 669).

5. Рақами ягонаи мушаххас танҳо як маротиба ҳангоми бақайдгирии аввалия дода мешавад, дар тамоми давраи фаъолият бояд тағйир наёбад ва дар мавриди бекор гардидани бақайдгирии субъекти мушаххас ба субъекти дигар дода нашавад.

6. Субъектҳои бақайдгирифташуда ӯҳдоранд Рақами ягонаи мушаххаси худро дар мукотибаи худ бо шахсони сеюм нишон диҳанд.

7. Мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳангоми додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ онҳоро дар бораи ӯҳдадории пешниҳод намудани ҳисоботи давлатии муқаррааргардида ба мақомоти давлатии омор, суғуртаи иҷтимоии давлатӣ бо роҳи қайд намудани ин ӯҳдадорӣ дар ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ хабардор мекунад.

8. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ барои кушодани суратҳисобҳо дар ташкилотҳои бонкӣ, инчунин барои тайёр намудани мӯҳр ва тамғаи шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ асос мебошад.

9. Талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ бо мақсади бақайдгирии давлатӣ, дода шудани Рақами ягонаи мушаххас, рақами мушаххаси суғуртавӣ ва рамзҳои оморӣ, ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур манъ аст.

10. Қоидаҳои гузаронидани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 5. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ва ваколатҳои он**

Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

1. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

1) пешбурди сиёсати ягонаро дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ таъмин менамоянд;

2) Пешбурди Феҳристи ягонаи давлатиро амалӣ месозад ва дастрас будани маълумоти онро таъмин менамоянд;

3) шакли аризаҳоро барои бақайдгирии давлатӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ, инчунин шакли ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷиро муқаррар менамоянд;

4) маълумотро дар бораи шахсони ҳуқуқии ба қайдгирифташуда, аз нав ташкилгардида ва барҳамдодашуда, соҳибкорони инфиродии ба қайдгирифташуда ва фаъолияташон қатъгардида, намояндагиҳои таъсисдодашуда ва фаъолияти худро қатъnамудаи шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, тағйир ёфтани маълумоти ба Феҳристи ягонаи давлатӣ воридгардидаро дар сомонаи расмии худ ҷойгир намуда, онро мунтазам нав мегардонанд;

5) ваколатҳои дигарро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

2. Мақомоти андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

1) бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷиро амалӣ менамоянд ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатиро медиҳанд;

2) маълумотро дар бораи бақайдгирии давлатӣ ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид менамоянд;

3) ба Феҳристи ягонаи давлатӣ тағйиру иловаҳо ворид менамоянд;

4) нусха ва маълумотномаро аз Феҳристи ягонаи давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур медиҳанд;

5) ваколатҳои дигари пешбининамудаи Қонуни мазкурро амалӣ менамоянд.

**Моддаи 6. Боҷи давлатӣ ва пардохт барои амалҳои бақайдгирии давлатӣ**

1. Боҷи давлатӣ барои амалҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" ситонида мешавад.

.

**Моддаи 7. Пешбурди Феҳристи ягонаи давлатӣ**

1. Феҳристи ягонаи давлатӣ дорои маълумот дар бораи шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷии бақайдгирифташуда, инчунин дигар маълумоти пешбининамудаи Қонуни мазкур мебошад.

2. Тартиби гирифтан ва пешниҳод намудани маълумотро аз Феҳристи ягонаи давлатӣ Қонуни мазкур муайян менамояд.

3. Феҳристи ягонаи давлатӣ дар ҳомили электронӣ (магнитӣ) ва ҳомили коғазӣ пеш бурда мешавад. Дар ҳолати ба ҳам мувофиқат накардани маълумоти Феҳристи ягонаи давлатӣ дар ҳомили электронӣ ва коғазӣ маълумоти дар воситаи ҳомили коғазӣ мавҷудбуда ҳамчун асос ҳисобида мешавад.

4. Пешбурди Феҳристи ягонаи давлатӣ ба воситаи ҳомили электронӣ тибқи принсипҳои ягонаи ташкилӣ, якшаклӣ, эътиборнокӣ, ошкорой, методологӣ ва барномавию-техникӣ, ки ҳамбастагии Феҳристи ягонаи давлатиро бо системаҳои дигар ва шабакаҳои иттилоотии давлатӣ таъмин менамояд, анҷом дода мешавад.

5. Қоидаҳои пешбурди Феҳристи ягонаи давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

**Моддаи 8. Мазмуни Феҳристи ягонаи давлатӣ**

1. Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумоти зеринро дар бораи шахси ҳуқуқӣ дар бар мегирад:

1) шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ;

2) номи пурраи фирмавии (дар ҳолати мавҷуд будан, инчунин номи кӯтоҳи) шахси ҳуқуқӣ бо забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) маълумот дар бораи тағйирёбии номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ;

4) маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ (роҳбари шахси ҳуқуқӣ), маълумот дар бораи тағйир ёфтани он, маълумот барои тамос бо онҳо;

5) тарзи ташкилёбии шахси ҳуқуқӣ (таъсисёбӣ ё азнавташкилдиҳӣ);

6) санаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ;

7) маълумот дар бораи муассисон ва роҳбари шахси ҳуқуқӣ (номгӯи шахси ҳуқуқӣ ё маълумот аз ҳуҷҷате, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад);

8) маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, ки бо роҳи азнавташкилдиҳӣ таъсис ёфтааст (шакли азнавташкилдиҳӣ, санаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқие, ки бо роҳи азнавташкилдиҳӣ таъсис ёфтааст (дар мавриди мавҷуд будани чунин ҳолат);

9) маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои шахси ҳуқуқӣ (қарор дар бораи таъсис ё барҳам додани филиал ва намояндагӣ, маълумот аз ҳуҷҷате ки шахсияти роҳбари филиал ва намояндагиро тасдиқ мекунад, маълумот барои тамос бо он), маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) онҳо, санаи ворид намудани маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ;

10) маълумот дар бораи сармояи оинномавӣ;

11) маълумот оид ба қарор доштани шахси ҳуқуқӣ дар ҷараёни барҳамдиҳӣ;

12) маълумот дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ;

13) намуди (намудҳои) асосии фаъолияте, ки шахси ҳуқуқӣ нияти амалӣ кардани онро (онҳоро) дорад.

2. Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи соҳибкорони инфиродӣ маълумоти зеринро дар бар мегирад:

1) насаб, ном, номи падар ва ҷинсияти соҳибкори инфиродӣ (Қонун аз 29.12.2010 № 669);

2) маълумот аз ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти шахси воқеӣ;

3) суроғаи ҷойи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (суроғае, ки дар он ҷой соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст), суроғаи ҷойи истиқомати муваққатӣ ва маҳалли анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ (Қонун аз 29.12.2010 № 669);

4) шаҳрвандии соҳибкори инфиродӣ;

5) маълумот дар бораи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст (раводид, варақаи бақайдгирӣ, гувоҳномаи иқомат (маҳалли зист) ва мӯҳлати эътибори он (Қонун аз 29.12.2010 № 669);

6) санаи бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ;

7) маълумот дар бораи он, ки соҳибкори инфиродӣ дар ҷараёни қатъ гардидани фаъолияти худ ё муфлисшавӣ қарор дорад;

8) маълумот оид ба намудҳои фаъолияти асосие, ки дар асоси аризаи худ соҳибкори инфиродӣ мақсади амалигардонии онҳоро дорад;

9) асосҳои қатъ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ (тибқи ариза ё дигар асосҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд) (Қонун аз 29.12.2010 № 669);

10) намуди ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ (Қонун аз 29.12.2010 № 669).

3. Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумоти зеринро дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар бар мегирад:

1) шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон филиал ё намояндагӣ таъсис додааст;

2) номи пурраи фирмавии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки филиал ё намояндагӣ таъсис додааст;

3) маълумот дар бораи тағйирёбии номи фирмавии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки филиал ё намояндагӣ таъсис додааст;

4) маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқии хориҷие, ки филиал ё намояндагӣ таъсис додаст, инчунин маълумот дар бораи тағйир ёфтани он;

5) маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6) маълумот дар бораи роҳбари филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ (маълумот аз ҳуҷҷате, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад, маълумот барои тамос);

7) маълумот дар бораи дар марҳилаи қатъ гардидани фаъолият қарор доштани филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ;

8) маълумот дар бораи қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ;

9) намуди (намудҳои) асосии фаъолияте, ки филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ нияти амалӣ кардани онро (онҳоро) дорад.

**Моддаи 9. Пешниҳоди маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ**

1. Маълумоти дар Феҳристи ягонаи давлатӣ мавҷудбуда ошкоро ва дастраси умум мебошад.

2. Маълумотро аз Феҳристи ягонаи давлатӣ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати як рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани дархости хаттӣ пешниҳод менамоянд.

3. Маълумот дар бораи маҳалли истиқомат ва маълумот дар бораи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти роҳбари шахси ҳуқуқӣ ва муассиси шахси ҳуқуқӣ, инчунин маълумот дар бораи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти соҳибкори инфиродӣ, ба истиснои маҳалли зисти ӯ махфӣ мебошанд.

4. Рад намудани додани маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, ба истиснои маълумоти пешбининамудаи қисми 3 моддаи мазкур роҳ дода намешавад.

5. Маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ дар шакли иқтибос ё маълумот дар бораи мавҷуд набудани маълумоти дархостгардида пешниҳод карда мешаванд.

6. Бо тартиби пешбининамудаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ иқтибосро аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣо аз рӯи парвандаҳои дар истеҳсолоти онҳо мавҷудбуда ройгон пешниҳод менамоянд.

## БОБИ 2. БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ТАЪСИСЁБИИ ШАХСИ ҲУҚУҚӢ

**Моддаи 10. Тартиби бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ**

1. Бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки номгӯи онҳоро моддаи 11 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, бо додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонанд.

2. Агар пас аз ба охир расидани панҷ рӯзи корӣ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ қарорро дар бораи бақайдгирии давлатӣ ё рад кардани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ қабул накарда бошад ва ё ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқиро надода бошанд, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ӯҳдадоранд фавран пас аз гузаштани мӯҳлати дар боло нишондодашуда ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро дар бораи таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ворид созанд ва ба аризадиҳанда дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ Шаҳодатнома диҳанд ё онро ба суроғаи дар ариза нишондодашуда фиристанд.

3. Ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ муассисони шахси ҳуқуқӣ ё шахсони ваколатдори онҳо пешниҳод карда метавонанд.

Шахсони ваколатдор инҳо буда метавонанд:

1) роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ, ки ваколатҳои ӯро қарори муассисон дар бораи таъйин намудани ӯ тасдиқ мекунад;

2) шахси дигаре, ки аз номи муассисони шахси ҳуқуқӣ дар асоси ваколатнома баромад мекунад.

**Моддаи 11. Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ**

1. Барои амалигардонии бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) ариза барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ. Дар ариза маълумоти зерин нишон дода мешавад:

а) шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ;

б) номи пурраи (дар ҳолати мавҷуд будан, инчунин номи кӯтоҳи) фирмавии шахси ҳуқуқӣ бо забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ;

г) тарзи ташкилёбии шахси ҳуқуқӣ (таъсисёбӣ ё азнавташкилдиҳӣ);

д) маълумот дар бораи муассис (муассисон) ва роҳбари шахси ҳуқуқӣ (номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ, насаб, ном ва номи падари шахси воқеӣ, маҳалли ҷойгиршавии шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, маълумот барои тамос);

е) намуди (намудҳои) асосии фаъолияте, ки шахси ҳуқуқӣ нияти анҷом додани онро (онҳоро) дорад;

ж) санаи пешниҳод гардидани ариза ва имзои аризадиҳанда.

2) қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ. Қарор дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби муассис (муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ имзо карда мешавад;

3) нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда дар сурати аз ҷониби роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда пешниҳод гардидани ҳуҷҷат ё нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва ваколатнома ба номи шахси ваколатдор дар сурати аз ҷониби шахси ваколатдори муассисон пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;

4) нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти ҳар як муассиси (шахси воқеии) шахси ҳуқуқии таъсисёбанда ва маълумотномаи мақомоти андоз нисбат ба муассис - шахси ҳуқуқӣ доир ба надоштани қарзи андоз (Конун аз 29.12.2010 № 669);

5) дар ҳолати таъсис додани шахси ҳуқуқӣ дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ маълумотномаи маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ (Конун аз 29.12.2010 № 669);

6) иқтибоси ҳуҷҷат дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё нусха аз феҳристи шахсони ҳуқуқии давлати хориҷӣ (ё дигар ҳуҷҷати дигари аз рӯи қувваи ҳуқуқиаш ба он баробар, ки мақоми шахси ҳуқуқии хориҷиро исбот менамояд), дар сурате, ки агар муассис шахси ҳуқуқии хориҷӣ бошад;

7) хулосаи мақомоти дахлдор дар мавриди бақайдгирии воситаҳои ахбори омма;

8) пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ.

9) нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқии таъсисёбанда.

2. Ҳуҷҷатҳои иловагии пешниҳодшаванда барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии бо роҳи азнавташкилдиҳӣ таъсисёфта инҳо мебошанд:

1) қарори мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ дар бораи азнавташкилдиҳӣ бо ҳатман нишон додани шакли азнавташкилдиҳӣ;

2) санади (акти) супурдан ё баланси тақсимот вобаста аз шакли азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ.

3) хулосаи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми якуми моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол".

3. Барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намудани Оинномаи шахси ҳуқуқӣ талаб карда намешавад.

4. Барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ташаккулёбии сармояи оинномавӣ талаб карда намешавад. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи ташаккулёбии сармояи оинномавӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад. Дар ҳолати ташкил надодани ҳадди ақали ҳаҷми сармояи оинномавӣ шахси ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ доранд бо талаби барҳам додани чунин шахси ҳуқуқӣ ба суд муроҷиат кунанд.

5. Ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 2), 3), 4), ва 6) қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҷума карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои дар банди 5) қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд бо тартиби муқарраргардида қонунӣ (легализатсия) гардонида шаванд.

6. Тарҷумаи ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 2), 3), 4) ва 6) қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шаванд.

7. Қонунигардонии (легализатсияи) ҳуҷҷатҳое, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷии мамлакатҳои иштирокчии шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии дахлдори эътирофнамудаи Тоҷикистон пешниҳод мегарданд, талаб карда намешавад.

8. Бақайдгирии давлатӣ дар асоси пурра пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки Қонуни мазкур муқаррар намудааст, анҷом дода мешавад.

Талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ манъ аст.

9. Барои бақайдгирии давлатӣ аризадиҳанда ҳуҷҷатҳоро шахсан пешниҳод менамояд.

10. Ба аризадиҳанда оид ба гирифтани ҳуҷҷатҳо бо нишон додани номгӯй ва санаи қабули онҳо аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ забонхат дода мешавад.

**Моддаи 12. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ**

1. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамзамон, дар ин Шаҳодатнома бояд нишондод оид ба зарурати пешниҳод намудани ҳисоботи дахлдори оморӣ ва ҳисобот оид ба суғуртаи иҷтимоӣ ба мақомоти дахлдор мавҷуд бошад.

2. Дар ҳолати гум кардани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ муассиси (муассисон) шахси ҳуқуқӣ ё шахсони дигари ваколатдори шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ оид ба гирифтани нусхаи (дубликати) он мурочиат намоянд, ки он дар муддати ду рӯзи кори аз лаҳзаи гирифтани аризаи дахлдор дода мешавад. Ба ариза эълон дар бораи аз эътибор соқит донистани Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, ки дар яке аз воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ нашр гардидааст, замима карда мешавад.

## БОБИ 3. БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ШАХСИ ҲУКУҚИЕ, КИ БО РОҲИ АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ТАЪСИС ЁФТААСТ

**Моддаи 13. Тартиби бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқие, ки бо роҳи азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфтааст**

1. Бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқие, ки бо роҳи азнавташкилдиҳӣ таъсис ёфтааст, бо тартиби пешбининамудаи боби 2 Қонуни мазкур амалӣ гардонида мешавад.

2. Азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ пас аз ворид намудани тағйироти дахлдор ба Феҳристи ягонаи давлатӣ барои шахсони сеюм эътибор пайдо мекунад (Конун аз 29.12.2010 № 669).

**Моддаи 14. Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли муттаҳидшавӣ**

1. Ҳангоми муттаҳидшавии ду ё зиёда шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳар яки онҳо ба шахси ҳуқуқии навтаъсис гузашта, фаъолияти шахсони ҳуқуқии муттаҳидгардида бо минбаъд ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ оид ба ин қатъшавӣ, қатъ мегардад.

2. Шахси ҳуқуқии навтаъсис бояд аз бақайдгирии давлатӣ гузарад.

**Моддаи 15. Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли ҷудо кардан**

1. Ҳангоми аз ҳайати шахси ҳуқуқӣ ҷудо кардани як ё якчанд шахси ҳуқуқӣ шахсони ҳуқуқии нав таъсис меёбанд, вале шахси ҳуқуқии аввал мавҷудияти худро давом медиҳад.

2. Шахсони ҳуқуқии ҷудошуда бояд аз бақайдгирии давлатӣ гузаранд.

**Моддаи 16. Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли ҳамроҳкунӣ**

1. Дар сурати ҳамроҳкунии як ё якчанд шахси ҳуқуқӣ ба шахси ҳуқуқии дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахсони ҳуқуқии ҳамроҳшуда ба шахси охирон гузашта, ҳамзамон шахсони ҳуқуқии ҳамроҳшуда мавҷудияти худро қатъ мекунанд.

2. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ маълумотро оид ба қатъ гардидани мавҷудияти шахсони ҳуқуқии ҳамроҳшуда ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид менамоянд.

**Моддаи 17. Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли тақсимшавӣ**

1. Ҳангоми тақсимшавии шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои он ба шахсони ҳуқуқии навтаъсис мегузарад, ҳамзамон шахси ҳуқуқии тақсимгардида мавҷудияти худро қатъ намуда, ду ва ё зиёда шахсони ҳуқуқии нав таъсис меёбанд.

2. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ маълумотро оид ба қатъ гардидани мавҷудияти шахси ҳукуқие, ки ба ду ё зиёда шахсони ҳуқуқӣ тақсим карда шудааст, ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намуда, бақайдгирии давлатии ду ва ё зиёда шахсони нави ҳуқуқии дар натиҷаи тақсимкунии шахси ҳуқуқи таъсисёфтаро анҷом медиҳад.

**Моддаи 18. Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли табдилдиҳӣ**

Ҳангоми аз як шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба шакли дигари ташкилию ҳуқуқии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил додани шахси ҳуқуқӣ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро оид ба тағйир ёфтани шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ, ки дар ариза нишон дода шудааст, ворид менамояд.

## БОБИ 4. БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ БАРҲАМДИҲИИ ШАХСИ ҲУҚУҚӢ

**Моддаи 19. Тартиби бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ**

1. Бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар асоси қарори муассис (муассисон) ё мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ ё дар асоси қарори суд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, пас аз иҷрои расмиёти барҳамдиҳии шахси ҳуқуқии дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида анҷом дода мешавад.

2. Муассис (муассисон) ва мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ ё суд, ки қарор дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқиро қабул намудаанд, ӯҳдадоранд, ки дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи қабул гардидани қарор мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатиро дар бораи қабул гардидани чунин қарор бо замимаи қарор дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ огоҳ намоянд.

3. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар асоси огоҳинома оид ба қабули қарор дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро оид ба дар марҳилаи барҳамдиҳӣ қарор доштани шахси ҳуқуқӣ ворид менамоянд.

4. Бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи моддаи 20 Қонуни мазкур амалӣ гардонида мешавад.

5. Барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ баитмомрасида ва шахси ҳуқуқӣ фаъолияти худро қатъ намуда танҳо баъд аз ворид намудани маълумот дар ин хусус ба Феҳристи ягонаи давлатӣ эътироф гардида, бо додани иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 20. Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои анҷом додани бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ**

1. Барои анҷомдиҳии бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) ариза дар бораи бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ. Дар ариза тасдиқ карда мешавад, ки расмиёти муқаррарнамудаи қонун оид ба барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ риоя шуда, ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторони он ба итмом расонида шудааст;

2) тавозуни барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи натиҷаи кори комиссияи барҳамдиҳӣ, ки онро муассиси (муассисони) шахси ҳуқуқӣ ё мақомоти дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ қарорқабулкарда тасдиқ кардааст;

3) санад оид ба санҷиши маҷмӯии андоз, ки надоштани қарзи андозро тасдиқ менамояд (Қонун аз 29.12.2010 № 669);

4) Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда;

5) нусхаи эълон дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, ки дар яке аз воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ нашр гардидааст;

6) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба супоридани мӯҳрҳо (тамғаҳо) ва баста шудани ҳисобҳои бонкӣ;

7) пардохтномаи (квитансия) пардохти боҷи давлатӣ.

2. Ҳуҷҷатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида, ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пас аз ба охир расидани ҷараёни барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешаванд.

3. Ҳангоми барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар ҳолати татбиқ намудани расмиёти муфлисшавӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ таъйиноти суд дар бораи ба охир расидани истеҳсолоти озмунӣ пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 20(1). Барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ва қатъ намудани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар асоси аризаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ (Қонун аз 29.12.2010 № 669)**

Дар ҳолати дар мӯҳлати зиёда аз шаш моҳи пай дар пай бо тартиби муқарраргардида пешниҳод накардани ҳисоботи андоз (омор ё суғуртаи иҷтимоии давлатӣ), ё пардохт накардани андозҳои муқарраршуда, ё сари вақт тағйир надодани маълумот дар Феҳристи ягонаи давлатӣ оид ба маҳалли ҷойгиршавӣ (суроға) мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ метавонанд барои барҳам додани шахси ҳуқуқӣ, қатъ намудани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ё соҳибкори инфиродӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд бо ариза муроҷиат намоянд (Қонун аз 29.12.2010 № 669).

## БОБИ 5. БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ШАХСИ ВОҚЕӢ БА СИФАТИ СОҲИБКОРИ ИНФИРОДӢ ВА ҚАТЪ ГАШТАНИ ФАЪОЛИЯТИ ШАХСИ ВОҚЕӢ БА СИФАТИ СОҲИБКОРИ ИНФИРОДӢ

**Моддаи 21. Тартиби бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ**

1. Бақайдгирии давлатии шахси воқеиро ба сифати соҳибкори инфиродӣ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дар моддаи 22 Қонуни мазкур нишондодашуда амалӣ мегардонанд.

2. Бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ҳангоми гирифтани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ӯ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ё ҳангоми гирифтани Патент барои ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар маҳалли анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкории чунин шахс амалӣ мешавад (Конун аз 29.12.2010 № 669).

3. Агар пас аз ба охир расидани мӯҳлати дар қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ Қарорро дар бораи бақайдгирии давлатӣ ё рад кардани бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ қабул накарда бошад, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ӯҳдадор аст, бе таъхир пас аз гузаштани мӯҳлати дар боло нишондодашуда ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро дар бораи шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ворид созад ва ба аризадиҳанда ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси воқеиро ба сифати соҳибкори инфиродӣ диҳад ё онро ба суроғаи дар ариза нишондодашуда фиристад.

4. Бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ роҳ дода намешавад, агар бақайдгирии давлатии амалкунандаи ӯ ба ин сифат, ба истиснои ҳолати пешбининамудаи қисми 1 моддаи 35 Қонуни мазкур, эътиборашро гум накарда бошад ё аз рӯзи қабул намудани қарори суд оид ба муфлисшавии ӯ дар натиҷаи қонеъ гардонида натавонистани талаботи кредиторон, ки ба фаъолияти пештари соҳибкории ӯ вобаста мебошад, мӯҳлат нагузаштааст ё мӯҳлате, ки бо санади суд ба ӯ ҳуқуқи ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан манъ гардидааст, ба охир нарасидааст.

**Моддаи 22. Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ**

Барои амалӣ гардонидани бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) ариза барои бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ. Дар ариза маълумоти зерин нишон дода мешавад:

а) ному насаби шахси воқеӣ;

б) суроғаи ҷойи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (суроғае, ки дар он ҷой шахси воқеӣ ба қайд гирифта шудааст), суроғаи ҷойи истиқомати муваққатӣ ва маҳалли анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, маълумот барои тамос бо шахси воқеӣ (Конун аз 29.12.2010 № 669);

в) рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахси воқеӣ;

г) намуди (намудҳои) асосии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки шахси воқеӣ хоҳиши анҷом додани онро (онҳоро) дорад;

д) санаи пешниҳод гардидани ариза ва имзои аризадиҳанда.

2) нусхаи ҳуҷҷате, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад, инчунин ду расми андозаи 4х6;

3) нусхаи сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин ё нусхаи қарор дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин дар ҳолати бақайдгирии хоҷагии деҳқонии (фермерии) фардӣ ё оилавӣ, рӯйхати аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), рақами мушаххаси андозсупоранда барои ҳар яки онҳо (Конун аз 29.12.2010 № 669);

4) нусхаи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст (раводид, варақаи бақайдгирӣ, иҷозатномаи иқомат);

5) пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ, ва (ё) пардохтномаи (квитансия)-и пешпардохти маблағи Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ барои шумораи муайяни моҳ (мӯҳлати амали Патент) - барои шахсоне, ки хоҳиши гирифтани Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродиро доранд (Конун аз 29.12.2010 № 669).

**Моддаи 23. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ**

1. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ва ё Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мебошанд.

2. Шахси воқеӣ метавонад фаъолияти соҳибкории инфиродиро дар асоси Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ тибқи рӯйхате, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад, амалӣ намояд.

3. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ҳуҷҷате мебошад, ки барои машғул шудан ба ҳама намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқ медиҳад, агар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

4. Шахси воқеӣ наметавонад дар як вақт ҳам соҳиби Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва ҳам соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бошад.

5. Дар ҳолати гум кардани Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ё Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқ дорад ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои гирифтани нусхаи (дубликати) он муроҷиат намояд. Нусхаи (дубликати) Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ё Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар асоси аризаи соҳибкори инфиродӣ дар муддати ду рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳоди ариза бо қайди "Нусха (дубликат)" дода мешавад. Ба ариза эълон дар бораи аз эътибор соқит донистани Шаҳодатнома ё Патенти гумшуда, ки дар яке аз воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ нашр гардидааст, замима мегардад.

**Моддаи 24. Асосҳои қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ**

Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо асосҳои зайл амалӣ мегардад:

1) аризаи соҳибкори инфиродӣ;

2) вафоти соҳибкори инфиродӣ;

3) қарори суд дар бораи муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ;

4) қарори суд дар бораи бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ;

5) қарори суд дар бораи қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ба таври маҷбурӣ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6) санади эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд дар бораи маҳрум намудан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ ба мӯҳлати муайян;

7) бекор кардани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи шахси хориҷӣ барои муваққатан ё доимӣ истиқомат намудан ва анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба охир расидани мӯҳлати чунин ҳуҷҷат.

**Моддаи 25. Тартиби бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ**

1. Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар маҳалли бақайдгирии давлатии ӯ дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ариза анҷом дода мешавад.

2. Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ пас аз ворид намудани сабт дар бораи он ба Феҳристи ягонаи давлатӣ қувваи худро гум мекунад ва бо иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

3. Соҳибкори инфиродие, ки фаъолияти худро тибқи Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ анҷом медиҳад, дар ҳолати пешбининамудаи банди 1) моддаи 24 Қонуни мазкур дар як вақт бо додани ариза дар бораи қатъ намудани фаъолияти соҳибкории худ бояд ба мақомоти андози маҳалли гирифтани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ эъломияи андоз, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи иҷрои ӯҳдадории андози ба фаъолияти соҳибкории ӯ вобастабуда, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи супоридани мӯҳрҳо ва маҳкам кардани суратҳисобҳои бонкиро пешниҳод намояд.

4. Аз ҷониби мақомоти андоз тариқи маълумотнома тасдиқ намудани мавҷуд набудани ӯҳдадории андози соҳибкори инфиродӣ (ки дар асоси Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ё Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ фаъолият намудааст) барои барасмиятдарории ҳуқуқии қатъ гардидани фаъолияти соҳибкории инфиродии ӯ асос мебошад. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии қатъ шудани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар ин ҳолат иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ мебошад.

5. Ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар қисмҳои 1 ва 3 моддаи мазкур пешбинигардида соҳибкори инфиродӣ, ки фаъолияти худро қатъ менамояд, бояд ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ асли Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ё Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродиро супорад, инчунин пардохтнома (квитансия) дар бораи пардохти боҷи давлатиро пешниҳод намояд.

6. Дар ҳолати қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар асоси қарори суд дар бораи муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ бақайдгирии давлатиро мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар асоси нусхаи қарори суд дар бораи муфлис

эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ворид, гардидааст, амалӣ менамояд.

7. Дар ҳолати қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар асоси қарори суд дар бораи бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ, инчунин дар асоси қарори суд дар бораи қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ба таври маҷбурӣ, бақайдгирии давлатиро мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати ду рӯзи корӣ аз рӯзи ворид гардидани нусхаи дахлдори қарори суд анҷом медиҳанд.

8. Дар ҳолати қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар асоси санади эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд дар бораи маҳрум намудан аз ҳуқуқи машғул шудан ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ба мӯҳлати муайян, бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ аз тарафи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати ду рӯзи корӣ аз рӯзи бо тартиби муқаррааргардида гирифтани маълумот дар бораи эътибори қонунӣ пайдо кардани ин ҳукми суд, анҷом медиҳанд.

9. Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродиро дар ҳолати вафоти ӯ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар асоси маълумоти ба ин мақомот тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии вафоти ин шахс воридгардида, анҷом медиҳанд.

10. Бақайдгирии давлатӣ ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ вобаста бо бекор кардани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи шахси хориҷӣ барои муваққатан ё доимӣ сукунат намудан дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба охир расидани мӯҳлати он, дар асоси маълумоти ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ тибқи тартиби муқаррааргардида воридгардида дар бораи бекор намудани чунин ҳуҷҷат ё ба охир расидани мӯҳлати амали он бо назардошти маълумоти дар Феҳристи ягонаи давлатӣ оид ба чунин мӯҳлат мавҷудбуда, анҷом дода мешавад.

## БОБИ 6. ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТӢ

**Моддаи 26. Асосҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ**

Асосҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ, тағйир ёфтани маълумот оид ба шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, ки дар моддаи 8 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, мебошанд.

**Моддаи 27. Тартиби ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо**

1. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ тағйиру иловаҳоро ба маълумоти дар Феҳристи ягонаи давлатӣ мавҷудбуда тибқи ариза дар шакли тасдиққардаи мақомоти ваколатдори андоз дар муддати ду рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани ариза ворид намуда, иқтибосро аз Феҳристи ягонаи давлатӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо дар асоси пешниҳоди пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ медиҳад (Конун аз 29.12.2010 № 669).

2. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ дар хусуси ба расмият даровардани таъсисёбӣ ва (ё) қатъ намудани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қисми 4 моддаи мазкур амалӣ карда мешавад (Конун аз 29.12.2010 № 669).

3. Муассисон, мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ӯҳдадоранд дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи қабул намудани қарор дар бораи тағйир ёфтани маълумоти дар моддаи 26 Қонуни мазкур нишондодашуда, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатиро ба таври хаттӣ хабардор созанд. Тағйиру иловаҳо пас аз ворид намудани онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ қувваи қонунӣ пайдо мекунанд.

4. Ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ вобаста ба таъсис додан ё қать намудани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси ҳуқуқӣ ба мақокоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд (Конун аз 29.12.2010 № 669):

1) ариза аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ, ки дорои маълумоти зерин мебошад:

а) шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ;

б) маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) филиал ё намояндагии таъсисдодашаванда ё қатъшавандаи шахси ҳуқуқӣ, маълумот барои тамос бо роҳбари он;

в) санаи додани ариза ва имзои аризадиҳанда;

2) қарор дар бораи таъсис додан ё қатъ намудани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ;

3) ҳангоми таъсис додани филиал ё намояндагӣ - нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ, ваколатномаи роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ дода шудааст;

4) ҳангоми қатъ намудани фаъолияти филиал ва (ё) намояндагӣ - ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда оид ба супоридани мӯҳрҳо (тамғаҳо) дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз - санади санҷиши хотимавӣ ва маълумотнома оид ба баста шудани суратҳисобҳои бонкӣ (Қонуни ҶТ аз 29.12.2010 № 669, аз 28.12.2012 № 912).5. Аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ, ки қисми 4 моддаи мазкур пешбинӣ накардаанд, манъ аст.

6. Ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ аз рӯи асосҳои пешбининамудаи моддаи 26 Қонуни мазкур ҳуҷҷати тасдиққунандаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ мебошад. Ҳангоми тағйир ёфтани шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ, инчунин насаб, ном ва номи падари соҳибкори инфиродӣ ҳуҷҷати тасдиққунандаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ҳуҷҷати нави тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ оид ба ворид намудани тағйирот мебошад.

## БОБИ 7. ХУСУСИЯТҲОИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ТАЪСИСЁБӢ, ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ФИЛИАЛҲО ВА НАМОЯНДАГИҲОИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚИИ ХОРИҶӢ, ИНЧУНИН ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА МАЪЛУМОТЕ, КИ ДАР ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТӢ ДАР БОРАИ ФИЛИАЛҲО ВА НАМОЯНДАГИҲОИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚИИ ХОРИҶӢ МАВҶУД АСТ

### Моддаи 28. Тартиби бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ

1. Бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷиро мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) филиал ё намояндагӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки номгӯи онҳоро моддаи 29 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, бо

дар худи ҳамин муддат додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии он амалӣ мегардонанд.

2. Агар дар мӯҳлати пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагиро иҷро накунад ё бақайдгирии давлатиро бо асосҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 34 Қонуни мазкур рад накарда бошанд, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ӯҳдадоранд фавран пас аз гузаштани мӯҳлати дар боло зикргардида ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро дар бораи таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ бе таъхир ворид намоянд ва ба аризадиҳанда Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ диҳад ё онро ба суроғаи дар ариза нишондодашуда фиристанд.

3. Ҳуқуқи супоридани ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷиро намояндагони ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ доранд.

**Моддаи 29. Ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳодшаванда**

1. Барои амалигардонии бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) ариза барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ. Дар ариза маълумоти зерин нишон дода мешавад:

а) шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки филиал ё намояндагӣ таъсис медиҳад;

б) номи фирмавии шахси ҳуқуқии хориҷӣ;

в) маҳали ҷойгиршавии (суроғаи) филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ;

г) маълумот дар бораи роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ (маълумот аз ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти шахси воқеӣ, маълумот барои тамос)

д) намудҳои асосии фаъолият, ки филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ нияти амалӣ гардонидани онро дорад;

е) санаи пешниҳод гардидани ариза ва имзои аризадиҳанда.

2) қарори мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар бораи таъсис додани филиал ё намояндагӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бораи таъин намудани роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки онҳоро шахсони ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ имзо кардаанд;

3) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар ҳолате, ки агар ҳуҷҷатҳоро роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод кунад; нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва ваколатнома ба номи шахси ваколатдор, агар аз ҷониби шахси ваколатдор ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардад;

4) ваколатнома ба номи роҳбари филиал ё намояндагӣ;

5) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ё дигар ҳуҷҷати бо қувваи қонуниаш ба он баробар, ки ҳолати ҳуқуқии ин шахсро тасдиқ мекунад;

6) пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ.

2. Ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 2), 3), 4) ва 5) қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҷума карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои дар банди 5) қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд бо тартиби муқарраргардида қонунӣ (легализатсия) гардонида шаванд. Тарҷумаи ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 2), 3), 4) ва 5) қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шавад.

3. Қонунигардонӣ (легализатсия) барои ҳуҷҷатҳое, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷии мамлакатҳои иштирокчии шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, талаб карда намешавад.

**Моддаи 30. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ**

1. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ мебошад.

2. Дар ҳолати гум кардани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ шахси ваколатдори филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ҳуқуқ дорад ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар бораи гирифтани нусхаи (дубликати) он муроҷиат намояд. Нусхаи (дубликати) Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии филиал ва

намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ бо нишондоди "Нусха (дубликат)" дар асоси аризаи шахси ваколатдор дар муддати ду рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани ариза дода мешавад. Ба ариза эълон дар бораи аз эътибор соқит донистани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии гумшуда, ки дар яке аз воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ нашр гардидааст, замима карда мешавад.

**Моддаи 31. Тартиби бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ**

1. Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар асоси қарори мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ ё дар асоси қарори суд бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад.

2. Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар маҳалли бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи моддаи 32 Қонуни мазкур амалӣ гардонида мешавад.

3. Шахси ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ ӯҳдадор аст, ки дар муддати ду рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабул намудани қарор дар бораи қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагӣ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатиро дар бораи қабул намудани чунин қарор ба тариқи хаттӣ огоҳ созад.

4. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар асоси огоҳномаи дар қисми 3 моддаи мазкур пешниҳодгардида ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро дар бораи он ки филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар марҳилаи қатъ гардидани фаъолияти худ қарор дорад, ворид месозад.

5. Шахси ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ ӯҳдадор аст, ки ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатии ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи моддаи 32 Қонуни мазкурро пешниҳод намояд.

6. Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз гузаштани на камтар аз ду моҳ аз рӯзи нашр намудани маълумот дар ин хусус дар яке аз воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ ба анҷом расонида мешавад.

7. Қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи ворид намудани маълумот дар ин хусус ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ба

итмомрасида ҳисоб ёфта, бо иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 32. Ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳодшаванда**

Барои амалигардонии бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) ариза дар бораи қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ;

2) қарори мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар бораи қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ бо нишон додани ҳайати комиссия дар бораи қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагӣ;

3) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба супоридани мӯҳр ва маҳкам карда шудани суратҳисобҳои бонкӣ;

4) қарори суд дар ҳолате, ки қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагӣ дар асоси қарори суд амалӣ гардонида мешавад;

5) ҳуҷҷате, ки аз ҷониби шахси ҳуқуқии хориҷӣ эътироф намудани қарзро дар назди кредиторон тасдиқ мекунад, ба истиснои ӯҳдадориҳои андоз;

6) ҳуҷҷате (санади санҷиши хотимавии андози филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ), ки адо намудани қарзро дар бораи пардохти андозе, ки дар робита ба фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст, тасдиқ мекунад;

7) нусхаи аслии Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсиси филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ;

8) пардохтнома (квитансия) дар бораи пардохти боҷи давлатӣ.

**Моддаи 33. Асосҳо ва тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба маълумот оид ба филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ**

1. Асосҳо барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ, ин тағйир ёфтани маълумот оид ба онҳо, ки дар моддаи 8 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, мебошанд.

2. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ба маълумоте, ки дар Феҳристи ягонаи давлатӣ мавҷуд мебошад, тағйиру иловаҳоро тибқи аризаи намояндаи ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷии дар

шакли аз ҷониби мақомоти ваколатдори андоз тасдиқгардида дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани ариза ворид менамояд.

3. Шахси ҳуқуқии хориҷӣ ё филиал ё намояндагии он ӯҳдадор аст, ки дар муддати на зиёда аз сӣ рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ба миён омадани асосҳои дар қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатиро ба таври хаттӣ огоҳ намояд. Тағйиру иловаҳо пас аз ворид намудани онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ қувваи қонунӣ пайдо мекунанд (Конун аз 29.12.2010 № 669).

4. Ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ аз рӯи асосҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ мебошад, агар тартиби дигар дар қисми 5 ҳамин модда пешбинӣ нашуда бошад.

5. Ҳангоми тағйир ёфтани шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва номи фирмавии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ҳуҷҷати нави тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ мебошад.

6. Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ҳамчун ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ оид ба ворид намудани маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар асоси пешниҳоди пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ дода мешавад.

## БОБИ 8. АСОСҲО БАРОИ РАД КАРДАНИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТӢ

### Моддаи 34. Асосҳо барои рад кардани бақайдгирии давлатӣ

1. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зерин бақайдгирии давлатиро рад намоянд:

1) агар ҳуҷҷатҳои бо мақсади бақайдгирии давлатӣ пешниҳодгардида ба талаботи муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накунанд;

2) агар номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накунад;

3) агар бо худи ҳамон ном дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқии дигар ба қайд гирифта шуда бошад.

4) агар муассиси шахси ҳуқуқии таъсисёбанда аз ҳисоби андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз буҷет қарздор бошад (Конун аз 29.12.2010 № 669);

5) агар шахси ҳуқуқӣ - муассиси шахси ҳуқуқии таъсисёбанда дар марҳилаи барҳамдиҳӣ қарор дошта бошад (Қонун аз 29.12.2010 № 669);

6) ҳангоми ҷой доштани баҳси судӣ байни муассисони шахси ҳуқуқӣ - тибқи муроҷиати хаттии онҳо (Қонун аз 29.12.2010 № 669).

7) Агар андозсупоранда ва (ё) шахси масъули андозсупоранда ҳамчун муассис ва (ё) роҳбари дигар шахси ҳуқуқие бошад, ки ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият дохил карда шудааст (Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 912).

2. Ҳангоми рад намудани бақайдгирии давлатӣ ба аризадиҳанда огоҳии хаттӣ дар хусуси рад намудан бо нишон додани сабаби радкунӣ фиристонида мешавад (супорида мешавад) ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи ӯ барои бартараф кардани номутобиқатии ошкоргардида баргардонида мешаванд. Нусхаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида дар мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ нигоҳ дошта мешаванд.

3. Рад намудани бақайдгирии давлатӣ, инчунин саркашӣ намудан аз бақайдгирии давлатӣ боиси ба суд шикоят намудан шуда метавонад.

## БОБИ 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 35. Муқаррароти интиқолӣ**

1. Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷии тибқи Қонуни мазкур бақайдгирифташаванда, ки то эътибор пайдо кардани Қонуни мазкур ба қайд гирифта шуда, фаъолияти худро давом дода истодаанд, ӯҳдадоранд, ки дар муддати як сол аз рӯзи мавриди амал қарор дода шудани Қонуни мазкур ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи моддаҳои 8, 11, 22 ва 29 Қонуни мазкурро барои ворид намудани маълумоти дахлдор ба Феҳристи ягонаи давлатӣ пешниҳод намоянд. Дар ин ҳолат ба чунин шахсони ҳуқуқӣ талаботи банди 2) қисми 1 моддаи 34 Қонуни мазкур татбиқ карда намешаванд.

2. Ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ки ба Феҳристи ягонаи давлатӣ тибқи қисми 1 моддаи мазкур ворид гардидаанд, ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ мувофиқи Қонуни мазкур дода мешавад.

3. Дар ҳолати иҷро нагардидани талаботи қисми 1 моддаи мазкур бақайдгирии давлатӣ аз рӯзи ба охир расидани мӯҳлати

пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур қувваи қонунии худро гум мекунад.

4. Анҷом додани фаъолият бе ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ тибқи қисми 1 моддаи мазкур соҳибкории ғайриқонунӣ ҳисоб гардида, шахсони дар қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

5. Ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ва додани ҳуҷҷати тасдиккунандаи бақайдгирии давлатӣ тибқи қисми 1 моддаи мазкур ройгон анҷом дода мешавад.

6. Дар давраи то таъсис додани системаи иттилоотии мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ, бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳо ё намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродиро мақомоти ҳудудии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии андоз, ки имкониятҳои дахлдори моддӣ доранд, тибқи рӯйхат ва ҳудуди аз ҷониби мақомоти ваколатдори андоз муайянгардида анҷом медиҳанд.

**Моддаи 36. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 37. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ"**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2003 "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №4, моддаи 135) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 38. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур аз 1 июли соли 2009 мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
19 майи соли 2009, № 508

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ »

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ дар мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, тартиби таъсис, барҳамдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва амали фаъолияти онро ба танзим медарорад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Худфаъолияти ҷамъиятӣ**

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон худфаъолияти ҷамъиятӣ эътироф карда шуда, аз тарафи аҳолии ҳудуди муайян масъалаҳои аҳамияти маҳалладошта ҳал карда мешаванд.

2. Худфаъолияти ҷамъиятӣ аз тарафи аҳолии маҳал, ки ҳудуди муайянро дар бар мегирад, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

Қонунгузории Чумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ", Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

1. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ иттиҳодияи ҷамъиятии ихтиёрии беузвияти шаҳрвандон буда, мақсади он ҳал намудани масъалаҳои гуногуни иҷтимоиест, ки дар ҷои зисти шаҳрвандон пайдо мешаванд.

2. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар ҳудуди кӯча, гузаргоҳ ва деҳа (минбаъд маҳалла) бо ташаббуси аксарияти сокинони онҳо, ки ба синни ҳаждаҳ расидаанд, таъсис дода мешавад ва барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти гурӯҳи аҳолӣ нигаронида шудааст, ки манфиати онҳо бо расидан ба мақсадҳои оинномавӣ ва татбиқи барномаҳои мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ алоқаманд аст.

3. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ мақомот ё ташкилоти болоии худро надорад ва чун қоида "шӯрои маҳалла", "кумитаи маҳалла", "кумитаи манзил" ва ба ин монанд номгузорӣ мешаванд.

4. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар ҳудуди деҳа ё шаҳраке (ҷамоат), ки ҷой гирифтааст, аз қайди баҳисобгирӣ мегузарад ва дар ин хусус дар Оинномаи он сабт карда мешавад.

Дар ҳудуди марзиву маъмурие, ки шаҳрак ва деҳа (ҷамоат) надорад, қайди баҳисобгирӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида мешавад.

5. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ метавонад ҳисоби бонкӣ, мӯҳр ва бланкаҳои худро дошта бошад.

6. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва бо ташкилотҳои байналмилалие, ки дар Тоҷикистон фаъолият доранд, оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ метавонад ҳамкорӣ намояд.

7. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ метавонад Шӯрои машваратӣ таъсис диҳад. Шӯрои машваратӣ дар ҳудуди на кам аз ду Шӯрои маҳалла таъсис дода мешавад. Ба ҳайати Шӯрои машваратӣ чун қоида мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ шомил шуда метавонанд.

**Моддаи 4. Муносибати мақомоти давлатӣ бо мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

1. Мақомоти давлатӣ барои ташкилу фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва дигар шароитҳоро муҳайё ва ба аҳолӣ дар амалӣ намудани ҳуқуқҳои онҳо дар худфаъолияти ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

2. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ба фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ҳуқуқи дахолат карданро надоранд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

## БОБИ 2. ТАРТИБИ ТАЪСИС, БАРМДИҲӢ, АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА СОХТОРИ МАҚОМОТИ ХУДФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ

**Моддаи 5. Сохтори мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва тартиби таъсиси он**

Сохтори мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ аз инҳо иборат мебошад:

- Маҷлиси умумии маҳалла - мақоми олии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, ки шаҳрвандон ба таври ихтиёрӣ дар он иштирок мекунанд. Маҷлиси умумии маҳалла ҳамон вақт гузаронида

мешавад, ки дар он аксарияти шумораи умумии иштирокчиён ҳозир бошанд;

- Шӯрои маҳалла (кумитаи маҳалла, кумитаи манзил ва ба ин монанд - минбаъд - Шӯрои маҳалла) - мақоми иҷроияи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ буда, ба он раис роҳбарӣ менамояд. Аъзои Шӯрои маҳалла аз тарафи Маҷлиси умумии маҳалла аз ҳисоби иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ бо аксарияти овози иштирокчиёни Маҷлиси умумии маҳалла интихоб ва озод карда мешаванд. Тартиби таъсис ва мӯҳлати ваколати Шӯрои маҳалла мутобиқи Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ муайян карда мешавад;

- Раис - роҳбари мақомоти иҷроияи худфаъолияти ҷамъиятӣ буда, аз тарафи Маҷлиси умумии маҳалла ба мӯҳлати муайян интихоб карда мешавад. Тартиби интихоб, озод кардан ва мӯҳлати ваколати раисро Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ муайян менамояд. Раис дар назди Маҷлиси умумии маҳалла ҳисоботдиҳанда мебошад ва ӯ метавонад бо ҷонибдории аксарияти шумораи умумии иштирокчиёни Маҷлиси умумии маҳалла пеш аз мӯҳлат бозхонда шавад;

- Комиссияи назорати молиявӣ - мақоми назоратии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ буда, ҳайати он аз шумораи иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ интихоб карда мешаванд ва дар назди Маҷлиси умумӣ ҳисоботдиҳанда мебошад. Тартиби таъсис ва мӯҳлати ваколати онро Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ муайян менамояд.

**Моддаи 6. Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ба тарики овоздиҳӣ қабул карда мешавад.

Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ҳамон вақт қабулгардида ҳисобида мешавад, ки ба ҷонибдории он аксарияти иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ овоз дода бошанд.

Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ба ғайр аз маълумоте, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" пешбинӣ менамояд, бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

-номи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва салоҳиятҳои он;

-ҳайат ва ҳудуди мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

-самтҳои фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

-ҳуқуқ ва ӯҳдориҳои иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

-тартиби қабул шудан ва баромадан (хориҷ шудан) аз ҳайати иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

-тартиби интихоб ва озод кардани роҳбари мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;
-ваколат ва вазифаҳои роҳбари мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;
-тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи мақомот;
-тартиби таъсису барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;
-мӯҳлати ваколати мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;
-тартиби қабули қарор дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ аз тарафи иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;
-маълумот оид ба асосҳои молиявии амалӣ намудани фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва ихтиёрдории моликияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;
-тартиби таҳия ва иҷрои сметаи даромад ва хароҷоти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;
-дигар маълумотҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд.

**Моддаи 7. Салоҳияти Маҷлиси умумии маҳалла**

Ба салоҳияти Маҷлиси умумии маҳалла дохил мешавад:
-қабули Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он;
-интихоб ва озод кардани роҳбари мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ - раис;
-интихоби аъзои Шӯрои маҳалла;
-интихоби Комиссияи назорати молиявӣ;
-таъсису барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;
-тасдиқ ва тағйири сметаи даромад ва хароҷоти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва назорати иҷрои он;
-шунидани ҳисоботи Шӯрои маҳалла оид ба фаъолияти он ва иҷрои сметаи даромад ва хароҷоти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ на камтар аз як маротиба дар як сол;
-қабули қарор оид ба маблағгузории ихтиёрии иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;
-тасдиқи миқдори маблағҳо, ки бо тартиби маблағгузории ихтиёрӣ аз тарафи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ муқаррар карда шудааст;
-додани розигӣ ба ихтиёрдории моликияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

-амалӣ намудани салоҳиятҳои дигаре, ки дар Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ муқаррар гардидаанд.

**Моддаи 8. Ваколати Шӯрои маҳалла**

Шӯрои маҳалла:

-сметаи даромад ва хароҷоти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятиро таҳия ва ба Маҷлиси умумии маҳалла пешниҳод менамояд;

-ба Маҷлиси умумии маҳалла оид ба сметаи даромад ва хароҷоти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ҳисобот медиҳад;

-ба Маҷлиси умумии маҳалла нақшаи идоракунии маҳалла, хароҷоти маъмурии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятро таҳия ва пешниҳод менамояд;

-ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба истифодаи маблағҳое, ки аз буҷети он гирифтааст, ҳисобот медиҳад;

-дар мувофиқа бо Маҷлиси умумии маҳалла оид ба ихтиёрдории молу мулки мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва таъсис додани ташкилотҳои тиҷоратие, ки фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ", Қонуни мазкур ва Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар доираи ваколати Шӯрои маҳалла амалӣ карда мешавад, қарор қабул менамояд;

-оид ба нигоҳдорӣ, ободонӣ ва ҳолатҳои санитарӣ-гигиении ҷойҳои истироҳатии маҳалла ва ҷойҳои истифодаи умум (боғҳо, гулгаштҳо, гардишгоҳҳо, обанборҳо, минтақаҳои истироҳатӣ ва дигар объектҳо) корҳоро ташкил менамояд;

-назоратро оид ба таъмини аҳолӣ бо нерӯи барқ, газ, оби нӯшокӣ ва дигар намудҳои хизмати маишӣ ташкил ва амалӣ менамояд;

-ба таъминоти моддӣ-техникии муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ, инчунин муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ саҳм мегирад ва мусоидат менамояд;

-ба аҳолӣ оид ба таъмини хизматрасонии наклиётӣ мусоидат мекунад;

-дар ҳимоя ва дастгирии шаҳрвандони аз назари иҷтимоӣ эҳтиёҷманд, ки дар ҳудуди мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ истиқомат мекунанд, саҳм мегирад;

-ҷои гузаронидани чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва маросимҳои миллиро дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян менамояд;

-ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷудо кардани қитъаи замин барои ҷои ҷамъиятии маҳалла муроҷиат менамояд;

-барои корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони ҷойҳои ҷамъиятӣ аз иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар асоси сметаи муайян маблағ ҷамъ мекунад;

-ба мақсади маблағгузорӣ барои корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони ҷойҳои ҷамъиятӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муроҷиат менамояд;

-оид ба имтиёзҳо барои ҷойҳои ҷамъиятӣ, ба монанди озод намудан аз пардохти андози замин ва дигар намудҳои андоз, истифода аз хизматҳои коммуналӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ муроҷиат менамояд;

-иҷрои маросимҳои диниву мазҳабиро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дин ва ташкилотҳои динӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

-расму оинҳои миллиро дар байни сокинони маҳалла тарғиб менамояд;

-идоракунии молу мулки мақомоти худфаъолияти ҷамъиятиро амалӣ менамояд;

-оид ба инкишофи соҳибкорӣ дар ҳудуди мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ мусоидат менамояд;

-оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ истиқомат мекунанд, мусоидат менамояд;

-ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар халли масъалаҳои хусусияти иҷтимоидоштаи маҳалли зист ёрӣ мерасонад.

**Моддаи 9. Ваколати раиси маҳалла**

Раиси маҳалла:

-ҷаласаҳои Маҷлиси умумӣ ва Шӯрои маҳалларо раисӣ мекунад;

-дар ташкил ва гузаронидани ҷашну маъракаҳо, чорабиниҳои фароғатию фарҳангӣ саҳм мегирад, риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро таъмин менамояд;

-вохӯриву суҳбатҳоро бо ходимони сиёсию давлатӣ, собиқадорони ҷангу меҳнат, олимону адибон, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилоят, шаҳр ва ноҳия ташкил менамояд;

-нақшаи маҳфилу шабнишиниҳои ҳунарӣ ва озмунҳоро тартиб медиҳад ва амалӣ менамояд;

-нақшаи мусобикаҳои оммавӣ - варзиширо тартиб медиҳад ва амалӣ менамояд;

-вохӯрии омузгорону мураббиёнро бо падару модарон ташкил менамояд;

-маросими даъват ва гусели даъватшудагони маҳалларо барои хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд;

-ба расонидани ёрии байторӣ, муҳофизати наботот ва корҳои санитарӣ-эпидемиологӣ дар ҳудуди мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ мусоидат менамояд;

-дигар ваколатҳоеро, ки Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ муайян намудааст, амалӣ мекунад.

**Моддаи 10. Ваколати Комиссияи назорати молиявӣ**

Комиссияи назорати молиявӣ:

-аз рӯи фаъолияти молиявии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ назорат мебарад;

-ихтиёрдорӣ ва истифодаи моликияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятиро барои иҷрои мақсадҳои оинномавӣ назорат мекунад;

-иҷрои мақсадноки сметаи даромад ва хароҷоти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятиро назорат мекунад;

-хароҷоти маъмурии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятиро назорат мекунад.

**Моддаи 11. Асосҳои қатъ гардидани фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

Фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

-қабули қарори Маҷлиси умумии маҳалла оид ба барҳамдиҳии ихтиёрии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ба тарики овоздиҳии ошкоро;

-қабули қарори суд оид ба ғайриқонунӣ донистани фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

-тағйир ёфтани вазъи ҳуқуқии маъмурии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

-амалӣ намудани фаъолияте, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф аст.

**Моддаи 12. Асосҳои қатъ гардидани ваколати Шӯрои маҳалла**

Ваколати Шӯрои маҳалла дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

-риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-анҷом ёфтани мӯҳлати ваколат;

-қабули қарори Маҷлиси умумии маҳалла оид ба қатъ гардидани ваколати Шӯрои маҳалла;

-ҳолатҳои дигаре, ки Қонуни мазкур ва Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ муқаррар намудааст.

**Моддаи 13. Асосҳои қатъ гардидани ваколати раис**

1. Ваколати раис ҳамчун роҳбари мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

-азнавинтихобкунӣ;

-мунтазам иҷро накардани ваколатҳои ба зиммаи ӯ вогузошташуда;

-нисбати ӯ мавриди амал қарор гирифтани ҳукми айбдоркунии судӣ;

-аризаи шахсӣ оид ба истеъфо;

-анҷом ёфтани мӯҳлати ваколат;

-вафот, эътироф шудани корношоямӣ, инчунин бо қарори суд бедарак ғоиб эътироф гардидани ӯ;

-иваз намудани ҷои истиқомати доимӣ (берун аз ҳудуди маҳалла), даъват ба хизмати ҳарбӣ, интихоб гардидан ба вазифаи интихобӣ, фаъолият дар хизмати давлатӣ.

2. Маҷлиси умумии маҳалла ҳангоми қатъ гардидани ваколати раис дар мӯҳлати понздаҳ рӯз раиси навро интихоб менамояд.

**Моддаи 14. Азнавташкилдиҳии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

Азнавташкилдиҳии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ бо қарори Маҷлиси умумии маҳалла амалӣ карда мешавад. Тартиби қабули қарорро Оинномаи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ муайян менамояд.

**Моддаи 15. Санадҳои мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

1. Маҷлиси умумии маҳалла дар доираи салоҳияти худ қарор қабул менамояд.

2. Шӯрои маҳалла дар доираи ваколатҳои худ қарор қабул менамояд.

3. Раис дар доираи ваколатҳои худ фармон медиҳад.

4. Санадҳои мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, ки берун аз доираи салоҳият ё ваколатҳои онҳо қабул карда шудаанд, бо эътирози прокурор боздошта мешаванд.

**Моддаи 16. Назорат ба фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

Назорат ба фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

## БОБИ 3. МОЛИКИЯТИ МАҚОМОТИ ХУДФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ

**Моддаи 17. Моликияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар моликияташ биноҳо, иморатҳо, таҷҳизот, асбобу анҷом, маблағ ва дигар молу мулк дошта метавонад, ки барои таъминоти моддии фаъолияти оинномавии ин мақомот заруранд.

**Моддаи 18. Манбаъҳои маблағгузории мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

1. Манбаъҳои маблағгузории мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ инҳо мебошанд:

-воситаҳое, ки аз маблағҳои буҷети мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дода шудаанд;

-даромадҳое, ки аз ҳисоби таъсис додани ташкилотҳои тиҷоратӣ гирифта мешаванд;

-маблаġе, ки аз ҳисоби байнихудии ихтиёрии иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ гирифта мешавад;

-хайрияҳо ва ҳадяҳои ихтиёрии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

-манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

2. Сметаи даромад ва хароҷоти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва ҳисоботи солонаи он аз тарафи Маҷлиси умумии маҳалла тасдиқ карда мешавад ва ба маълумоти иштирокчиёни мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ расонида мешавад.

## БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 19. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 20. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе
аз 5 январи соли 2008 № 347

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**«Дар бораи боҷи давлати »**

**(аз 28 феврали соли 2004, Қонун аз 26.12.2005 № 115, аз 22.12.2006 № 217, аз 18.06.2008 № 402, аз 31.12.2008 № 466, аз 26.03.2009 № 495, аз 12.01.2010 № 584, аз 12.01.2010 № 586, аз 29.12.2010 № 664)**
**(Иқтибосҳо)**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлати" тартиби аз шахсони воқеи ва ҳуқуқи ситонидани боҷи давлатиро муқаррар ва танзим менамояд.

**Моддаи 4. Андозаи боҷи давлати**

1. Оид ба парвандаҳое, ки Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барраси менамояд, боҷи давлати ба андозаи зерин ситонида мешавад:

1) аз дархости шахсони воқеи - ба андозаи яккаратаи ҳадди ақали музди меҳнат;

2) аз пешниҳоди мақомоти давлати, шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқи - ба андозаи даҳкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402).

2. Оид ба парвандаҳое, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барраси мешаванд, боҷи давлати ба андозаҳои зерин ситонида мешавад:

1) аз аризаҳои даъвогии дорои хусусияти молумулки аз рӯи нархи даъво:

то 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 3% аз нархи даъво (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402);

зиёда аз 50 то 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 2% аз нархи даъво (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402);

зиёда аз 100 то 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 0,7% аз нархи даъво (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402);

зиёда аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 0,5 % аз нархи даъво (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402);

2) аз аризаҳои даъвогии дорои хусусияти ғайримолумулкӣ, ки предмети онҳо нархгузори карда намешаванд:

барои шахсони воқеӣ - 5% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

барои шахсони ҳуқуқи - ба андозаи дукаратаи ҳадди ақали музди меҳнат;

3) аз аризаҳои даъвоги дар бораи озод намудани амвол аз ҳабс боӣ аз рӯи нархи даъво мутобиқи банди 1 ҳамин қисм муайян карда мешавад;

4) аз аризаҳои даъвогӣ оид ба баҳсҳои пеш аз шартномавӣ – ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402).

3. Аз аризаҳои даъвогӣ, ки ба судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, боҷи давлатӣ ба андозаҳои зерин ситонида мешавад:

1) аз аризаҳои даъвогии дорои хусусияти молумулкӣ - 2 % аз нархи даъво;

2) аз аризаҳои даъвогӣ оид ба баҳсҳое, ки ҳангоми бастан, тағйир додан ё бекор кардани шартномаҳо ба амал меоянд ва оид ба баҳсҳо дар бораи беэътибор донистани аҳдҳо - андозаи дукаратаи ҳадди ақали музди меҳнат;

3) аз аризаҳои даъвогӣ дар бораи (пурра ё қисман) беэътибор донистани санадҳои ҷайримеъёрии мақомоти давлатӣ:

барои шахсони воқеӣ - ба андозаи дукаратаи ҳадди ақали музди меҳнат;

барои шахсони ҳуқуқӣ - ба андозаи даҳкаратаи ҳадди ақали музди меҳнат;

4) аз аризаҳои даъвогии дигар, ки хусусияти молумулкӣ надоранд, аз ҷумла аз аризаҳо дар бораи эътирофи ҳуқуқ маҷбур намудан ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл - ба андозаи яккаратаи ҳадди ақали аѕалӣ музди меҳнат;

5) аз аризаҳо дар бораи муфлис эътироф гардидани шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ:

барои шахсони ҳуқуқӣ - ба андозаи даҳкаратаи ҳадди ақали музди меҳнат;

барои соҳибкорони инфиродӣ - ба андозаи яккаратаи ҳадди ақали музди меҳнат;

6) аз аризаҳо дар бораи муқаррар намудани далелҳое, ки аҳамияти ҳуқуқӣ доранд - ба андозаи секаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402);

7) аз аризаҳо дар бораи ба парванда ворид гардидани шахсони сеюм, ки нисбат ба предмети баҳс талаботи мустақили худро пешниҳод менамоянд, ки мутобиқи андозаи боҷи давлатӣ, ки барои аризаи даъвогии дорои хусусияти ғайримолумулкӣ пешбинӣ шудааст, нисбати баҳсҳои дорои хусусияти молумулкӣ - тибқи тартиби муқаррарнамудаи банди якуми ҳамин қисм, ки аз андозаи маблағи баҳсшаванда барои шахсони сеюм ҳисоб карда мешавад;

8) аз шикоятҳои кассатсионӣ ва назорати нисбати ҳалнома ва қарорҳои судӣ иқтисодӣ ва ҳамчунин нисбати таъинот дар бораи қатъ намудани истеҳсоли парванда, бе баррасӣ мондани даъво, дар бораи таъини ҷаримаҳои судӣ, рад кардан ва додани вараѕаи иҷро -

50 % аз андозаи боҷи давлатӣ, ки ҳангоми додани аризаи даъвогӣ ситонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 905).

4. Барои аризаи даъвогие, ки ҳамзамон дорои хусусияти молумулки ва ғайримолумулкӣ мебошад, дар як вақт боҷи давлати барои аризаи даъвогии дорои хусусияти молумулки ва ғайримолумулкӣ муқарраргардида ситонида мешавад.

5. Барои анҷом додани амалҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дар мақомоти андоз боҷи давлатӣ ба андозаи зерин ситонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 586):

1) барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии ташкилотҳои тиҷоратӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва самти фаъолият, ҳамчунин филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ - ба андозаи 25 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

2) барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва самти фаъолият - ба андозаи 7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

3) барои бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд - ба андозаи 2 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

4) барои бақайдгирии давлатии шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд - ба андозаи 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

5) барои бақайдгирии давлатии барҳамдиҳӣ ва (ё) қатъ намудани фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, қатъ намудани фаъолияти филиалҳо ва (ё) намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродӣ – ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирии таъсисёбии субъект пешбинӣ карда шудааст (Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 905);

6) барои додани нусхаи (дубликати) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ - ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирии таъсисёбии субъект пешбинӣ карда шудааст (Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 586, аз 28.12.2012 № 905).

6. Барои анҷом додани амалҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дар мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин боҷи давлатӣ ба андозаи зерин ситонида мешавад:

1) барои бақайдгирии давлатии ташкилотҳои динии ҷумҳуриявӣ - ба андозаи 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

2) барои бақайдгирии давлатии ташкилотҳои динии ноҳиявӣ ё шаҳрӣ - ба андозаи 25 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

3) барои азнавбақайдгирии ташкилотҳои динӣ ба андозаи 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Қонуни ҶТ аз 29.12.2010 № 664).

7. Барои анҷом додани амалҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти он боҷи

давлатӣ ба андозаи зерин ситонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 586):

1) барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ - ба андозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

2) барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ - ба андозаи 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

3) барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллӣ – ба андозаи 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

4) барои қайди баҳисобгирии филиалҳо ва намояндагиҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, филиал ва намояндагиҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии хориҷӣ - ба андозаи 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

5) барои додани шаҳодатнома дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (азнавбақайдгирӣ) нвобаста ба масоми онҳо ва филиалу намояндагиҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирӣ ситонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 29.12.2010 № 664);

6) барои бақайдгирии давлатии ҳизбҳои сиёсӣ - ба андозаи 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

7) барои додани нусхаи тасдиққардашудаи (дубликати) шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ - ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирии таъсисёбии субъект пешбинӣ карда шудааст;

8) барои додани иқтибос аз Феірист дар бораи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва қатъи фаъолияти филиалу намояндагиҳои онҳо-ба андозаи 50 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

9) барои додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии шартномаи гарав - ба андозаи 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

10) барои додани иқтибос аз Феҳристи амволи ба гарав гузошташуда - ба андозаи 50 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

11) барои бақайдгирии давлатии хабарномаҳои гарави амволи манқул-ба андозаи 5 фоиз аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Қонуни ҶТ аз 29.12.2010 № 664);

12) барои додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии созишномаҳои консессионӣ - ба андозаи 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 586). Қонуни мазкур пас аз интишори расми мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 28 феврали соли 2004 № 19
ш. Душанбе

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ »

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳо, тартиби ташкил, ҷойгиркунӣ, маблағгузорӣ ва иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатиро, ки аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқиашон амалӣ мегарданд, муқаррар мекунад.

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- фармоиши иҷтимоии давлатӣ - шакли ҳуқуқию иқтисодии иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ равона гардида, аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ, инчунин маблағи ҷалбшаванда бо роҳи бастани шартномаи байни фармоишгари иҷтимоии давлатӣ ва иҷрокунандаи он таъмин карда мешавад;

- эҳтиёҷоти иҷтимоии давлатӣ - талаботи объективие, ки дар барнома ва лоиҳаи иҷтимоии соҳаҳои илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳифзи табиат ва муҳити зист, сиёсати давлатии ҷавонон, кор бо занон, пойдории оила, мусоидат ба ҳалли масъалаҳои демографӣ, сиёсати гендерӣ, дастгирии дигар соҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ ифода ёфтааст;

- барномаи иҷтимоӣ - маҷмӯи тадбирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ ва нақшаи амалиёт, ки аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ, инчунин маблағи ҷалбшаванда барои ноил шудан ба мақсад дар соҳаҳои илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳифзи табиат ва муҳити зист, сиёсати давлатии ҷавонон, кор бо занон, пойдории оила, мусоидат ба ҳалли масъалаҳои демографӣ, сиёсати гендерӣ, дастгирии дигар соҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ равона карда мешаванд;

- лоиҳаи иҷтимоӣ - маҷмӯи тадбирҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои мушаххаси дорои аҳамияти иҷтимоӣ дар доираи барномаи иҷтимоӣ;

- фармоишгари иҷтимоии давлатӣ - мақоми ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои он, ки ба зиммаи онҳо ӯҳдадории иҷрои чораҳои марбут ба интихоби иҷрокунанда, аз ҷониби тарафҳо бастани шартнома, маблағгузорӣ ва назорати иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ вогузор шудааст.

- иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ, ки дар озмун ғолиб омада, бо фармоишгари иҷтимоии давлатӣ шартнома

бастааст ва ба зиммаи ӯ иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ вогузор шудааст;

- ҷойгиркунии фармоиши иҷтимоии давлатӣ - раванде, ки дар ҷараёни он фармоишгари иҷтимоии давлатӣ чораҳои марбут ба интихоби иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ, баста шудани шартнома аз ҷониби тарафҳоро иҷро намуда, масъалаи пешбинӣ намудани маблағгузории онро дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли оянда пешниҳод менамояд;

- озмун барои иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ (минбаъд-озмун) - тарзи интихоби иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ аз тарафи фармоишгар;

- шартнома оид ба иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ - шартномаест, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон байни фармоишгари иҷтимоии давлатӣ ва иҷрокунанда баста шуда, он ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти тарафҳоро барои иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ муайян менамояд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсади Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур барои таъмини самарабахш ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ва ҷалбшаванда, ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ, мусоидат баҳри беҳдошти вазъи зиндагии шаҳрвандон, инчунин ҷиҳати ба ин кор ҷалб намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқиашон ва табақаҳои васеи аҳолӣ равона карда мешавад.

2. Муносибатҳое, ки ҳангоми иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ ба миён омада, дар Қонуни мазкур пешбинӣ нагардидаанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

**Моддаи 4. Принсипҳои ташкил ва ҷойгиркунии фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

Фармоиши иҷтимоии давлатӣ дар асоси принсипҳои зерин ташкил ва ҷойгир карда мешавад:

- аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ шудани фармоиши иҷтимоии давлатӣ;

- самарабахшу мақсаднок ҷобаҷогузорӣ ва истифода намудани маблағи буҷети давлатӣ, инчунин маблағи ҷалбшаванда;

- афзалияти интихоби масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ;

- мувофиқати маблағгузории буҷетӣ бо манбаъҳои иловагии ғайрибуҷетӣ;

- ба тариқи озмун интихоб шудани иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ;

- дастрасии баробар ва озоди иттилоот барои иштирокчиёне, ки хоҳиши амалӣ намудани фармоиши иҷтимоии давлатиро доранд.

**Моддаи 5. Мақсад ва самтҳои амалӣ намудани фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

1. Мақсадҳои амалӣ намудани фармоиши иҷтимоии давлатӣ инҳоянд:

- қонеъ намудани эҳтиёҷоти иҷтимоии давлатӣ;

- ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ки аз доираи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ берун мондаанд ва ё ғайричашмдошт ба миён омадаанд;

- истифодаи воситаҳои иловагии меҳнатӣ ва захираҳои моддию молиявӣ барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ;

- андешидани чораҳои иловагӣ барои дастгирии вазъи иҷтимоии шаҳрвандон;

- саҳмгузорӣ бо мақсади беҳдошти вазъи зиндагии шаҳрвандон.

2. Фармоиши иҷтимоии давлатӣ дар самтҳои зерин амалӣ мешавад:

- илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ;

- тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

- тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ;

- ҳифзи табиат ва муҳити зист;

- таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ;

- кор бо занон, пойдории оила, мусоидат ба ҳалли масъалаҳои демографӣ ва сиёсати гендерӣ;

- ҳифзи ҳуқуқи модару кӯдак;

- дастгирии сиёсати давлатии ҷавонон;

- дастгирии олимони ҷавон дар амалӣ гардонидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- дастгирии иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, аз ҷумла беҳтар намудани вазъи моддии оилаҳои камбизоат, маъюбон, гурезагон, муҳоҷирон, ҳамчунин шахсоне, ки бо сабаби нуқсонҳои

ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва ҳолатҳои дигар ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро мустақилона амалӣ карда наметавонанд;

- омода намудани аҳолӣ барои бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ намудани онҳо ва кӯмак расонидан ба зарардидагон;
- ҳифзи биноҳо, ёдгориҳои таърихӣ, иншооту мавзеъҳое, ки дорои аҳамияти миллӣ, давлатӣ ва фарҳангӣ мебошанд;
- баланд бардоштани савияи маърифати сиёсию ҳуқуқии шаҳрвандон.

**Моддаи 6. Тартиби таҳияи фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

1. Фармоиши иҷтимоии давлатӣ дар шакли барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ таҳия ва пешниҳод карда мешавад. Барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ ҳар сол пеш аз таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли оянда бо роҳи интихоби масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои он, ки амалӣ намудани фармоиши иҷтимоии давлатии соҳаи мушаххас дар салоҳияти онҳост, бо ҷалби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқиашон, таҳия карда мешаванд.

2. Ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоие, ки ба салоҳияти якчанд сохторҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дохил мешаванд, метавонанд дар доираи як барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ пешниҳод карда шаванд.

3. Барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ бояд дорои чунин маълумот бошанд:

- собит кардани масъала аз лиҳози вазъи мавҷуда ва таҳлили илмию иқтисодии ҳолати аввала;
- вазифаҳои асосӣ, давра ва мӯҳлати иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ;
- тартиби иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ;
- номи мушаххаси фармоишгари иҷтимоии давлатӣ оид ба иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ;
- маълумот дар бораи маҷмӯи маблағгузорӣ, захираҳои моддию меҳнатӣ ва манбаи таъмини онҳо;
- дурнамо ва натиҷагирии пешакии чашмдошти иҷтимоию иқтисодии барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ дар сурати амалӣ гардонидани онҳо;
- пешниҳоди назорати рафти иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ;
- дигар ҳуҷҷату мавод, ки барои тасдиқи барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ зарур мебошанд.

**Моддаи 7. Ҷойгиркунии фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

1. Фармоишгари иҷтимоии давлатӣ чораҳои марбут ба интихоби иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ ва аз ҷониби тарафҳо

баста шудани шартномаро иҷро намуда, масъалаи пешбинӣ намудани маблағгузории онро дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли оянда пешниҳод менамояд.

2. Номгӯи соҳаҳои афзалиятноки фармоиши иҷтимоии давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян менамоянд.

3. Иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ дар асоси озмун интихоб карда мешавад. Шарту тартиби баргузории озмунро фармоишгари иҷтимоии давлатӣ муайян карда, дар воситаҳои ахбори омма нашр менамояд. Ба ҳайати ҳакамони озмун намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои онҳо, ки бевосита ба иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоии мазкур вобастаанд, шомил мегарданд. Ҳамчунин ба ин ҳайат мутахассисон, экспертҳо, намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ низ метавонанд ҷалб карда шаванд. Ғолиби озмун иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ ҳисобида мешавад ва бо фармоишгари иҷтимоии давлатӣ шартнома мебандад.

4. Низомномаи намунавӣ дар бораи баргузории озмун барои иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

5. Дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо мақоми ваколатдори давлатӣ маблағгузории фармоиши иҷтимоии давлатиро ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли оянда пешбинӣ намуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро барои тасдиқ пешниҳод мекунад.

**Моддаи 8. Шартнома оид ба иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

1. Шартномае, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон байни фармоишгари иҷтимоии давлатӣ ва иҷрокунанда баста шудааст, ҳуҷҷати асосӣ ба ҳисоб рафта, ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти онҳоро муайян менамояд, муносибатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилию техникии тарафҳоро ба танзим медарорад.

2. Баҳсҳои байни иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоӣ ва фармоишгари иҷтимоии давлатӣ ҳангоми бастани шартнома бавуҷудомада, иҷрои шартнома ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба матни он ё бекор кардани шартнома оид ба иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ, инчунин ҷуброни зарари моддӣ ва ё маънавӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

**Моддаи 9. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои фармоишгар ва иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

1. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо барои иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ аз рӯи шартнома тибқи талаботи Қонуни мазкур муайян карда мешавад.

2. Фармоишгари иҷтимоии давлатӣ мувофиқи шартҳои шартнома иҷрокунандаро барои иҷрои он бо таҷҳизоти моддӣ ва захираҳои молиявӣ таъмин менамояд, мутобиқи талаботи Қонуни мазкур рафти иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатиро назорат мекунад, ба мақомоти дахлдор оид ба иҷрои он ҳисобот медиҳад ва дар воситаҳои ахбори омма ҳисоботи солонаи иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатиро нашр менамояд.

3. Иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ вазифадор аст, ки маблағи гирифтаашро танҳо барои иҷрои ӯҳдадориҳои шартнома харҷ намояд ва ҳуқуқ дорад барои иҷрои корҳои пешбининамудаи шартнома шахсони сеюмро ҷалб кунад. Ҳамчунин дар ин ҳолат ӯ дар назди фармоишгари иҷтимоии давлатӣ пурра ҷавобгар мебошад.

**Моддаи 10. Маблағгузории фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

Фармоиши иҷтимоии давлатӣ аз ҳисоби манбаъҳои зерин маблағгузорӣ карда мешавад:

- маблағи буҷети давлатӣ;
- маблағ ва захираҳои дигари моддию молиявие, ки иҷрокунанда ҷалб намудааст;
- саҳмгузории ихтиёрии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқии онҳо;
- дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

**Моддаи 11. Назорати иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

Назорати иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ ва фармоишгари иҷтимоии давлатӣ дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

**Моддаи 12. Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқиашон, барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 13. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
31 декабри соли 2008 № 482

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ»

Бо мақсади ривоҷ додани эҳсонкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти эҳсонкориро муқаррар намуда, шаклҳо, мақсадҳои асосӣ ва роҳу воситаҳои имконпазири дастгирии онро аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ муайян мекунад, ҳамчунин хусусиятҳои таъсиси ташкилотҳои эҳсонкорӣ ва фаъолияти онҳоро бо роҳи ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва маънавии субъектҳои дар фаъолияти эҳсонкорӣ иштирок дошта, дастгирӣ мекунад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

Фаъолияти эҳсонкорӣ - фаъолияти ихтиёрии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиест, ки бо расонидани кӯмаки (дастгирии) моддӣ ё дигар намуди кӯмак, аз ҷумла ба тарзи беғаразона (ройгон ё бо шартҳои имтиёзнок) ба шахсони воқеии мӯҳтоҷи чунин ёрӣ ё шахсони ҳуқуқие, ки бевосита машғули чунин ёрирасонианд, аз ҷумла ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ додани молу амвол ва маблағҳои пулӣ, беғаразона иҷро намудани корҳо ва расонидани хизмат, ё фаъолияти илмӣ, таълимӣ, маърифатӣ ё дигар шакли фаъолият, ки ба манфиати ҷамъият ба амал бароварда мешавад, алоқаманд мебошад.

Ташкилоти эҳсонкорӣ - ташкилоти ғайридавлатӣ, ғайритиҷоратиест, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис шуда, барои иҷрои мақсадҳои эҳсонкорӣ барпо гардидааст ва мақсади асосии фаъолияти он эҳсонкорӣ буда, ба манфиати ҷамъият ё шахсони алоҳида амалӣ мегардад.

Барномаи эҳсонкорӣ - маҷмӯи чорабиниҳо бо мақсади амалӣ гардонидани фаъолияти эҳсонкорӣ оиди ҳалли масъалаҳои аниқи иҷтимоӣ, ки ҷавобгӯи вазифаҳои оинномавии ташкилотҳои эҳсонкорӣ

мебошанд. Барномаи эҳсонкорӣ сметаи эҳтимолии даромадҳо ва хароҷотҳои нақшавиро дарбар мегирад, ки бевосита барои нигаҳдории ташкилоти эҳсонкорӣ (аз он ҷумла маоши кормандоне, ки дар амалигардонии барномаҳо банд ҳастанд) равона карда мешавад.

Эҳсонкорон - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки фаъолияти эҳсонкориро бо чунин шаклҳо ба ҷо меоранд:

- беғаразона (ройгон ё бо шартҳои имтиёзнок) додани молу амвол, аз он ҷумла маблағҳои пулӣ ва обектҳои моликияти ақлонӣ ҳамчун моликият;

- беғаразона (ройгон ё бо шартҳои имтиёзнок) додани ҳуқуқи соҳибӣ намудан, истифода ва ифодакунии ҳама гуна объектҳои ҳуқуқи моликият дошта;

- беғаразона (ройгон ё бо шартҳои имтиёзнок) иҷро намудани корҳо, расонидани хизмат ба эҳсонкорон - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

Эҳсонкорон ҳуқуқ доранд мақсадҳо ва тартиби истифодабарии хайрияи худро муайян намоянд.

Эҳсонгирҳо - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба манфиати онҳо фаъолияти эҳсонкорӣ амалӣ гардонида мешавад.

Ихтиёриён - шахсони воқеие, ки фаъолияти эҳсонкориро дар шакли меҳнати ройгон ба манфиати эҳсонгирҳо, аз ҷумла ба манфиати ташкилотҳои эҳсонкорӣ ба ҷо меоранд. Ташкилоти эҳсонкорӣ метавонад хароҷотҳои ихтиёриёнро, ки бевосита ба фаъолияти онҳо дар ин ташкилот вобастаанд (хароҷоти сафарҳои корӣ, роҳкиро ва ғайра) пардохт намояд.

Фонди эҳсонкорӣ - ташкилоти беузвияти эҳсонкорӣ, ки аз тарафи шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ дар асоси саҳми ихтиёрии амволӣ таъсис дода шудааст ва мақсад аз он эҳсонкорист.

Грантҳо - амволе (аз ҷумла маблағҳои пулие), ки ба шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ барои амалӣ гардонидани барномаҳо ва лоиҳаҳо ба тарзи бебозгашт дода мешаванд.

Хайрия - кӯмаки ихтиёрии бебозгаште, ки дар шакли пулӣ ва ё дигар шакл ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ё ба шахсони воқеӣ, ки ба ин кӯмак муҳтоҷанд, бо мақсадҳои эҳсонкорӣ ба тартиби муайянкардаи Қонуни мазкур дода мешавад.

Ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки ташкилотҳои эҳсонкорӣ ташкил мекунанд - ташкилотҳое, ки даромади худро ба мақсади фаъолияти эҳсонкорӣ равона мекунанд ва муассисони (иштирокчиёни) онҳо танҳо ташкилотҳои эҳсонкорӣ мебошанд.

**Моддаи 3. Мақсадҳои фаъолияти эҳсонкорӣ**

Ба фаъолияти эҳсонкорӣ инҳо дохиланд:

- дастгирии иҷтимоӣ, мутобиқат ва ҳимояи шахсони воқеӣ, аз ҷумла бехтаркунии вазъи моддӣ, офияти иҷтимоии бекорон,

корношоямон, маъюбон ва дигар шахсон, ки бо сабаби хусусиятҳои ҷисмонӣ ва ақлонии худ ё дигар ҳолатҳо мустақилона ҳуқуқ ва манфиатҳои худро ба амал бароварда наметавонанд;

- ёрӣ ба оилаҳои серфарзанд ва камбизоат ё шахсони воқеии муҳтоҷи мутобиқати иҷтимоӣ ё ҳифзи иҷтимоӣ;

- ёрӣ ба бачаҳое, ки падару модар (волидайн) надоранд, ба муассисаҳои бачагона, инчунин дигар ташкилотҳое, ки чунин бачагонро нигоҳубин мекунанд;

- ёрӣ ба модарону кӯдакон оид ба мусоидати ҳимояи онҳо;

- баланд бардоштани обрӯ ва мақоми оила дар ҷомеа;

- ёрӣ ба маъюбону пиронсолон ё ташкилотҳое, ки ба нигоҳубини онҳо машғуланд;

- ёрӣ ба зарардидагон аз офатҳои табиӣ, экологӣ, саноатӣ ё фалокатҳои дигар, низоъҳои иҷтимоӣ, миллӣ, мазҳабӣ, инчунин қурбониҳои ҷазодиҳӣ (репрессия), гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ;

- дастгирӣ ба шахсони воқеии муҳтоҷи ёрии тиббӣ ё нигоҳубини махсус дар шакли пардохти музди хизматрасонии тиббӣ ё хизматҳои вобаста ба он (аз ҷумла хароҷоти рафту омад то маҳалли расонидани чунин хизмат) ё ба ташкилотҳои дорои мақоми муассисаи тиббӣ;

- мусоидат барои фаъолият дар соҳаи пешгирӣ ва ҳифзи саломатии шаҳрвандон, инчунин тарғиботи тарзи ҳаёти солим, беҳгардонии вазъи маънавию рӯҳии шаҳрвандон;

- мусоидат ба фаъолияти муассисаҳои соҳаи маориф, илм, фарҳанг, санъат, маърифат ва инкишофи маънавии шахсият, аз ҷумла таъсиси стипендияҳо;

- мусоидати фаъолият дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши оммавӣ;

- ҳифзи аҳолӣ ва ҳифзи муҳити зист аз олудашавӣ ё таъсири дигари зараровар;

- ёрӣ ба муассисаҳои пенитенциарӣ (ислоҳотӣ), агар фаъолияти онҳо барои беҳбуд бахшидани шароитҳои нигоҳдорӣ ё хизматрасонии тиббии маҳкумон равона шуда бошанд;

- мусоидат барои пойдории сулҳ, дӯстӣ, хамдигарфаҳмии байни халқҳо, пешгирии низоъҳои иҷтимоӣ, миллӣ ва мазҳабӣ;

- ҳифз ва дар ҳолати муносиб нигоҳдории биноҳо, объектҳо ва минтақаҳои дорои аҳамияти таърихӣ, динию оинӣ ва фарҳангӣ;

- мақсадҳои дигари аҳамияти иҷтимоӣ дошта, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

**Моддаи 4. Ҳуқуқ барои фаъолияти эҳсонкорӣ**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд бемонеа фаъолияти эҳсонкориро дар асоси ихтиёрӣ ва озодии интихоби мақсадҳои нафъи умумӣ ба амал бароранд.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд озодона фаъолияти эҳсонкориро алоҳида ё дар муттаҳидӣ, бо роҳи таъсиси ташкилотҳои эҳсонкорӣ ва ё бе таъсиси он ба амал бароранд.

Ҳеҷ кас ҳуқуқи маҳдуд кардани интихоби озодонаи мақсадҳои фаъолияти эҳсонкорӣ ва тарзи иҷрои онҳоро, ки Қонуни мазкур муқаррар кардааст, надорад.

**Моддаи 5. Иштирокчиёни фаъолияти эҳсонкорӣ**

Иштирокчиёни фаъолияти эҳсонкорӣ инҳоанд:

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияти эҳсонкориро ба амал мебароранд, аз ҷумла бо роҳи дастгирии ташкилоти мавҷуда ё таъсиси ташкилоти нави эҳсонкорӣ (эҳсонкорон, ихтиёриён);
- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои манфиати онҳо фаъолияти эҳсонкорӣ ба амал бароварда мешавад (эҳсонгирҳо).

**Моддаи 6. Ташкилоти эҳсонкорӣ**

Ташкилоти эҳсонкорӣ - ташкилоти ғайридавлатӣ, ғайритиҷоратие мебошад, ки ба мақсадҳои иҷрои фаъолияти эҳсонкорӣ таъсис шуда, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти эҳсонкорӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар ҳолати зиёд шудани қисми даромади ташкилоти эҳсонкорӣ аз хароҷотҳо, он маблағи барзиёд набояд байни муассисони онҳо тақсим шавад, балки барои амалӣ гардонидани мақсадҳое, ки ба хотири онҳо ташкилоти эҳсонкорӣ таъсис шудааст, равона карда мешавад.

**Моддаи 7. Шаклҳои ташкилотҳои эҳсонкорӣ**

Ташкилотҳои эҳсонкорӣ ба шакли ташкилотҳои ҷамъиятӣ (иттиҳодияҳо), фондҳо, муассисаҳо ва дигар шаклҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти эҳсонкорӣ пешбинӣ намудааст, ташкил карда мешаванд.

Ташкилоти эҳсонкорӣ мумкин аст ба шакли муассиса ташкил ёбад, агар муассиси он ташкилоти эҳсонкории дигаре бошад.

## БОБИ 2. ТАРТИБИ ТАШКИЛДИҲӢ, АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ТАШКИЛОТИ ЭҲСОНКОРӢ

**Моддаи 8. Муассисони ташкилоти эҳсонкорӣ**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, вобаста ба шаклҳои ташкилоти эҳсонкорӣ, муассиси он шуда метавонанд.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ, инчунин корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳо муассиси ташкилоти эҳсонкорӣ шуда наметавонанд.

**Моддаи 9. Барпо кардани ташкилоти эҳсонкорӣ**

Ташкилоти эҳсонкорӣ мумкин аст бо роҳи таъсис додан ё бо роҳи азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ (муттаҳид, ҳамроҳ, тақсим, ҷудо кардан, табдил додан) барпо карда шавад.

Барпо кардани ташкилоти эҳсонкорӣ бо роҳи таъсисдиҳӣ бо қарори муассисон (муассис) амалӣ гардонида мешавад.

Ташкилоти эҳсонкорӣ аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барпошуда ба ҳисоб рафта, шахси ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

**Моддаи 10. Оинномаи ташкилоти эҳсонкорӣ**

Оинномаи ташкилоти эҳсонкорӣ бояд инҳоро пешбинӣ намояд:

- ном, мақсад ва вазифаҳои ташкилоти эҳсонкорӣ;
- сохтори ташкилоти эҳсонкорӣ, мақомоти роҳбарикунанда ва назорату тафтиши ташкилоти эҳсонкорӣ;
- шартҳо ва тартиби ба даст овардан ва гум кардани узвияти ташкилоти эҳсонкорӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои аъзои ташкилоти мазкур дар ташкилотҳое, ки узвият доранд;
- ҳуқуқ ва вазифаҳои ташкилоти эҳсонкорӣ;
- салоҳият ва тартиби ташкили мақомоти ташкилоти эҳсонкорӣ, мӯҳлатҳои ваколатҳои онҳо, маҳаллӣ воқеъ гардидани мақоми доимамалкунанда;
- тартиби дохил намудани тағйирот ва иловаҳо дар оинномаи ташкилоти эҳсонкорӣ;
- манбаи ташкилёбии воситаҳои пулӣ ва дигар амволи ташкилоти эҳсонкорӣ, ҳуқуқи ташкилоти эҳсонкорӣ ва воҳидҳои сохтории он дар идоракунии амвол;
- тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳам додани ташкилоти эҳсонкорӣ;
- қоидаҳои дигаре, ки қонунгузорӣ пешбинӣ кардааст.

**Моддаи 11. Ба қайди давлатӣ гирифтани ташкилоти эҳсонкорӣ**

Бақайдгирии давлатии ташкилоти эҳсонкорӣ, дар асос ва бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Аз рӯи қарори мақомоти бақайдгиранда дар бораи рад кардани бақайдгирии ташкилоти эҳсонкорӣ, инчунин саркашӣ аз бақайдгирӣ бо тартиби судӣ шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 12. Мақоми олии идоракунии ташкилоти эҳсонкорӣ**

Мақоми олии идоракунии ташкилоти эҳсонкорӣ, мақоми дастаҷамъии он (маҷлиси умумӣ мебошад, ки бо тартиби муайянкардаи оинномаи ташкилоти эҳсонкорӣ ташкил карда мешавад.

Қарорҳо дар бораи барпо кардани ташкилоти эҳсонкорӣ ва тасдиқи оинномаи он дар маҷлиси умумӣ қабул карда мешаванд.

Ба ваколати истисноии мақоми олии идоракунии ташкилоти эҳсонкорӣ инҳо дохил мешаванд:

- тағйир додани оинномаи ташкилоти эҳсонкорӣ;
- созмон додани мақомоти иҷроияи ташкилоти эҳсонкорӣ, мақомоти назоратӣ-тафтишотӣ ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани фаъолияти онҳо;
- тасдиқи барномаҳои эҳсонкорӣ;
- тасдиқи нақшаи солона, буҷети ташкилоти эҳсонкорӣ ва ҳисоботи солонаи он;
- қабули қарорҳо оид ба таъсиси ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, оиди иштирок дар чунин ташкилотҳо, кушодани филиалҳо ва намояндагиҳо;
- қабули қарорҳо оид ба азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои эҳсонкорӣ (ба истисноi фондҳои эҳсонкорӣ).

Аъзоёни мақомоти олии ташкилоти эҳсонкорӣ ва шахсони масъули ташкилоти эҳсонкорӣ ҳуқуқ надоранд, ки вазифаҳои штатиро дар маъмурияти ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратие, ки муассиси (иштирокчии) онҳо ҳамин ташкилоти эҳсонкорӣ мебошад, ишғол намоянд.

**Моддаи 13. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилоти эҳсонкорӣ**

Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилоти эҳсонкорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Дар вақти барҳамдиҳии ташкилоти эҳсонкорӣ, амволи боқимондаи он, баъди иҷрои талаботи қарзхоҳон (кредиторҳо), барои мақсадҳои эҳсонкорӣ бо тартиби муқарраркардаи оинннома, ё бо қарори комиссияи барҳамдиҳӣ, агар тартиби истифодаи амволи ташкилоти эҳсонкорӣ дар оинномаи он пешбинӣ нашуда бошад, истифода мешавад.

## БОБИ 3. ШАРТҲО ВА ТАРТИБИ БА АМАЛ БАРОВАРДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТИ ЭҲСОНКОРӢ

**Моддаи 14. Фаъолияти ташкилоти эҳсонкорӣ**

Ташкилоти эҳсонкорӣ ҳуқуқ дорад фаъолияташро, ки барои иҷрои ҳадафҳои ба миён гузоштааш равона шудаанд, инчунин фаъолияти эҳсонкориеро, ки ҳамин Қонун пешбинӣ кардааст, ба амал барорад.

Ташкилоти эҳсонкорӣ ҳуқуқ дорад ба фаъолияти ҷалби захираҳо ва иҷрои амалиётҳои ғайритиҷоратӣ машғул шавад.

Ташкилоти эҳсонкорӣ ҳуқуқ дорад фаъолияти соҳибкориро танҳо барои ҳадафҳое, ки маҳз барои онҳо ва ба ҳамин ҳадаф марбут ташкил шудааст, анҷом диҳад.

Баҳри фароҳам овардани шароити моддие, ки барои бадастоварии ҳадафҳояш зарур мебошад, ташкилоти эҳсонкор ҳуқуқ дорад ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ таъсис диҳад. Иштироки ташкилоти эҳсонкорӣ дар ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ якҷоя бо шахсони дигар мумкин нест.

Ташкилоти эҳсонкорӣ ҳақ надорад маблағҳо ва амволи худро барои дастгирии ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо, гурӯҳҳо ва маъракаҳои сиёсӣ сарф намояд ва истифода барад.

**Моддаи 15. Филиалҳо ва намояндагиҳои ташкилоти эҳсонкорӣ**

Ташкилоти эҳсонкорӣ ҳуқуқ дорад дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо ташкил диҳад ва намояндагиҳои худро кушояд.

Ташкили филиалҳои ташкилоти эҳсонкорӣ ва кушодани намояндагиҳояш дар қаламрави давлатҳои хориҷӣ, мувофиқи қонунгузории ин давлатҳои ба амал бароварда мешавад, агар тартиби дигаре дар шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашуда бошад.

Филиалҳо ва намояндагиҳо шахсони ҳуқуқӣ ба хисоб намераванд ва амволеро соҳибанд, ки ташкилоти эҳсонкории онҳоро ташкил карда ба онҳо додааст ва дар асоси низомномаи аз тарафи онҳо тасдиқ шуда амал мекунанд. Амволи филиалҳо ва намояндагиҳо, дар баланс алоҳидаи онҳо, инчунин дар баланси ташкилоти эҳсонкории онҳоро таъсисдода ба ҳисоб гирифта мешавад.

Роҳбарияти филиалҳо ва намояндагиҳо аз тарафи мақомоти олии идоракунии ташкилоти эҳсонкорӣ таъин карда мешаванд ва дар асоси боварииномае, ки ташкилоти эҳсонкорӣ ба онҳо додааст, амал мекунанд.

Филиалҳо ва намояндагиҳо фаъолияти худро аз номи ташкилоти эҳсонкории онҳоро таъсисдода ба амал мебароранд. Ташкилоти

эҳсонкорие, ки филиалу намояндагиҳоро ташкил додааст, барои фаъолияти онҳо масъул мебошад.

**Моддаи 16. Иттиҳодияҳои (ассотсиатсия ва иттифоқҳо) ташкилотҳои эҳсонкорӣ**

Ташкилотҳои эҳсонкорӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқияшон, ҳуқуқ доранд дар асоси шартномаҳои таъсисӣ ва оиномаҳое, ки ташкилотҳои эҳсонкорӣ қабул кардаанд, барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои оинномавиашон, иттиҳодияҳо (ассотсиатсия ва иттифоқҳо) ташкил диҳанд, ки онҳо ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд.

Аъзои иттиҳодияҳои (ассотсиатсия ва иттифоқҳои) ташкилотҳои эҳсонкорӣ мустақилияти худ ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро нигоҳ медоранд.

Иттиҳодияҳои (ассотсиатсия ва иттифоқҳои) ташкилотҳои эҳсонкорӣ, аз рӯи ӯҳдадориҳои аъзои худ масъулият надоранд. Аъзои иттиҳодияҳо (ассотсиатсия ва иттифоқҳо) аз рӯи ӯҳдадориҳои он ба андоза ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияҳо (ассотсиатсия ва иттифоқҳо) пешбинигардида масъулияти субсидиарӣ доранд.

Таъсис, фаъолият, азнавташкилдиҳӣ ва барҳам додани иттиҳодияҳои (ассотсиатсия ва иттифоқҳои) ташкилотҳои эҳсонкорӣ, аз он ҷумла бо иштироки иттиҳодияҳои хориҷии ғайритиҷоратӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 17. Манбаҳои ташаккулёбии амволи ташкилоти эҳсонкорӣ**

Манбаҳои ташаккулёбии амволи ташкилоти эҳсонкорӣ инҳо шуда метавонанд:

- пардохти муассисони ташкилоти эҳсонкорӣ;
- ҳаққи аъзогӣ (барои ташкилотҳои эҳсонкории аз аъзоён иборатбуда);
- хайрияи эҳсонкорӣ, аз ҷумла хайрияи мақсаднок (грантҳои эҳсонкорӣ), ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба шакли пул ё мол додаанд;
- даромад аз амалиётҳои ғайритиҷоратӣ;
- даромад аз коғазҳои қимматнок;
- воридот аз фаъолияти соҳибкорие, ки мувофиқи ҳамин Қонун иҷозат шудааст;
- воридот аз фаъолияти ҷалби захираҳо (гузаронидани маъракаҳои ҷалби эҳсонкорон ва ихтиёриён, ташкили чорабиниҳои шавқангез, фарҳангӣ, варзишӣ, гузаронидани маъракаҳои ҷамъоварии хайрияи эҳсонкорӣ, лотореяҳо, аукционҳо) бо тартиби

муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчумин фурӯши амвол ва хайрияи аз эҳсонкорон омада, мувофиқи хоҳиши онҳо;

- воридот аз фаъолияти ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки ташкилоти эҳсонкор таъсис додааст;
- меҳнати ихтиёриён;
- дигар манбаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаасту ба амалӣ кардани фаъолияти асосии ташкилоти эҳсонкорӣ вобастааст.

**Моддаи 18. Амволи ташкилоти эҳсонкорӣ**

Дар ташкилоти эҳсонкорӣ ҳамчун моликият ё бо ҳуқуқи дигари амволӣ буда метавонанд: биноҳо, иншоот, таҷҳизот, маблағҳои пулӣ, коғазҳои қимматнок, захираҳои иттилоотӣ, натиҷаи фаъолияти ақлонӣ ва навъҳои амволи дигар, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муайян накарда бошад.

Ташкилоти эҳсонкор метавонад бо моликияти худ ё амволи дигари дар ихтиёраш буда доду гирифт намояд, ба шарте, ки ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаи ташкилот ва ҳуқуқи эҳсонкор мухолифат накунад.

Ташкилоти эҳсонкор ҳуқуқ надорад барои пардохти ҳаққи меҳнати кормандони маъмурию идоравиаш беш аз 20 фоизи маблағҳои молиявии дар соли молиявии ташкилот сарфшавандаро харҷ намояд.

Дар мавриде, ки эҳсонкор ё барномаи эҳсонкорӣ тартиботи дигар муқаррар карда бошад, на камтар аз 80 фоизи хайрияи эҳсонкорӣ ба шакли пул бояд барои мақсадҳои эҳсонкории дар давоми соли ин хайрияро гирифтааш истифода гардад. Хайрияи ба шакли мол омада бояд барои мақсадҳои эҳсонкорӣ дар давоми як соли гирифтани он истифода шавад, агар эҳсонкор ё барномаи эҳсонкорӣ тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

Амволи ташкилоти эҳсонкорӣ ба муассисони (аъзои) ин ташкилот нисбат ба шахсони дигар бо шартҳои имтиёзнок дода шуданаш мумкин нест (бо роҳи фурӯш, пардохти нархи мол, кор, хизмат ва шаклҳои дигар).

**Моддаи 19. Хароҷоти маблағҳои ташкилотҳои эҳсонкорӣ**

Маблағҳои ташкилотҳои эҳсонкорӣ мумкин аст барои мақсадҳои эҳсонкорӣ ва нигаҳдории ташкилоти эҳсонкорӣ равона карда шаванд.

Хароҷоти нигаҳдории ташкилот мумкин аст масорифи зайлро дарбар гирад:

- маоши кормандони маъмурию идорӣ;
- ҳиссаҷудокунӣ барои маош;

- хароҷоти дафтардорию хоҷагӣ;
- хароҷоти сафарҳои хизматӣ;
- харидории таҷҳизот ва асбобу анҷом;
- таъмири асосӣ ва ҷорӣ;
- пардохти иҷора;
- хароҷотҳои дигар (ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва ғайраҳо).

Хайрияҳои мақсадноки барои амалӣ кардани барномаҳои эҳсонкорӣ равона гардида, тибқи шартҳои ҳамин хайрия истифода мешаванд.

Маҳдудкунии хароҷоти маош барои пардохти ҳаққи меҳнати шахсони дар барномаҳои эҳсонкорӣ бандбуда, дахл надорад.

Маблағҳои барои дарҷи ҳисоботи фаъолияти ташкилоти эҳсонкорӣ, ҳамчунин барои гузаронидани тафтиши хатмии аудитории фаъолияти фондҳои эҳсонкорӣ сарфгардида, ҳамчун хароҷоти мақсадҳои эҳсонкорӣ ҳисобида мешаванд.

Ҷудо кардани маблағ аз буҷети ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, барои ташкилоти эҳсонкорӣ манъ аст.

**Моддаи 20. Барномаи эҳсонкорӣ**

Барномаи эҳсонкорӣ аз маҷмӯи чорабиниҳое иборат аст, ки мақоми олии идоракунии ташкилоти эҳсонкорӣ муқаррар кардааст ва барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси мақсадҳои оинномавии ин ташкилот мувофиқанд.

Барномаи эҳсонкорӣ сметаи воридоти эҳтимолӣ ва хароҷоти ба нақша гирифташавандаро (бо назардошти пардохти ҳаққи меҳнати шахсони дар амалигардонии барномаи эҳсонкорӣ ширкаткунанда) дарбар гирифта, марҳила ва мӯҳлатҳои амалигардонии онро муқаррар менамояд.

Барои бо маблағ таъмин кардани барномаҳои эҳсонкорӣ (бо назардошти хароҷоти таъминоти моддию техникӣ, ташкилӣ, пардохти ҳаққи меҳнати шахсони дар амалигардонии барномаҳои эҳсонкорӣ ширкаткунанда ва дигар хароҷоти ба амалигардонии барномаи эҳсонкорӣ алоқаманд) бояд на камтар аз 80 фоизи даромади соли молиявӣ истифода бурда шавад.

Ҳангоми иҷрои барномаҳои эҳсонкории дарозмуддат, маблағҳои бадастомада, дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи ин барномаҳо истифода мегарданд.

## БОБИ 4. КАФОЛАТИ ДАВЛАТӢ БА ФАЪОЛИЯТИ ЭҲСОНКОРӢ

**Моддаи 21. Дастгирии давлатии фаъолияти эҳсонкорӣ**

Ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - иштирокдорони фаъолияти эҳсонкориро, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, аз ҷониби давлат кафолат дода, таъмин карда мешаванд.

Шахсони мансабдоре, ки ба амалӣ шудани ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар иҷрои фаъолияти эҳсонкорӣ монеъ мешаванд, бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ, аҳамияти иҷтимоии эҳсонкориро эътироф намуда, метавонанд иштирокчиёни фаъолияти эҳсонкориро дар шакли зайл дастгирӣ кунанд:

- пешниҳод барои додани нишонҳои фахрӣ ва мукофотҳо;
- додани имтиёзҳо оиди пардохти андоз, боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар асоси озмун, бо маблағ таъминкунии барномаҳои эҳсонкорӣ;
- бепул ё бо назардошти имтиёзҳо ба моликияти ташкилотҳои эҳсонкор вогузор кардани амволи давлатӣ ё маҳаллӣ, дар ҷараёни ғайридавлатикунонӣ ё хусусигардонӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ.

Бо мақсади дастгирии фаъолияти эҳсонкорӣ, амалӣ гардонидани ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти маҳаллй ва ташкилотҳои эҳсонкорӣ, мумкин аст шӯроҳои (кумитаҳои) дастгирии эҳсонкориро дар ҳайати намояндаҳои мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия, ташкилотҳои эҳсонкорӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ходимони ҷамъиятӣ ташкил диҳанд. Ин шӯроҳо (кумитаҳо) нисбат ба иштирокдорони фаъолияти эҳсонкорӣ, ваколати ҳокимиятиро доро нестанд. Қарорҳои онҳо хусусияти тавсиявӣ дорад.

**Моддаи 22. Назорат ба фаъолияти ташкилоти эҳсонкорӣ**

Мақоми давлатие, ки ташкилоти эҳсонкориро ба кайд гирифтааст, ба риояи қоидаҳои оинннома оид ба мақсадҳои фаъолияти эҳсонкорӣ назорат мекунад. Ташкилоти эҳсонкорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии муҳосибӣ мебарад.

Ташкилоти эҳсонкор барои дастрас намудани ҳисоботи солонаи худ, аз ҷумла ба воситаҳои ахбори омма имконияти бемонеа медиҳад.

Маълумот дар бораи андоза ва сохтори даромадҳои ташкилоти эҳсонкорӣ, инчунин маълумот оиди андозаи амвол, хароҷоти он, шумораи кормандон, маоши онҳо, ҷалби ихтиёриён сирри тиҷоратӣ шуда наметавонад.

Назорат аз болои фаъолияти ташкилоти эҳсонкорӣ аз тарафи мақомоти назорати давлатӣ, дар доираи салоҳияташон ба амал бароварда мешавад.

Баҳсҳо байни ташкилоти эҳсонкорӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ, ки ба ин ташкилот барои ҳаддафҳои эҳсонкорӣ маблағ додаанд, оиди истифодаи ин маблағҳо бо тартиби судӣ халлу фасл мешаванд.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 23. Ба амал баровардани фаъолияти эҳсонкории байналмилалӣ**

Иштирокдорони фаъолияти эҳсонкорӣ метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон фаъолияти байналмилалии эҳсонкориро ба амал баронанд.

Фаъолияти байналмилалии эҳсонкорӣ бо роҳи дар лоиҳаҳои байналмилалии эҳсонкорӣ, дар кори ташкилотҳои байналмилалии эҳсонкорӣ, ҳамкорӣ бо шарикони бурунмарзӣ дар доираи фаъолияти марбутаи эҳсонкорӣ, инчунин бо шаклҳои дигари дар амалияи байналмилалӣ қабулгардида ва ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳою принсипҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мухолифат надошта ба амал бароварда мешавад.

Ташкилоти эҳсонкорӣ ҳуқуқ дорад дар муассисаҳои бонкии давлатҳои дигар, мувофиқи қонунгузории онҳо суратҳисобҳо кушояд.

Ташкилоти эҳсонкорӣ барои гирифтани хайрияи эҳсонкорӣ аз шаҳрвандони хориҷӣ, шаҳрвандони бетабаа, инчунин аз ташкилотҳои хориҷию байналмилалӣ ҳуқуқ дорад. Истифодаи хайрияи мазкур бо тартиби иҷозатдодаи ҳамин Қонун ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 24. Фаъолияти эҳсонкории шаҳрвандони хориҷӣ, шаҳрвандони бетабаа, ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Шаҳрвандони хориҷӣ, шаҳрвандони бетабаа, ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ, метавонанд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи талаботи ҳамин Қонун дар фаъолияти эҳсонкорӣ иштирок дошта бошанд.

**Моддаи 25. Ҷавобгарӣ барои вайронкунии Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки талаботи Қонуни мазкурро вайрон намудаанд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 26. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 22 апрели соли 2003 №18
ш. Душанбе

# ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ОЗОДИИ ИТТИҲОДИЯҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе – 2013

**Ройгон паҳн карда мешавад**

Ба чоп имзо шуд:
Чопи офсети, чузъи чопӣ:11,25
Супориши №182 Адади нашр: 100
ҶДММ “Позитив сервис”
Душанбе, к. Бохтар 21-4